**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

*УДК: 338.1* *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**КАРМЫШЕВА МАЙСАРА НАЗРУЛЛОЕВНА**

# БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Назирӣ Гулбаҳор Назир

**Душанбе - 2023**

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

ММД – Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

$Ҳ_{М}$ – ҳосилнокии меҳнат

ҲМ – ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда

ШМ – шумораи захираҳои меҳнати истифодашуда

$Ҳ_{МП}$ – ҳосилнокии меҳнат бо ифодаёбии пулӣ

ҲМп – ҳаҷми маҳсулоти истеҳсол шуда бо ифодаёбии пулӣ

ШМ – шумораи захираҳои меҳнати истифодашуда

ШЗМ – шумораи захираҳои меҳнатии дар иқтисодиёти миллӣ истифодашуда

МС – коркарди маҳсулоти соҳа ба ҳар сари коргари дар соҳаи додашуда машғули меҳнат буда

ҲМС – ҳаҷми маҳсулоти соҳа бо ифодаёбии пулӣ

$М_{ғ}$-меҳнатғунҷоиши истеҳсолот

ТИМ- ташкили илмии меҳнат

ШДХ-шарикияти давлатию хусусӣ

СУМ- созмони умумиҷаҳонии меҳнат

ТҲИР- ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд

$МИМ_{П}$ – маҳсулоти интиҳоии меҳнат бо ифодаёбии пулӣ

$\Delta ҲМ_{П}$ – тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот бо ифодаёбии пулӣ

ΔШМ – тағйирёбии шумораи меҳнати истифодашуда дар истеҳсолот

МИМ – маҳсулоти интиҳоии меҳнат бо ифодаёбии пулӣ

$\boldsymbol{\varepsilon}_{ШМ}^{ҲМ}$ – чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат

$E_{L}^{A}$ – коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** ........................................................................................ 4

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ** ........................................................................ 17

1.1. Табиати иҷтимоӣ-иқтисодии захираҳои меҳнатӣ ..................................... 17

1.2. Нишондиҳандаҳои асосии истифодаи самаранокии захираҳои меҳнатӣ 31

1.3. Таҷрибаи хориҷии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ................ 47

**БОБИ II. ВАЗЪИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** .................. 63

2.1. Омилҳои ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 63

2.2. Таҳлили истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёт. .................. 80

2.3. Баҳодиҳии нишондодҳои истифодаи захираҳои меҳнатӣ .......................... 95

**БОБИ III. САМТҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ** ................................................. 115

3.1. Инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ дар шароити муосир .................115

3.2. Самтҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии захираҳои меҳнатӣ... 133

3.3. Такмили низоми танзими давлатии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ..... 149

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО** .................................................................... 166

**РӮИХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** ........................................... 171

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**. Дар шароити ҳукмронии иқтисодиёти бозорӣ истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва ҷалби онҳо ба соҳаҳои мухталиф таҳлил ҳаматарафа ва такомулро талаб менамояд. Захираҳои меҳнатӣ, ки бештар аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъоли мамлакатро ифода менамояд, пешниҳоди қувваи кориро ташкил менамояд, ки барои истеҳсоли мол ва хизматҳо зарур мебошад.

Дар сохтори омилҳои истеҳсолот ба захираҳои меҳнатӣ ҳақиқатан ҳам нақши калидӣ вобаста карда шудааст. Маълум аст, ки меҳнат аз дорандаи он – инсон ҷудонашаванда мебошад. То ҳатто дар марҳилаи пойдоршавии илми иқтисодӣ ақидае вуҷуд дошт, ки захираҳои меҳнатӣ сарчашмаи боигарии ҷамъиятро ифода карда, асоси тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҳама низомҳои иқтисодӣ мебошад.

Дар илми иқтисодӣ ва амалия ақидае вуҷуд дорад, ки мувофиқи он байни захираҳои меҳнатӣ ва тараққиёти иқтисодӣ алоқамандии микдорӣ ва сифатӣ вуҷуд дорад. Алоқамандии микдорӣ дар афзоиши эҳтиёҷот ба омилҳои меҳнат ҳангоми рушди иқтисодӣ ва коҳишёбии он дар давраи бӯҳрон вуҷуд дорад. Инчунин мавҷудияти шумораи зиёди захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёт барои тараққиёт ва ҷойгиркунии намудҳои меҳнатталаби истеҳсолот сабаб мешавад.

Алоқамандии сифатӣ пеш аз ҳама бо талаботҳои хоҷагии халқ ба ҳайати касбӣ ва сатҳи тайёрии иқтидори кадрӣ вобастагӣ дорад. Дар навбати худ мавҷудияти кадрҳои муайян бо сатҳи тайёрии мувофиқ барои васеъшавии намудҳои алоҳидаи истеҳсолот мусоидат менамояд.

Афзоиши шуморавии захираҳои меҳнатӣ имкониятҳои истеҳсолии иқтисодиёти миллиро васеъ мегардонад. Лекин, ба ин нигоҳ накарда дар аксарияти ҳолатҳо вазъияте ба назар мерасад, ки дар он афзоиши захираҳои меҳнатӣ бо васеъшавии имкониятҳои истеҳсолии мамлакат ва баландшавии сатҳи шуғлнокӣ ҳамрадиф намебошад. Бинобар ҳамин ақидаи олимон оид ба васеъшавии автоматии имкониятҳои истеҳсолӣ аз ҳисоби афзоиши захираҳои меҳнатӣ ба

пуррагӣ ба воқеъияти аслии иқтиосдиёти муосири Тоҷикистон мувофиқат намекунад. Самараи мусбат аз афзоиши захираҳои меҳнатӣ метавонад ҳангоми мавҷудияти қобилияти соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ барои таъмини онҳо бо ҷойҳои корӣ ва истифодабарии самараноки онҳо ба назар расад. Табиатан захираҳои меҳнатӣ ҳамчун яке аз шартҳои васеъшавии такрористеҳсол мушоҳида карда мешавад. Бинобар ҳамин аз самаранокии истифодабарии онҳо, истифодаи оқилонаи иқтидори истеҳсолӣ бахри ба даст овардани маҳсулоти ҳадди аксари имконпазир вобастагӣ дорад. Дар ин ҷода, нақши асосиро бо баробари тавсифи миқдорӣ таркиби сифатии захираҳои меҳнатӣ низ иҷро менамоянд.

Бинобар ҳамин, дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бояд тамоми шароитҳо барои афзоиши маҳсулнокии меҳнат таъсис дода шаванд. Яъне ҷалб намудани захираҳои меҳнатии нав ба гардиши хоҷагии халқ ҳамавақт бояд бо баландшавии самаранокии истифодабарии онҳо ҳамрадиф бошад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои объективона асосёфтаи истифодабарии захираҳои меҳнатӣ муҳимият ва саривақтии таҳқиқот муайян карда мешавад. Азбаски дар доираи як диссертатсия тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллиро фаро гирифтан ниҳоят мушкил мебошад, бинобар ҳамин дар таҳқиқоти худ мо асосан ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои саноат ва кишоварзии мамлакат аҳамият махсус зоҳир намудем.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзуъ.** Зарурати таҳқиқи истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои он дар асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ дарҷ ёфтаанд.

Дар асарҳои классикони илми иқтисодӣ А. Смит, Д. Рикардо, У. Петти, Ф. Кэне, К. Маркс, А. Маршал ва дигарон диққати марказӣ ба истифодаи захираҳои меҳнатӣ ҳамчун унсури асосии истеҳсолкунандаи арзиши изофа зоҳир карда шудааст.

Барои кишварҳои Ғарб хусусиятҳои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар корҳои илмии Тодаро М.П., Л. Туроу, У. Боуен, Долан Э.Ҷ., Линдсей Д. Бегг Д., Дорнбуш Р., Фишер С., Шмалензи К., Махлуп Ф. ва дигарон ифодаи худро ёфтаанд. Асарҳои илмии олимони номбурда ба самти истифодабарии оқилонаи

захираҳои меҳнатӣ таъсири ҷиддӣ расониданд. Масъалаҳои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ аз тарафи олимони Русия ба монанди: Аганбегян А.Г., Одегов Ю.Г., Карташова Л.В., Горбунова О.Н., Моргунов Е., Кибанов А.Я., Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б., Травин В.В., Щекин Г. В., Качан Е.П., Токарева В.В., Рыжков Д.А., Махмадаминов М., Колесникова С.В., Воропаева Н.В., Гиниева С.Б., Козлов А.А., Дейнека А.В., Зимнякова Т.С., Самусенко С.А., Масыч М.А., Паничкина М.В ва дигарон тадқиқ карда шудаанд. Ба шумораи олимони ватанӣ, ки бо таҳқиқи муаммоҳои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ саҳм гузоштаанд, шахсони зеринро номбар кардан мумкин аст: академикон Раҳимов Р.К., Қаюмов Н.К., Назаров Т.Н. дар асарҳои худ оид ба истифодабарии захираҳои меҳнатӣ аз ҷиҳати таъмини рушди иқтисодӣ таҳқиқот бурдаанд, Саидмуродов Л.Ҳ. ба истифодаи захираҳои меҳнатӣ аз нигоҳи иқтисодиёти кушоди хурд назар менамоянд, Усмонова Т.Ҷ. захираҳои меҳнатиро аз ҷиҳати пойдоршавии бозори меҳнати миллӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд, Нурмаҳмадов М. оид ба масоили идоракунии бозори меҳнат ва ташкили илмии меҳнат таҳқиқот кардаанд, Ғаниев Т.Б. захираҳои меҳнатиро дар доираи ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ таҳқиқ кардаанд, Носиров Э.М. дурнамои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои солҳои 1998-2000, Маҷидов А.М. муаммоҳои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар хоҷагии халқ ва баланд намудани самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, Яҳёев О.Д. механизмҳои таъминоти рушди устувори захираҳои меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комилов С.Ҷ. роҳҳои ташаккулёбии шуғли босамари захираҳои меҳнатии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ, Гадоев А.Ҷ. ташаккул ва рушди механизми бозори меҳнат дар шароити зудҳаракатии захираҳои меҳнатӣ, Солихов К.М. роҳҳои баланд бардоштани самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар деҳот, Мирзоалиев А.А. оид ба мониторинги муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва идоракунии рушди иқтидори кадрӣ, Сангов Ҳ.Г. истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Назарова О.К. муаммоҳои иқтисодӣ-географии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатии ноҳияҳои иқтисодии

Ҳисор, Раҳимов У.Ҷ. самаранокии идоракунии захираҳои инсонӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, Гулов И.Ҳ. такомули сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хоналиев Н. ҷойгиркунии саноат ва муаммоҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистон, Сабуров Ш.А. нақши соҳибкорӣ дар баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатии хоҷагии қишлоқ, Борисова Л.И. омилҳои макроиқтисодии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Югай М.А. тадқиқи моделҳои математикии иқтидори захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти тақсимоти синну сол ва ҷинсии аҳолӣ, Тоҳирҷонов Б.Т. такомули идоракунии такрористеҳсол ва истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар хоҷагии қишлоқ, Олимӣ А.Л. самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар хоҷагии қишлоқи минтақаи бо барзиёдии меҳнат тавсиф мешуда, Зубов А.Н. роҳҳои баланд намудани самаранокии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сафаров Б.Ҳ. самтҳои ташаккулёбии устувори захираҳои инсонӣ ва бахши аграрии Тоҷикистон, Гинтер Ю.И. идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, Тоҷзод Д.Ҳ. муаммоҳои шуғл ва иситфодабарии захираҳои меҳнатӣ дар хоҷагии қишлоқ дар шароити пойдоргардии иқтисоди бозорӣ.

Шиносоӣ бо корҳои илмии олимони номбурда нишон медиҳад, ки дар онҳо масъалаҳои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ шароити иқтисодиёти бозори комил ва иқтисодиёти дар давраи гузариш қарордошта мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вале дар шароити амалигардонии стратегияи саноатикунонии босуръат дар шароити Тоҷикистон ҳанӯз ба таври мукаммалу васеъ таҳлилу таҳқиқ нашудаанд, ки зарурат, мубрамият ва мақсади таҳқиқоти мазкурро муайян намоянд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯъҳои илмӣ** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ равона шудааст. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот барои татбиқи Барномаҳои давлатӣ оиди мусоидат ба шуғли самараноки аҳолӣ, Стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

аҳамияти хоса дорад, ки то андозае самтҳои афзалиятноки истифодабарии захираҳои меҳнатиро пешбинӣ намуда, натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили минбаъдаи он равона мегардад. Натиҷаҳои диссертатсия барои дар амал татбиқ намудани Барномаҳои давлатӣ доир ба мусоидат намудан ба фарогирии ҳадди аксари захираҳои меҳнатӣ бо шуғл равона карда мешаванд.

**Тавсифи умумии таҳқиқот**

**Мақсади** диссертатсия аз коркарди пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ доир ба баланд намудани самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Мутобиқи мақсади гузошташуда, **вазифаҳои зерин** муқаррар карда шудаанд, ки дар инҳо ифода меёбанд:

- муайян намудани табиати захираҳои меҳнатӣ ва сохтори он;
- таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ;
- дар асоси таҳлили нишондодҳои гуногуни истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт ва муайян намудани дараҷаи самаранокии онҳо;
- таҳлил ва баҳодиҳии таъсири вазъи демографӣ ба ташаккули захираҳои меҳнатӣ;
- муайян намудани сабаб ва оқибатҳои истифодаи нопурраи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ;
- муқаррар намудани самтҳои афзалиятноки инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ;
- дарёфти роҳҳои асосии афзоиши маҳсулнокии захираҳои меҳнатӣ дар шароити муосир.

**Объекти таҳқиқот** истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ ва самтҳои баландбардории он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодӣ баромад мекунанд, ки дар ҷараёни истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт ба миён меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба ҳолате такя мекунад, ки дар шароити муосир дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, махсусан дар соҳаи саноат иқтидорҳои иловагӣ барои

истифодабарии самраноки захираҳои меҳнатӣ мавҷуд буда, истифодаи оқилонаи он дар асоси таъмини шуғли ҳадди аксар метавонад рушди соҳаҳои хоҷагии халқро ба самти пешравии куллан нав барорад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)** Кори диссертатсионӣ дар давоми солҳои 2022-2023 иҷро шуда, макони тадқиқот соҳаҳои саноат ва кишоварзии иқтисодиёти миллиро фаро гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳо, коркарди илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил менамоянд, ки ба масъалаҳои ташаккулёбӣ ва истифодабарии захираҳои меҳнатӣ бахшида шудаанд, инчунин пешниҳодҳои илмӣ-методӣ доир ба муайян намудани хусусият ва омилҳои ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва такомули фишанги давлатӣ барои истифодабарии оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ифода меёбанд, баромад мекунанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** маҷмуи тарзу усулҳои таҳлил ва омезиши ҳодисаҳо ва ҷараёнҳои иқтисодӣ ташкил намуда, дар **раванди тадқиқот** баҳодиҳии муқоисавӣ, омилӣ ва мантиқӣ, усулҳои гурӯҳбандӣ ва баҳодиҳии тараққиёти соҳаҳои саноати минтақавӣ, фарзияи илмӣ, таҳлил ва омезиш, усули идуксия ва дедуксия, аналогия, сабабӣ-оқибатӣ, таҳлили эмпирикӣ ва пешгӯикунӣ васеъ истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумоти диссертатсиониро** маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти омории доир ба вазъияти истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ нашргардида, маҷмӯаҳои ҳамасола, ки иттилоотро доир ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ фаро мегиранд, инчунин барномаҳои мақсадноки қабулгардида ва амалишаванда ташкил намуданд.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии сатҳи истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ташкил карданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он асос меёбад, ки дар диссертатсия барои таҳлил, баҳодиҳӣ ва такомули истифодабарии захираҳои меҳнатӣ муносибатҳои нави муосир пешкаш карда шудаанд. Нуқтаҳои асосие, ки навгонии диссертатсияро ифода менамоянд, инҳо мебошанд:

- Таносуби истиллоҳҳои “захираҳои инсонӣ”, “иқтидори меҳнатӣ”, “сармояи инсонӣ” ва “захираҳои меҳнатӣ” кушода дода шудаанд: захираҳои инсонӣ бе шубҳа ҷамъи шумораи аҳолии мамлакатро дар назар дорад, ки боигарии миллатро инъикос менамояд; иқтидори меҳнатӣ дар сатҳи корхонаи алоҳида муқаррар карда мешавад, зеро ин мафҳум ҳосили зарби шумораи меҳнати истифодашаванда ва вақти кориро ифода менамояд; сармояи инсонӣ бевосита бо ташаккулёбии қобилиятҳои гуногуни одамон алоқаманд аст; захираҳои меҳнатӣ шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли мамлакатро ифода карда, ҳамчун нишондиҳандаи захиравӣ (дар лаҳзаи муайяни вақт) муқаррар карда шуда, қобилияти иштирок дар ҷараёни такрористеҳсоли ҷамъиятӣ дар фосилаи давраи муайян доранд ва ё бо сабабҳои гуногун муваққатан иштирок намекунанд (дар шароити муайян тайёранд ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалб карда шаванд), инчунин бо нишондодҳои миқдорӣ ва сифатии тавсиф карда мешаванд.
- Нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар доираи корхона, соҳа, минтақа ва иқтисодиёти миллӣ муайян ва пешкаш карда шудаанд, ки истифодабарии онро дар асоси муносибатҳои захиравӣ, хароҷотӣ, арзишӣ, интиҳоӣ ва чандирнокӣ дар назар дошта, имконияти қабули қарорҳои сифатан ва ҳаматарафа дурустро дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ фароҳам меоваранд, бинобар ҳамин ба ин нишондиҳандаҳо аҳамияти хоса зоҳир кардан зарур аст, зеро чунин муносибат баҳри истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ равона карда шудааст.
- Вобаста ба омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ муқаррар карда шудааст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар таҷрибаи кишварҳои Хитой ва Ҷопон афзалтар ба ҳисоб меравад, зеро дар ин кишварҳо захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили асосии таъминоти рушди иқтисодӣ баромад карда, диққати махсус ба баланд намудани ҳаҷми захира ва фаъолгардонии сармоя барои баланд намудани тахассуснокии коргарон ва коркарди технологияҳои нав, баланд намудани салоҳиятнокии кормандон зоҳир карда мешавад, ки баланд намудани истифодабарии самараноки

меҳнат дар асоси баланд намудани дониш, малака ва қобилият таъмин карда мешавад.

- Барои баҳо додани таъсири вазъи демографӣ ба ташаккули захираҳои меҳнатӣ ҳисоб намудани коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатиро вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ коркард карда шудааст, ки бузургии он метавонад дар ҳолати аз 1 калон (ба ҳиссиёти калони тағйирёбии шумораи захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ шаҳодат медиҳад) ва аз 1 хурд (ба ҳиссиёти пасти тағйирёбии шумораи захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ шаҳодат медиҳад) бошад, чунин қоэффитсиент имкон медиҳад, ки новобаста аз тағйиротҳои меъёрҳои ҷудо намудани аҳолӣ ба аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар ва ҷавонони то синну соли қобили меҳнат, таъсири омили демографӣ дуруст баҳогузорӣ карда шавад.
- Дар асоси таҳлили эмпирикӣ бо истифода аз усули сababӣ-оқибатӣ, бо мақсади бартараф намудани сабабҳои пурра истифода нашудани захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ истифодаи саноатикунонии шуғли захираҳои меҳнатӣ муқаррар карда шуда, дар ин росто исбот карда шудааст, ки васеъшавии ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ метавонад ба коҳишёбии муҳоҷирати меҳнатӣ ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд, зеро дар бахши саноати миллӣ имкониятҳои истифоданашудаи калон вуҷуд доранд, ки фаъолгардонии онҳо қобилият дорад захираҳои меҳнатии баризофаро ҷалб намудан баҳри баланд намудани сатҳи шуғлнокӣ бо дарназардошти нишондодҳои маҳсулоти интиҳии меҳнат ва чандирнокии бароriш аз рӯи меҳнат барои рушди самараноки иқтисодиёти кишвар ва баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ мусоидат намояд.
- Самтҳои афзалиятноки инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ муайян карда шудаанд, ки чунин равандҳоро фарогир мебошад: таъминоти сифати баланди хизматрасониҳои таҳсилоти аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ; омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ; фаро гирифтани аҳолии бо шуғл машғулнабуда барои омӯзиши касбҳои мухталиф дар

доираи омодакунӣ ва аз навтайёркунии кадрҳо дар муассисаҳои таълимӣ дар муддатҳои кӯтоҳтарин; ҳангоми омодакуни мутахассисон ба инобат гирифтани талаботи бозори меҳнат ва хусусиятҳои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ; омодакунии мутахассисони сатҳи гуногун (маълумоти миёнаи махсус ва маълумоти олӣ) бо дарназардошти супоришҳои кордиҳандагон ва дар ин самт ҳамгироии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо истеҳсолкунандагон.

- Муқаррар карда шудааст, ки афзоиши маҳсулнокии меҳнат дар асоси паст намудани меҳнатғунҷоиши истеҳсолот, азнавкунии фондҳои истеҳсолӣ ва таҷдиди онҳо бо дарназардошти пешрафти илму техник, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ба ҷараёни итсеҳсолот ва ниҳоят беҳтаргардонии ташкили истеҳсолот, беҳтар гардидани истифодабарии вақти корӣ, яъне такомули меъёргузории меҳнат, коҳишёбии истифодабарии ғайриоқилонаи вақти корӣ ва бартараф намудани шахшавии истеҳсолот, мутобиқаткунии маҳсулоти интиҳоии меҳнат бо сатҳи музди меҳнати миёнаи пардохтшудаи коргарони кироя, ва истифодабарии оқилонаи захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти коҳишёбии ҳайати маъмурӣ ва тақсимоти самараноки ӯдадориҳо, паст намудани ҳиссаи кормандони ёрирасон, коҳишдиҳии ҳайати кормандони хизматрасон ва фирори кадрҳои баландихтисос, таъмин карда мешавад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- таносуби истиллоҳҳои "захираҳои инсонӣ", "иқтидори меҳнатӣ", "сармояи инсонӣ" ва "захираҳои меҳнатӣ" кушода дода шудаанд.
- нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар доираи корхона, соҳа, минтақа ва иқтисодиёти миллӣ муайян ва пешкаш карда шудаанд.
- муқаррар карда шудааст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ таҷрибаи кишварҳои Хитой ва Ҷопон афзалтар ба ҳисоб меравад.
- коэффитсенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ коркард карда шудааст, ки дар асоси он таъсири омили демографиро дуруст баҳогузорӣ карда мешавад.

- бо мақсади бартараф намудани сабабҳои пурра истифода нашудани захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ истифодаи саноатикунонии шуғли захираҳои меҳнатӣ муқаррар карда шудааст.

- самтҳои афзалиятноки инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ муайян карда шудаанд, ки омода намудани мутахассисонро дар муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ дар назар дорад.

- муқаррар карда шудааст, ки афзоиши маҳсулнокии меҳнат дар асоси паст намудани меҳнатғунҷоиши истеҳсолот, азнавкунии фондҳои истеҳсолӣ ва таҷдиди онҳо таъмин карда мешавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар инкишофи илмии таҳқиқоти захираҳои меҳнатӣ ба воситаи коркарди ҳолатҳои методологӣ оид ба истифодабарии оқилонаи онҳо дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва асоснок намудани мавҷудият ва ҳаматарафа истифодабарии иқтидори мавҷудбуда барои дар сатҳи ҳадди аксар истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва ба эътибор гирфтани хусусиятҳои иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ ва иҷрои вазифаҳои нави таъмини рушди устувор ифода меёбад. **Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар истифодабарии тамоми иқтидорҳои соҳаҳои хоҷагии халқ барои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар шароити амалигардонии барномаҳои давлатии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ифода меёбад.

Натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ба дастовардашудаи тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни таълим барои омода намудани бакалавр, магистрон ва докторантон, барои хондани фанҳои махсус, ба монанди “Бозори меҳнат”, “Идоракунии ҳайати кормандон” ва дигарҳо истифода шуданаш мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Унвонҷӯ мавзуи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии таҳқиқот муайян карда, методикаи дар таҳқиқоти олимони соҳа асосёфтаро дар таҳлили хусусият ва омилҳои баланд намудани истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ истифода кардааст. Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамояд.

Хулосаву тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявии муаллифи диссертатсия бо истифодаи методикаи муосир асоснок карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат (Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6 тасдиқ шудааст) хусусан ба қисматҳои 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 4. Тавсифи миқдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатӣ; 10. Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, методҳои андозагирӣ, омилҳои таъсиррасон ва захираҳои афзоиш; 13. Танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертатсия кори илмӣ-тадқиқотии мустақилонаи муаллиф мебошад. Аз тарафи унвонҷӯ муҳимияти мавзуъ аз нуқтаи назарияи иқтисодиёти меҳнат асоснок, ҳадаф ва масъалаҳои тадқиқот муқаррар карда шуда, дар асоси коркарди ҳолатҳои назариявию методологӣ зарурати истифодаи иқтидори соҳаҳои иқтисодиёт баҳри истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ исбот карда шуда, роҳҳои такомули истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар самти пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва коркардҳои илмӣ доир ба такомули танзими давлатии шуғли захираҳои меҳнатӣ барои татбиқ пешкаш карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳо ва мундариҷаи диссертация аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардида, дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ – «Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир», бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (аз 27-28 декабри 2022, ш.Душанбе) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон интишор шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Натиҷаҳои диссертатсия дар 8 мақола, аз он ҷумла дар 5 мақолаи илмии дар нашрияҳои аз тарафи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда дар ҳаҷми 2,05 ҷ.ш.ч. ва 3 адад мақолаи илмии дар дигар нашрияҳо чопшуда дар ҳаҷми 1,3 ҷ.ш.ч. инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Мутобиқи мақсади гузошташуда ва масъалаҳои тадқиқот нақшаи кори диссертатсионӣ мураттаб гаридааст, ки аз сарсухан, 3 боб, 9 параграф, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия дар 185 саҳифаи копютерӣ баён шуда, дар он 29 ҷадвал ва 24 расмҳои мантиқӣ  мавҷуданд.

Дар ***муқаддима*** мубрамии мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, ҳамчунин маълумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудааст.

Дар боби якум **“Асосҳои назариявии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ”** - табиати иҷтимоӣ-иқтисодии захираҳои меҳнатӣ, нишондиҳандаҳои асосии истифодаи самаранокии захираҳои меҳнатӣ ва таҷрибаи хориҷии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия ба таҳлили **“Вазъи истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** - омилҳои ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёт ва баҳодиҳии нишондодҳои истифодаи захираҳои меҳнатӣ бахшида шудааст.

Дар бобои сеюми диссертатсия “**Самтҳои асосии баланд бардоштани истифодаи захираҳои меҳнатӣ”** - инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ дар шароити муосир**,** самтҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии захираҳои меҳнатӣ ва такмили низоми танзими давлатии истифодаи захираҳои меҳнатӣ баррасӣ ва таҳия гардидааст.

Дар **хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқот мувофиқи мақсади гузошташуда, вазифаҳои ҳалшаванда пешниҳод гардида, хулосаи асосӣ аз ҷиҳати назариявию амалӣ мураттаб карда шудааст.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ

## 1.1. Табиати иҷтимоӣ-иқтисодии захираҳои меҳнатӣ

Дар сохтори омилҳои истеҳсолот ба захираҳои меҳнатӣ дар ҳақиқат ҳам нақши ҳалкунанда мансуб дониста мешавад. Маълум аст, ки омили меҳнат аз дорандаи он – инсон ҷудонашаванда аст. Дар давраҳои пойдоршавии илми иқтисодӣ ақидае маъмул буд, ки мувофиқи он меҳнат бо худ сарчашмаи боигарии ҷамъиятиро ифода карда, ҳамчун асоси тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҳама низомҳои иқтисодӣ баромад мекунад. Оид ба ин гуфтаҳо асосгузор ва намояндаи номдори мактаби физиократҳо Ф. Кенэ хулосаи бешубҳаро баён кардааст “қувваи асосии давлатро одамон ташкил мекунанд: бо шарофати эҳтиёҷотҳои онҳо боигариҳо зиёд мешаванд, чӣ қадаре ки халқҳо маҳсулоти ба он эҳтиёҷот доштаро афзоиш кунанд, ва чӣ қадаре ки онҳо бисёртар истеъмол намоянд, ҳамон қадар онҳо сарватмандтар мегарданд”[1].

Дар аксарияти ҳолатҳо захираҳои инсонӣ бо захираҳои меҳнатӣ ҳаммаъно дарк карда мешаванд, ки охирон ҳамчун омили асосии истеҳсолот маънидод карда мешавад[2]. Бо баробари ин қувваи корӣ, ки аз тарафи соҳибони он дар бозор пешкаш карда мешавад. ба сифати захираи инсонӣ мушоҳида карда мешавад. Чунин ақида дар ҳолате ҷой дорад, ки агар сухан оид ба истифодаи рақибонаи он дар бозори омилҳои истеҳсолот рафта, баҳамвобастагӣ ва ивазшавии онҳо бо дигар омилҳои истеҳсолот (замин, сармоя, соҳибкорӣ) ба назар расад[3]. Дар ин росто Одегов Ю.Г. ва Карташова Л.В. қайд мекунанд, ки “дар даҳсолаҳои охир истиллоҳи захираҳои инсонӣ дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ истифода шуда, ҳамзамон диққати махсус ба нақши инсон дар ҷараёни хоҷагидорӣ зоҳир карда мешавад”[4]. Ба ақидаи онҳо

[1] Кенэ Ф. Избранные экономические произведения – М.: 1960 – с361.
[2] Горбунова О.Н. Генезис категории «трудовые ресурсы».// Социально-экономические явления и процессы. М. № 3-4 (025-026). 2011 С. 62-69.
[3] Горбунова О.Н. Генезис категории «трудовые ресурсы».// Социально-экономические явления и процессы. М. № 3-4 (025-026). 2011 С. 62-69.
[4] Одегов Ю.Г., Карташова Л.В. Управление персоналом, оценка эффективности: Учебное пособие для вузов. М.: Экзамен, 2004. С. 256.

захираҳои инсонӣ ҳамчун маҷмӯи нишондодҳои миқдорӣ ва сифатӣ (махсусан, иқтидори инсон, вазъи саломатӣ, сатҳи донишандӯзӣ, қобилият ва маданият, донишҳои касбӣ, сифатҳои шахсӣ ва ғайраҳо) дар сатҳи минтақаҳо ва мамлакат тавсиф карда мешаванд”[5].

Бояд қайд намуд, ки категорияи захираҳои инсонӣ бештар барои тавсиф ва баҳодиҳии сатҳи инкишофи шахсият, хоҷагии хонавода, корхонаҳо, ҳудудҳои муайян, бахшҳои мухталифи иқтисодӣ ва мамлакат дар умум истифода шуданаш мумкин аст. Истифодабарии захираҳои инсонӣ бо зарурати барасмиятдарории институтсионалии истифодаи амалии қобилият ба меҳнат дар фаъолияти ҷамъиятӣ ва мавҷудияти низоми муосири самараноки идоракунии онҳо алоқамандӣ дорад.

Чунин маънидодкуниҳоро дар корҳои дигар олимон дарёфт кардан мумкин аст. Масалан, Моргунов Е. қайд мекунад, ки “дар сатҳи микроиқтисод захираҳои инсонии корхона ҳамчун категорияи иқтисодӣ, қисми захираҳои истеҳсолии корхона баромад карда, дар ташаккулёбӣ ва инкишофи онҳо инвеститсияҳои муайян бо мақсади ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд, яъне захираҳои инсонӣ дороии махсуси корхона мебошанд”[6].

Кибанов А.Я. низ чунин ақидаро дастгирӣ карда қайд менамояд, ки “захираҳои инсонӣ дар сатҳои корхонаҳо ва ширкатҳо ин кормандоне мебошанд, ки қобилият ва донишҳои муайянро дошта, дар ҷараёни меҳнат истифода шуда метавонанд”[7].

Дар чунин маънидодкунии захираҳои меҳнатӣ ва ҳаммаъно дарк кардани он бо захираҳои инсонӣ номувофиқати методологӣ ба назар мерасад. Бешубҳа меҳнат танҳо ба инсон хос буда, аз ҳамдигар ҷудонашаванда ҳастанд. Меҳнатро аз инсон ҷудо намудан, ва инсонро бе меҳнат дарк намудан ғайриимкон аст. Агар асоси захираҳои меҳнатиро ҳамчун маҷмӯи одамони

---

[5] Одегов Ю.Г., Карташова Л.В. Управление персоналом, оценка эффективности: Учебное пособие для вузов. М.: Экзамен, 2004. С. 256.
[6] Моргунов Е. Управление персоналом. Исследование, оценка, обучение. 3–е изд., перераб. и доп. М.: Юрайт, 2011. С. 114.
[7] Кибанов А.Я. Система управления персоналом. М.: Проспект, 2012. С. 115.

таърихан ташаккулёфта, дар манотиқи кишвар зиндагӣ мекарда ва такрористеҳсол дар ҷараёни ивазшавии наслҳо (бодарназардошти таваллуд ва фавт) дарк намоем, он гоҳ сохтори захираҳои инсониро мувофиқи танзими давлатии шуғл аз мавқеъи се нишондод мушоҳида намудан мумкин аст:

- аҳолии синну соли то меҳнатӣ (кӯдакон);
- аҳолии қобилияти меҳнат дошта;
- аҳолии қобилияти меҳнат надошта (нафагирони кор намекарда, маъюбон, шахсони дар муассисаҳои маҳдудкунанда қарор дошта).

Бо баробари ин бояд дар назар дошт, ки синну соли меҳнатӣ ин мафҳуми умумикардашуда мебошад, бинобар ҳамин дар ҳар як мамлакат захираҳои меҳнатӣ мутобиқи меъёрӣ-ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумораи захираҳои меҳнатӣ мардҳо аз синни 15 сола то 62 сола ва занҳо аз синни 15 сола то 57 сола дохил карда мешаванд[8]. Инчунин ба ҳайати захираҳои меҳнатӣ қисми аҳолиро дохил менамоянд, ки аз ҳудуди синну соли меҳнатӣ берун ҳастанд (наврасони 14-15 сола ва нафақахӯрони кор мекарда). Шумораи захираҳои меҳнатӣ ҳайати меҳнати зиндаро ифода мекунад, ки дар марҳилаи додашуда дар ҷамъият қарор доранд. Аз рӯи таснифоти аҳолӣ мутобиқи Ташкилоти байналмилалии меҳнат, тамоми аҳолии мамлакатро ба аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол ҷудо менамояд.

Захираҳои инсонӣ тамоми аҳолии кишварро дар бар гирифта, захираҳои меҳнатӣ танҳо он қисми аҳолии кишварро фаро мегирад, ки қобилияти ҷисмонӣ ва маънавӣ дошта, барои истеҳсолоти неъматҳои моддӣ ва маънавӣ равона карда мешаванд. Чунин ақидаро Рофе А.Н. низ пайгирӣ карда, чунин қайд менамояд “захираҳои меҳнатӣ ин қисми аҳолии мамлакат мебошад, ки шахсони воқеъиро ифода менамояд, ки дорои қобилиятҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ, омодагии касбӣ ва тахассусонкӣ буда, дар ҷараёни истеҳсолоти

---

[8] Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон душанбе, 2021. С. – 23-24

ҷамъиятӣ иштирок менамоянд”[9]. Чунин тавсири захираҳои меҳнатиро Тоҳирҷонов Б.Т. низ дастгирӣ карда чунин қайд менамояд “захираҳои меҳнатӣ – ҳамчун қисми аҳолии мамлакат мебошад, ки қобилияти иштирокро дар меҳнат дар фосилаи давраи муайян ифода карда, нишондодҳои миқдорӣ ва сифатии баҳодиро дорад”[10]. Ба чунин маънидодкунӣ инчунин одамони қобилияти меҳнатӣ доштаро шомил намудан мумкин аст, ки дар ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ бо сабабҳои гуногун иштирок намекунанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ аксар вақт захираҳои меҳнатиро ҳамчун аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол баҳо медиҳанд, ки табиатан пешниҳоди қувваи кориро барои истеҳсоли мол ва хизматҳо таъмин менамоянд.

Бинобар ҳамин дар луғати муосири иқтисодӣ категорияи захираҳои меҳнатӣ ҳамчун “аҳолии аз қобили меҳнатдошта, кисми аҳолӣ, ки дорои кобилияти ҷисмонӣ ва маънавӣ буда, дар фаъолияти меҳнатӣ иштирок менамоянд”[11].

Як гурӯҳ олимон гумон доранд, ки “захираҳои меҳнатӣ қисми аҳолиро ифода менамоянд, ки дорои инкишофи ҷисмонии зарурӣ, саломатӣ, таҳсилот, маданият, қобилият, тахассуснокӣ ва донишҳои касбӣ буда, барои фаъолият дар такрористеҳсолоти ҷамъиятӣ омода ҳастанд. Захираҳои меҳнатӣ маҷмӯи қувваи кории функсионалӣ ва ҷамъиятӣ мебошанд, ки дорои хислати такрористеҳсолӣ мебошанд (ташаккулёбӣ, тақсимот ва истифодабарии қувваи корӣ”[12]. Дар чунин маънидодкунии захираҳои меҳнатӣ, омезиши он бо категорияи “қувваи корӣ” ба назар мерасад. Бояд қайд намуд, ки категорияи “қувваи корӣ” ва “захираҳои меҳнатӣ” фарқияти назаррас доранд. Захираҳои меҳнатӣ дар чорчӯбаи миқдорӣ ва иҷтимоӣ-демографӣ тавсиф карда шуда, категорияи “қувваи корӣ” чунин чорчӯбаро надорад. Яъне захираҳои меҳнатӣ

---

[9] Рофе А.И. О содержании понятий «трудовые ресурсы» и «рабочая сила» // Человек и труд. 1997. №3. С. 14.
[10] Тохирджонов Б.Т. Совершенствование управления воспроизводством и использованием трудовых ресурсов в сельской местности. Дисс. на соис. уч. Степени канд. эконом. наук. По спец. 08.00.05 – экономика и управление народным хозяйством (экономика труда). Бохтар, 2020. С. 27.
[11] Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. Изд. 6-е, перераб. и доп. М.: ИНФАР-М, 2022. 512с. С. 438.
[12] Травин В.В. Кадровая политика в современных условиях. М., 2006, С. 364. Щекин Г. В. Социальная теория и кадровая политика. Монография. [Маводи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://tourlib.net/books_men/schekin_st.pdf

бештар ба сифати нишондоди ҳисобии қувваи корӣ баромад менамояд. Дар ин васила олим-иқтисодчии рус Качан Е.П. захираҳои меҳнатиро ҳамчун маҷмӯи дорандагони қувваи корӣ мушоҳида карда, қайд менамояд, ки “ захираҳои меҳнатӣ одатан аз рӯи сохтори демографии аҳолӣ муқаррар карда шуда, ҳудудҳои қобилият ба меҳнати иштирокчиёни ҷараёни меҳнат, таъсиси арзишҳои истеъмолӣ ва иҷтимоӣ-маданӣ, инчунин одамони қобилият ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ доштаро фаро мегирад”[13].

Ба андешаи доктори илмҳои иқтисодӣ Кошонова М.Р. «...давлат ҳамчун институти махсуси иҷтимоӣ метавонад ба муносибатҳои меҳнатӣ бо ин ё он тарз таъсир расонад, берун аз ин муносибатҳо монад, худро бо онҳо баробар намонад. Давлат тибқи принсипи сетарафагӣ ба тарафдорони муносибатҳои меҳнатӣ (корфармо - корманд) ҳангоми иҷрои вазифаҳои мушовир, ҳакам ва кафили созишномаи бадастомада дар пайдо кардани роҳҳои ҳалли ба ҳамдигар мақбул кӯмак мерасонад»[14].

Таҳқиқотчиёни ватанӣ академикҳо Р. К. Раҳимов ва Н. Қаюмов, доктори илмҳои иқтисодӣ Хоналиева Н., ба масъалаи кам истифода бурда шудани қувваи корӣ диққат медиҳад. Онҳо қувваи кории кам истифодашударо ҳамчун омили изофии қувваи корӣ дар минтақа, бахусус дар деҳот тавсиф мекунанд ва чунин мешуморанд, ки иқтидори асосии захираҳои меҳнатии босуръат афзояндаи минтақа бозори меҳнатест, ки ба тағйироти сохторӣ осебпазир аст.

Бозори меҳнатро аз мавқеи ташкили меҳнат дидан мумкин аст, ки дар он принсипи махсус манфиати инсон ва рушди ӯ ҳамчун сармояи инсонӣ мебошад. Давлат барои муҳайё кардани шароити баробар барои соҳибкорон, барои рақобати самарабахш, маҳдуд кардани ҳокимияти монополияҳо, инчунин ғамхорӣ дар бораи истеҳсоли миқдори зарурии

---

[13] Качан Е.П. Управление трудовыми ресурсами. М.: Издательский дом «Юридическая книга», 2005. 358с. С.126.

[14] Кошонова М.Р.Диссертация на соискание уч.степени д.э.н.Душанбе 2004г. С.145-147

мол ва хизматҳои ҷамъиятие, ки талаботи коллективро қонеъ мегардонад, масъулият дорад[15].

Вобаста ба ҷиҳати сохтори демографии аҳолӣ қайд кардан ба маврид аст, ки афзоиши аҳолӣ ҳамчун ҳодисаи зиёдшавии захираҳои меҳнатӣ мушоҳида карда мешавад. Муаллифи китоби машҳур “Тараққиёти иқтисодӣ” М.П. Тодаро, оид ба ин масъала қайд мекунад, ки аҳолии нисбатан зиёд талаботи истеъмолии зиёдро баён мекунад, ки сарфаро аз ҳисоби ҳаҷми истеҳсолот ва паст шудани хароҷоти истеҳсолӣ, инчунин пешниҳоди меҳнати арзонро барои таъмини ҳаҷми зиёди истеҳсолот, таъмин менамояд[16]. Мувофиқан, афзоиши шуморавии захираҳои меҳнатӣ имкониятҳои истеҳсолии иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои онро васеъ мегардонад.

Бояд дар назар дошт, ки захираҳои меҳнатӣ аз рӯи дараҷаи иштироки онҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ ба қисмҳои фаъол ва ғайрифаъол ҷудо мешаванд. Захираҳои меҳнатии фаъол аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро дар назар дорад, ки дар такрористеҳсоли ҷамъиятӣ ҳамчун омили асосӣ иштирок менамоянд. Захираҳои меҳнатии ғайрифаъол, аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро ифода мекунад, ки дар такрористеҳсоли ҷамъиятӣ бо сабабҳои гуногун иштирок намекунанд (шумораи ҳама намудҳои бекорон).

Боиси тазаккур аст, ки дар назария ва амалияи иқтисодӣ, ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки мувофиқи он категорияи “захираҳои меҳнатӣ” бо ҳаммаъногии “иқтидори меҳнатӣ” истифода мешавад. Аз ин ҷиҳат захираҳои меҳнатӣ, ки аз нуқтаи назари сифатӣ баҳо дода мешаванд, иқтидори меҳнатиро ифода мекунанд. Гумон карда мешавад, ки иқтидори меҳнатӣ ин тавсифи сифатии миқдор, сифат ва чораҳои маҷмӯъавӣ ба меҳнат мебошад, ки шахсиятҳои алоҳида, гурӯҳҳои муайян, аҳолии қобили меҳнат дар сатҳи додашудаи иқтисодиёт, инкишофи техника ва илм доро мебошанд[17]. Дар ин ҷода Райзберг Б.А. чунин қайд менамояд “иқтидори меҳнатӣ ин имкониятҳои

---

[15] Нурмахмадов М.Н. Управление организаций труда в промышленности. Душанбе 1987- 107с.

[16] Тодаро М.П. Экономическое развитие: учебник /М.: МГУ, Юнити, 1997. С. 191

[17] Горбунова О.Н. Генезис категории «трудовые ресурсы».// Социально-экономические явления и процессы. М. № 3-4 (025-026). 2011 С. 62-69.

меҳнатии мавҷудбуда, ки бо сатҳи маълумотнокии касбӣ баҳо дода мешаванд”[18].

Ҳангоми тавсифи иқтидори меҳнатӣ, бояд дар назар дошт, ки он миқдоран бо давмонокии вақти корӣ ва имкониятҳои ҷисмонии иштироки инсон дар ҷараёни меҳнат бодарназардошти шиддатнокии меҳнат тавсиф карда мешавад. Иқтидори меҳнатии ҷамъият маҷмӯи имкониятҳои захираҳои меҳнатиро ифода мекунад, ки ба тариқи шуморавӣ онро ҳамчун ҳосили зарби шумораи захираҳои меҳнатии истифодашаванда ба вақти корӣ муайян намудан мумкин аст, ки коргари миёна метавонад дар давоми сол иҷро намояд.

Шиддати бозори меҳнатро тавассути такмили заминаи меъёрӣ, созишномаҳои байниҳукуматӣ коҳиш додан мумкин аст ва ин самараи танзими муносибатҳои меҳнатии байни кишварҳоеро, ки ба захираҳои меҳнатӣ эҳтиёҷ доранд ва кишварҳои зиёдатии қувваи корӣ доранд, зиёд мекунад. Комилов С.Д. масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатиро дар призмаи бастани шартномаҳо омӯхтанд. Комилов С.Д. онҳоро аз созишномаҳои асосӣ сар карда, то байниминтақавӣ, минтақавӣ, соҳавӣ, ҳудудӣ ва ғайра ба шаш қисм тақсим мекунад.[19] Ин ақидаро профессор Амонова Д.С. дастгирӣ намуда, қайд мекунад, ки «танзими байналмилалии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ танзими муносибатҳои меҳнатиро дар асоси меъёрҳои тасдиқшудаи созмонҳои байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ муайян мекунад. ».[20]

Категорияи “захираҳои меҳнатӣ бо қисми аҳолии қобили меҳнатдошта, ки дорои инкишофи ҷисмонӣ ва маънавӣ буда, қобилияти истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ тавсиф карда шавад, “иқтидори меҳнатӣ”

---

[18] Райзберг Б.А. Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. Изд. 4-е, перераб. и доп. М., 2005. С. 410

[19] Комилов С.Дж.К вопросу о государственном регулировании социально-трудовых отношений/Мат.межд.науч.практич.конф.»Проблемы устойчивости социально-экономического развития в условиях глобализации».- Душанбе: ТНУ, 2015.- С. 43-49.

[20] Амонова Д.С. Реформирование социально-трудовых отношение в Республике Таджикистан / мат. Респ. Науч.практич.конф. «Проблемы трудовых отношений и социального развития Таджикистана». Душанбе 2008 - С. 21-27.

ҳамчун иқтидори ҳақиқӣ дарк карда мешавад, яъне қобилиятҳои дар фосилаи вақти муайян мавҷудбуда ва истифодабарии онҳо, инчунин қобилияти доимии кормандро барои инкишофи малакаҳои меҳнатӣ дар назар дорад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки иқтидори меҳнатӣ ҳамчун ченаки маҷмӯи қобилиятҳо барои амалигардонии фаъолияти фоидаовари ҷамъиятии аҳолии қобили меҳнат, инчунин малакаи корӣ ва имкониятҳо дарк карда мешавад, ки дар ҷараёни хоҷагидорӣ истифода шуда метавонанд. Бинобар ҳамин қайд намудан мумкин аст, ки мафҳуми иқтидори меҳнатӣ на танҳо захираҳои меҳнатии мавҷудбуда, инчунин қобилияти меҳнатиро дар назар дорад, ки дар оянда мутобиқи эҳтиёҷоти истеҳсолоти ҷамъиятӣ истифодашуда метавонанд. Бо баробари ин тафовут байни категорияҳои “захираҳои меҳнатӣ” ва “иқтидори меҳнатӣ” дар муносибати миқдорӣ ба назар мерасад, зеро захираҳои меҳнатӣ танҳо бо аҳолии қобилияти меҳнат дошта тавсиф карда шуда, иқтидори меҳнатӣ бошад бо нишондодҳои ҳосилнокии меҳнат, фонди вақти корӣ шумораи аҳолии дар синну соли меҳнат қарор дошта ифода меёбад.

Лекин дар ҳар ду категория аҳолии қобилияти меҳнат дошта нишондоди асосӣ баромад мекунад. Аз ин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки иқтидори меҳнатӣ бештар хислати сифатии истифодабарии захираҳои меҳнатиро ифода карда, ҳамчун ҷузъи таркибии он баромад карда метавонад. Ҳамзамон категорияи “иқтидори меҳнатӣ” бештар дар сатҳи микроиқтисод истифода шуданаш мумкин аст, зеро дар доираи корхона нишондоди шуморавии он бодарназардошти вақти корӣ муайян карда мешавад.

Омӯзиши тадқиқотҳои олимон доир ба захираҳои меҳнатӣ дар солҳои охир нишон медиҳад, ки дар шароити муосир бештар истиллоҳи “сармояи инсонӣ” истифода мешавад. Ба гуфти олими рус Горбунова О.Н. “захираҳои меҳнатии муосир дар шакли сармояи инсонӣ вуҷуд доранд”[21].

Дар адабиёти иқтисодӣ сармояи инсонӣ одатан ҳамчун захираи дар инсон мавҷудбудаи саломатӣ, донишҳо, малака, таҷриба, қобилият ва дигарҳо

---

[21] Горбунова О.Н. Генезис категории «трудовые ресурсы».// Социально-экономические явления и процессы. М. № 3-4 (025-026). 2011 С. 62-69.

дарк карда мешавад, ки дар истеҳсолот бо мақсади ба даст овардани даромади ҳадди аксар истифода бурда мешавад. Зарурати ворид намудани мафҳуми сармояи инсонӣ ба гардиши иқтисодӣ барои баҳогузории сатҳи маълумотнокӣ дар бозори меҳнат вобаста карда мешавад. Қобилияти ба вуҷуд овардани даромад аз тарафи инсон дар истиллоҳи сармояи инсонӣ ифода ёфтааст. Бояд дарк намуд, ки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ба монандаи сармояи шайъӣ аз даромади ба вуҷуд меовардаи он вобастагӣ дорад. Намояндагони номдори консепсияи сармояи инсонӣ Туроу Л. ва Боуман А.М. қайд менамоянд, ки "сармояи инсонӣ дар таҳлили муосири иқтисодӣ нақши калидӣ дорад". Ба ақидаи ин олимон-иқтисодчиён "сармояи инсонӣ аз як тараф маҷмӯи қобилиятҳои истеҳсолии корманди муосирро ифода карда, аз тарафи дигар хароҷоти давлат, корхона ва худи инсонро барои ташаккулёбӣ ва такомули мутасили ин қобилиятҳоро дар назар дорад"[22].

Пайдоиш ва ташаккулёбии консепсияи сармояи инсонӣ дар намуди муосири он ба шарофати интишороти иқтисодчиёни амрикоӣ Т.Шултс ва Г.Беккер ба миён омадааст, ки ба ин олимон дар адабиёти иқтисодӣ нақши кашфкунандагони консепсияи мазкур вобаста карда шудааст[23].

Боиси қайд аст, ки то нимаи асри XX консепсияи мукаммали сармояи инсонӣ мавҷуд набуд. Новобаста ба ин аз тарафи иқтисодчиён давраи қайд шуда, самтҳои асосии инкишофи сармояи инсонӣ, пеш аз ҳама таъсири он ба рушди иқтисодӣ муқаррар шуда буданд. Ба ақидаи мо айнан дар ҳамин давра асосҳои методологии назарияи самрояи инсонӣ пойягузорӣ шуда буданд. Чунин муносибат пурзӯр намудани муносибатро ба иқтидори инсонӣ тақозо намуд. Зеро дар ин давра низомҳои иқтисодӣ ба технологияҳои пешқадам гузашта, мутобиқати дигар омилҳои истеҳсолотро ба он тақозо намуд. Ин давра бо шиддатёбии пешрафти илму техника, дигаргуниҳои ҷаҳонишавии истеҳсолот ва шароитҳои нави истеҳсолоти ҷамъиятӣ тавсиф карда мешавад.

---

[22] Экономическая энциклопедия / гл. ред. Л. И. Абалкин. М., 1999. С. 76.
[23] Ben-Porath Y. The Production of Human Capital and the Life Cycle of Earning // The Journal of Political Economy. 1967. Aug. 1967. P. 363.

Вобаста ба хислатҳои пешрафти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва тағйироти сифатӣ дар қувваҳои истеҳсолкунанда, нақши меҳнати баландихтисос баланд шуд. Бо ибораи дигар дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI сатҳи умумии маълумотнокии коргарон, омодагии илмӣ-интеллектуалии онҳо ба омили зарурии рушди иқтисодӣ мубаддал гардид. Дар шароити шиддатёбии рақобат инкишофи на танҳо муносибатҳои истеҳсолӣ, балки пешрафти техника ва технологияи истеҳсолӣ ба миён омад, ки такомули қобилияти меҳнатии инсонро талаб менамояд.

Ҳамин тавр, дар охири асри XX дар аксарияти кишварҳои дунё мантиқи тараққиёти соҳаҳои хоҷагии халқ ба сӯи технологияҳои нав ва тахассуснокӣ ва эҷодкории баланди одамон ба миён омад. Дар назария ва амалияи иқтисодӣ ақидаи паҳн гардид, ки мувофиқи он сармояи инсонӣ захираи зарурии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамроҳи захираҳои табиӣ ба ҳисоб меравад.

Аз сабаби бисёрпаҳлӯгӣ ва мураккабии истиллоҳи “сармояи инсонӣ”, байни иқтисодчиён ақидаи гуногун ба назар мерасад. Одатан зери истиллоҳи “сармояи инсонӣ” маҷмӯи сифатҳои корманд дарк карда мешавад, ки имкониятҳои маҳсулнокии онро муайян менамояд.

Л. Туроу гумон дорад, ки “сармояи инсонӣ ин қобилияти шахс барои истеҳсоли мол ва хизматҳо, қобилияти маҳсулнокӣ, дониш ва малакаи он мебошад”[24]. У. Боуен истиллоҳи “сармояи инсониро ҳамчун дониш, малака, рағбат ва қувва маънидод мекунад, ки одамон ба даст овардаанд ва барои истеҳсоли мол ва хизматҳо дар давраи муайян истифода мебаранд”[25]. Долан Э.Ҷ. ва Линдсей Д. сармояи инсониро ҳамчун “қобилиятҳои маънавии одамон дарк менамоянд, ки ба воситаи таълим ва ё таҷрибаи амалӣ ба даст овардашудаанд”[26]. Бегг Д. гумон дорад, ки “сармояи инсонӣ захираи таҷрибаи касбиро ифода мекунад, ки аз тарафи коргар ҷамъ карда шудааст”[27]. Ба ақидаи

---

[24] Токарева В. В. Развитие человеческого капитала на субрегиональном уровне (в малых городах России): дис. канд. экон. наук. Мичуринск, 2004. С. 18.
[25] Bowen H. R. Investment in Lerning. San Francisco, 1978. P. 362.
[26] Долан Э. Дж., Линдсей Д. Е. Рынок: микроэкономическая модель. СПб., 1992.
[27] Эренбергер Р. Дж., Смит Р.С. Современная экономика труда: теория и государственная политика. М., 1996. С. 34.

Дорнбуш Р., Фишер С. ва Шмалензи К. “сармояи инсонӣ ин қобилиятҳои дар инсон ифодаёфтаи ба даст овардани даромад буда, қобилият, малака, маълумотнокӣ ва ташассуснокии ба даст овардашударо фаро мегирад”[28].

Нисбат ба ин олимон Махлуп Ф. маънидодкунии васеъи истиллоҳи “сармояи инсониро” пешкаш менамояд. Мувофиқи тавсири Махлуп Ф. “дар маънидодкунии сармояи инсонӣ ба монанди захираҳои инсонӣ бояд меҳнати такомулёфта ва меҳнати такомулнаёфтаро аз ҳам ҷудо намуд, зеро меҳнати такомулёфта қобилияти ҷисмонӣ ва маънавии инсонро афзоиш медиҳад”[29].

Бо вуҷуди ҳамаи ин дарк намудан зарур аст, ки қобилияти инсон, имкониятҳои интеллектуалии ӯ, дониш, малака ва тахассуснокӣ ҳамчун шакли махсуси сармоя баромад мекунад. Бояд дар назар дошт, ки дастовардҳои шахсии одамон барои ӯ даромади баландро дар оянда таъмин менамояд. Сармояи инсонӣ аз рӯи тавсири олимони дар боло номбаршуда имконият медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем. Сармояи инсонӣ ба соҳиби худ, яъне инсон на танҳо даромади пулӣ дар намуди музди меҳнат, инчунин даромади маънавиро дар шакли психологӣ ва иҷтимоӣ таъмин менамояд. Боиси қайд аст, ки дониш, тахассуснокӣ, малака ва ғайраҳо қобилияти ҷамъшавӣ дошта, ташаккулёбии онҳо хароҷоти муайянро аз худи шахс, корхона ва ҷамъият талаб менамояд.

---

[28] Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи К. Экономика. М., 1993. С. 303.
[29] Machlup F. The Economics of Information and Human Capital. Princeton, 1984. P. 419.

**Таркиби мафҳумҳои “захираҳои инсонӣ”, “захираҳои меҳнатӣ”, “иқтидори меҳнатӣ” ва “сармояи инсонӣ”**

**Захираҳои инсонӣ**

- шумораи умумии аҳолии мамлакат;
- таркиби синну солии аҳолӣ;
- таркиби ҷинсии аҳолӣ;

**Захираҳои меҳнатӣ**

- шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол;
- аҳолии қобилияти меҳнат доштаи дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ машғулбуда ва машғулнабуда;

**Иқтидори меҳнатӣ**

- шумора ва таносуби коргарони истеҳсолӣ ва маъмурӣ;
- маҷмӯи сифатҳои ҷисмонӣ;
- маҷмӯи сифатҳои маънавӣ;
- дараҷаи иштироки коргар дар ҷараёни истеҳсолот;
- такомули фаъолият дар ҷараёни истеҳсолот;
- дараҷаи тахассунокӣ;
- маданияти фаъолияти меҳнатӣ;
- дараҷаи касбият;

**Сармояи инсонӣ**

- маҷмӯи қобилиятҳо;
- дониши умумӣ ва махсус;
- таҷриба ва собиқаи корӣ;
- ҳолати саломатӣ;
- сатҳи маданият;
- ҳавасмандгардӣ;
- қобилиятҳои соҳибкорӣ;
- қобилиятҳои ташкилӣ;
- қобилиятҳои фарҳангӣ;
- тавсифҳои ҷаҳонбинӣ ва психологӣ;
- истифодабарии технологияҳои нодир;
- маблағгузорӣ барои баланд намудани сатҳи дониш ва малакаи корӣ.

**Расми 1.1. Таркиби мафҳумҳои“захираҳои инсонӣ”, “захираҳои меҳнатӣ”, “иқтидори меҳнатӣ” ва “сармояи инсонӣ”** (таҳияи муаллиф)

Аз маънидодкуниҳои мухталифи истиллоҳи “сармояи инсонӣ” маълум мегардад, ки сармояи инсонӣ ҳамчун намуди махсуси сармоягузорӣ, маҷмӯи хароҷот барои такрористеҳсоли иқтидори инсонӣ, баланд намудани сифат ва беҳтаргардонии истифодабарии қувваи корӣ, баромад мекунад.

Ҳангоми таҳқиқ Мирзоалиев А.А. доир ба мафҳуми сармояи инсонӣ зикр намудааст: «Сармояи инсонӣ яке аз муҳимтарин омилест, ки дар он тафаккури эҷодӣ, арзишҳои зеҳнӣ, маҳорату истеъдод, салоҳияту касбият ва иқтидори шахсият дар бозори меҳнат арзёбӣ мегардад»[30].

Таркиби умумикардашудаи мафҳумҳои “захираҳои инсонӣ”, “захираҳои меҳнатӣ”, “иқтидори меҳнатӣ” ва “сармояи инсонӣ” дар расми 1.1 оварда шудааст.

Вобаста ба самти тадқиқоти мо сармояи инсонӣ ҳамчун захираҳои муайяни саломатӣ, донишҳо, малакаҳо, қобилиятҳо, рағбатҳо баромад мекунанд, ки аз тарафи шахс андӯхт карда шуда, дар ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҳаматарафа истифода мешавад ва баҳри баланд намудани ҳосилнокии меҳнат мусоидат менамояд. Ба воситаи рағбати ба даст овардани даромади зиёдатӣ, одамон кӯшиш менамоянд, ки сатҳи қобилият ба меҳнат ва малакаҳои худро ба воситаи мабалағгузорӣ баланд намоянд. Яъне сармояи инсонӣ пеш аз ҳама ҳамчун натиҷаи сармоягузорӣ ба захираҳои меҳнатӣ баромад карда, хароҷот барои инкишофи қобилиятҳо ва малакаҳои корӣ, баланд намудани тахассуснокӣ, мустаҳкамгардонии вазъи саломатӣ ва ғайраҳоро дар назар дорад. Шакли хароҷоти чунин сармоягузориҳо пеш аз ҳама хароҷот барои таълим, омӯзиш дар ҷои корӣ, хизматрасонии тиббӣ ба ғайраҳо баромад мекунад.

Таҳлили истиллоҳҳои “захираҳои меҳнатӣ”, “захираҳои инсонӣ”, “иқтидори меҳнатӣ” ва “сармояи инсонӣ” нишон медиҳад, ки байни онҳо фарқият (тафовут) ва ягонагӣ ба назар мерасанд.

---

[30] Мирзоалиев А.А. Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароти ташаккули иқтисоди рақамӣ:назария, методология ва амалия (автореферат диссертатсияи докторӣ), 2023, С.14.

Ягонагии ин истиллоҳҳо дар он ифода меёбад, ки ҳамаи онҳо аз дорандаи худ – инсон ҷудонашаванда мебошанд. Захираҳои инсонӣ бе шубҳа ҷамъи шумораи аҳолии мамлакатро дар назар дорад, ки боигарии миллатро инъикос менамояд. Иқтидори меҳнатӣ бо дорандаи қобилияти меҳнат, яъне инсон алоқамандӣ дошта, аксар вақт дар сатҳи корхонаи алоҳида муқаррар карда мешавад, зеро ин мафҳум ҳосили зарби шумораи меҳнати истифодашаванда ва вақти кориро ифода менамояд. Сармояи инсонӣ бевосита бо ташаккулёбии қобилиятҳои гуногуни одамон алоқаманд аст. Таркиби сармояи инсонӣ маблағгузории муайянро барои такмили сатҳи тахассуснокӣ, донишандӯзӣ, малакаи корӣ ва қобилитяҳои гуногун тавсир карда мешаванд. Захираҳои меҳнатӣ шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли мамлакатро ифода карда, ҳамчун нишондиҳандаи захиравӣ (дар лаҳзаи муайяни вақт) муқаррар карда мешаванд. Бо ибораи дигар захираҳои меҳнатӣ ҳамчун қисми аҳолии мамлакат баромад мекунад, ки қобилияти иштирок дар ҷараёни такрористеҳсоли ҷамъиятӣ дар фосилаи давраи муайян доранд ва ё бо сабабҳои гуногун муваққатан иштирок намекунанд (дар шароити муайян тайёранд ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалб карда шаванд), инчунин бо нишондодҳои миқдорӣ ва сифатии тавсиф карда мешаванд.

Нишондодҳои захираҳои меҳнатӣ бо хислати такрористеҳсоли онҳо дар шароити муосир муайян карда мешаванд. Дар ҷараёни инкишофи худ, захираҳои меҳнатӣ якчанд марҳилаҳои такрористеҳсолро аз сар мегузаронанд: ҷараёни истеҳсолот (ташаккулёбӣ), тақсимот (азнавтақсимкунӣ), мубодила ва истеъмолот (истифодабарӣ). Дар ҷараёни такрористеҳсолоти захираҳои меҳнатӣ ба марҳилаи ташаккулёбӣ диққати махсус зоҳир карда мешавад, зеро нишондоди асосии ин марҳила аз мавқеъи хоҷагии миллӣ қонеъгардонии эҳтиёҷоти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва соҳаҳои он бо миқдори зарурӣ ва сифати хоси захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоб меравад. Бо баробари ин қисмати ибтидоии марҳилаи ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ такрористеҳсоли муқаррарии аҳолӣ, яъне ҷараёни мутасили барқароркунии наслҳо баромад мекунад.

Ба ақидаи мо мафҳуми захираҳои меҳнатӣ якҷоя бо захираҳои табиӣ, истеҳсолӣ, иттилоотӣ, молиявӣ ва дигарҳо унсури асосии истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар умум захираҳои меҳнатӣ ин қисми аҳолии мамлакат мебошад, ки дорои хислатҳои сифатии муайян аст ва дар ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҳаматарафа истифода шуда, қисми он бо сабабҳои гуногун муваққатан дар ҷараёни истеҳсолоти мол ва хизматҳо иштирок намекунад.

## 1.2. Нишондиҳандаҳои асосии истифодаи самарнокии захираҳои меҳнатӣ

Иқтисодиёти муосир, омӯзиши на танҳо мафҳумҳои моҳият ва аҳамияти ҳосилнокии меҳнатро, инчунин марҳилаҳои таҳаввули онро низ тақозо менамояд. Зарурати муайян намудани ҳосилнокии меҳнат дар доираи иқтисодиёти сиёсии классикӣ ибтидо мегирад. Дар асри XVIII ақидаҳо оид ба ҳисоб намудани ҳосилнокии меҳнат дар консепсияҳои либерализми иқтисодӣ ба миён омада буданд, ки дар озодии рафтори иқтисодӣ, махсусан соҳибкорӣ такя мекарданд[31]. Намояндагони иқтисоди сиёсии классикӣ, хусусан А. Смит ва Д. Рикардо заминаи методологии ҳосилнокии меҳнатро муқаррар карда буданд. Ба ақидаи А. Смит инкишофи истеҳсолот бо дарназардошти тақсимоти меҳнат ба некуаҳволии аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад, ки дар навбати худ омили афзоиши ҳосилнокии меҳнат ба ҳисоб меравад.

А. Смит гумон дорад, ки тақсимоти меҳнат ҳосилнокии меҳнатро бо се тарз баланд менамояд:

- афзоиши малакаи кории ҳар як коргари алоҳида;
- сарфаи вақти ҳангоми гузариш аз як намуди фаъолият ба дигар намуди фаъолият;

[31] Идеи экономического либерализма [Захираи электронӣ] – реҷаи дастрасӣ: https://spravochnick.ru/ekonomika/ekonomicheskiy_liberalizm/idei_ekonomicheskogo_liberalizma/

- ҳавасмандгардонии ихтироот ва истеҳсоли мошинаҳо, ки меҳнати инсонро соддатар мегардонад[32].

Дар инкишофи истеҳсолот, инчунин дар тақсимоти меҳнат, нақши асосиро инсони иқтисодӣ иҷро мекунад, ки меҳнати худро дар шароити бозор барои манфиатҳои худ истифода мебарад. Табиатан инсон кӯшиш мекунад доимо оқилона рафтор карда, барои тайёр намудани молҳо вақти камтарро сарф намояд, яъне ӯ ҳамон намудани фаъолиятро пеша мегирад, ки меҳнаташ маҳсулнок бошад[33].

Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун унсури зарурӣ дар раванди таъмини тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо дарназардошти истифодабарии самаранок дар такрористеҳсоли ҷамъиятӣ тавсиф карда мешавад. Дар назария ва амалияи иқтисодӣ ақидае вуҷуд дорад, ки мувофиқи он байни захираҳои меҳнатӣ ва тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобастагӣ ва алоқамандии шуморавӣ ва сифатӣ вуҷуд дорад. Вобастагии шуморавӣ пеш аз ҳама дар афзоиши эҳтиёҷот ба захираи меҳнат ҳангоми таъмини рушди иқтисодӣ зоҳир мегардад. Бо баробари ин мавҷудияти шумораи зиёди захраҳои меҳнатӣ барои соҳаҳои иқтисодиёт масъалаҳои истифодабарии ҳамаҷонибаи онро дар назар дорад.

Аз ҷиҳати вобастагии сифатӣ бошад, захираҳои меҳнатӣ бо эҳтиёҷоти соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба малакаи кории касбӣ ва сатҳи тайёрии иқтидори меҳнатӣ вобастагӣ дорад. Дар навбати худ мавҷудияти иқтидори меҳнатӣ бо сатҳи мувофиқи тайёрӣ барои васеъшавии намудҳои алоҳидаи истеҳсолот мусоидат менамояд. Ҳамчун таҳкурсии таъмини тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таъиноти функсионалии захираҳои меҳнатӣ дар баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ муайян карда мешавад. Бо баробари ин, самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ метавонад дар ҳолате таъмин гардад, ки агар барои инкишофи худи инсон ҳамчун дорандаи қобилияти меҳнатӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шаванд. Боиси таъкид аст, ки

---

[32] Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. М.: Соцэкгиз, 1962. 684 с.
[33] Козырев В.М. Адам Смит: его роль в становлении экономической науки // Вестник РМАТ. – 2012. - №2.3. – С. 48-58

шароити мусоид барои инкишофи инсон дар натиҷаи истифодабарии самарноки қобилияти меҳнатии ӯ таъмин карда мешавад. Аз ин рӯ қайд намудан ба маврид аст, ки истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ ва шароити муосид барои инкишофи инсон дар амал баҳам алоқаманд буда, ҳамдигарро пурра мегардонанд ва дар як самт инкишоф меёбанд.

Дар назария ва амалияи иқтисодӣ нишондоди паҳнгаштаи баҳодиҳии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ҳосилнокии (маҳсулнокии) меҳнат баромад мекунад. Бинобар ҳамин дар ҳама низомҳои хоҷагидорӣ, ҳосилнокии меҳнат яке аз нишондиҳандаҳои инкишофи иқтидори инсонӣ ва меҳнатии истеҳсолоти ҷамъиятӣ баромад карда, ба сифати нишондоди самаранокии иқтисодии истеҳсолот хизмат мекунад.

Дарки ҳосилнокии меҳнат аз таълимоти К. Маркс оид ба табиати дунамудаи меҳнат ибтидо мегирад, ки мувофиқи он “ҳамагуна меҳнат, аз як тараф ин сарфи қувваи кории инсон аз ҷиҳати физиологӣ буда, дар ягонагии меҳнати инсон арзиши молро ифода мекунад. Аз тарафи дигар меҳнат ин сарфи қувваи кории одамон дар шакли махсус, ки қобилияти бавуҷуд овардани арзиши истеъмолиро дорад”[34]. Бо ибораи дигар К. Маркс ҳосилнокии меҳнатро ҳамчун маҷмӯи меҳнати шиддатнок ва қувваи маҳсулноки он мушоҳида мекунад. Ҳамчун хусусияти хоси меҳнати муайян, ҳосилнокии меҳнат дараҷаи самаранокии онро дар воҳиди вақти фоидаовари фаъолияти инсон нишон медиҳад. Ба сифати меҳнати абстрактӣ, шиддатнокии меҳнат сарфи меҳнатро нишон медиҳад, яъне сарфи меҳнатро дар воҳиди вақт.

Моҳияти ҳосилнокии меҳнатро муайян карда, К. Маркс ин нишондодро на танҳо бо меҳнати зинда, балки ҳамчун маҷмӯи меҳнати ҷамъиятӣ алоқаманд мекард. Аз мавқеъи таъсисёбӣ ва баланд шудани арзиш меҳнатӣ дар воситаҳои истеҳсолот таҷассумёфта бо меҳнати зинда омехта мегардад. Онҳо танҳо бо он фарқ мекунанд, ки меҳнати зинда дар арзиши истеъмолӣ инъикос ёфта, меҳнати таҷассумёфта бошад, дар воситаҳои истеҳсолот инъикос ёфтааст. Бо

[34] Рыжков Д. А. Трудовые ресурсы: сущность, эффективность управления и использования в современных условиях // Вестник МГУЛ – Лесной вестник. 2010. №2. С.170-179.

ибораи дигар ба ҳосилнокии меҳнат, меҳнати гузашта (дар воситаҳои истеҳсолот таҷассумёфта) ва меҳнати зинда таъсир мерасонанд. Мутақобилан, ҳама меҳнати таҷассумёфта ин меҳнати дар гузашта зинда арзёбӣ карда мешавад, бинобар ҳамин онҳо сифатан якҷинса мебошад, зеро "меҳнати дар воситаҳои истеҳсолот таҷассумёфта ин шумораи муайяни меҳнати ҷамъиятӣ мебошад. Меҳнате, ки дар ҷараёни истифодабарии воситаҳои истеҳсолот ҳамроҳ мешавад, шумораи иловагии меҳнати ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад"[35], яъне ҳар ду шакли меҳнат хароҷоти зарурии меҳнати ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки коҳишёбии онҳо ба воҳиди маҳсулот бо ифодаёбии мутлақ сатҳи ҳосилнокии меҳнати ҷамъияиро нишон медиҳад. Ҳамин тавр ҳосилнокии маҷмӯи меҳнати ҷамъиятӣ, ҳосилнокии меҳнатро ифода менамояд. Лекин дарки ин ҳолат маънои онро надорад, ки меҳнати пештар дар ҷараёни истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот сарфшуда маҳсулнокии бештар дорад. Бояд дар назар дошт, ки сарфа намудани меҳнати таҷассумёфта барои сарфаи меҳнати зинда дар марҳилаҳои минбаъдаи такрористеҳсолот низ замина мегузорад.

Оид ба ҳосилноки меҳнат сухан гуфта, бояд дар назар дошт, ки байни мафҳуми "ҳосилнокӣ" ва "ҳосилнокии меҳнат" фарқият мавҷуд аст. Як қатор иқтисодчиён ҳосилнокии меҳнатро ҳамчун унсури ҳосилнокӣ ва ченаки махсус арзёбӣ менамоянд. Дар фарҳанги (луғати) истиллоҳҳои иқтисодии Б.А. Райзберг ин нишондиҳандаҳо чунин маънидод карда мешаванд: "ҳосилнокӣ ин нишондиҳандаи самаранокии истеҳсолот мебошад, ки ҳаҷми истеҳсолотро ба ҳисоби як воҳиди захираҳои истифодашаванда (омилҳои истеҳсолот) муайян менамояд, бо ибораи дигар ин нишондиҳанда ба воситаи тақсим намудани ҳаҷми истеҳсолот ба хароҷоти захираҳо муайян карда мешавад"[36].

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, қайд кардан зарур аст, ки захираҳои меҳнатӣ ҳамавақт бо худ яке аз захираҳои истеҳсолиро ифода мекунанд, ки ҷалби онро

---

[35] Рыжков Д. А. Трудовые ресурсы: сущность, эффективность управления и использования в современных условиях // Вестник МГУЛ – Лесной вестник. 2010. №2. С.170-179.

[36] Райзберг Б.А. Современный экономический словарь. 5-е изд. перераб. и доп. – Москва: ИНФРА-М, 2022 – 512с.

ба ҳаёти хоҷагидории ҷамъият дар ҳама марҳилаҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар назар дорад. Ҳосилнокии меҳнат бо худ "нишондиҳандаи истифодабарии самраноки захираҳои меҳнатиро, яъне омили меҳнатро нишон медиҳад"[37]. Ҳосилнокии меҳнат ба воситаи шумораи маҳсулоти истеҳсолшуда бо ифодаи пулӣ ва ё ашёвӣ (натуралӣ), ки аз тарафи як коргар дар давоми давраи муайяни вақт (сол, моҳ, рӯз, соат) истеҳсол карда шудааст. Мутобиқан, мафҳуми ҳосилнокиро ба сифати нишондоди самаранокии истифодабарии ҳама омилҳои истеҳсолот мушоҳида кардан зарур мебошад. Ҳосилнокии меҳнат бошад, танҳо нишондоди истифодаи самараноки захираи меҳнат баромад мекунад.

А.Н. Азрилиян дар Фарҳанги иқтисодӣ ҳосилнокиро ҳамчун "истеҳсоли маҳсулот, хизмат, маҳсулоти нимтайёр ва ғайра дар восиҳи вақт аз тарафи як коргар, як воҳиди таҷҳизот, як ҷузъи истеҳсолот"[38] маънидод мекунад.

Вобаста аз ақидаҳои дар боло овардашуда, қайд намудан мумкин аст, ки ҳосилнокии меҳнат натиҷагирӣ ва самаранокии хароҷоти меҳнатро тавсиф карда, бо шумораи маҳсулоти дар воҳиди вақти корӣ истеҳсолшуда ифода меёбад, ки ба воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда, корҳои иҷрошуда, хизмати пешкашшуда рост меояд. Умуман барои фаъолияти босамари ҳама корхонаҳо, новобаста аз шакли моликият, самти истеҳсолот, аҳамияти миллӣ ва ғайраҳо интихоби усули истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Ба ақидаи Маҳмадаминов М. "объекти асосии идоракунии захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама ин ҷараёни меҳнати ҷамъиятӣ ҳамчун фаъолияти мақсаднок ва натиҷагирии он, муносибат байни одамон оид ба иштироки онҳо дар ҷараёни меҳнат ва такомули он, инкишофи инсон ва коллективҳои меҳнатӣ, васеъшавии такрористеҳсоли қувваи корӣ ва ғайраҳо баромад мекунанд"[39]. Зеро ҳангоми ташкили истеҳсолот як қатор

[37] Райзберг Б.А. Современный экономический словарь. 5-е изд. перераб. и доп. – Москва: ИНФРА-М, 2022 – 512с
[38] Большой экономический словарь/ под ред. А.Н. Азрилияна. М., 2004, С-412.
[39] Махмадаминов М. Проблемы повышения эффективности структуры занятости трудовых ресурсов Таджикистана / Материалы научно-практической конференции на тему «Проблемы трудовых отношений и социального развития в Таджикистане». – Душанбе, 29-30 октября 2010. – С. 8.

вазифагузориҳо муайян карда мешаванд, ки ҳалли онҳо барои самаранокии истеҳсолот ва истифодабарии захираҳои иқтисодӣ алалхусус захираҳои меҳнатӣ зарур мебошанд.

Боиси таъкид аст, ки аҳамияти аввалиндарҷаи муайян намудан ва баҳогузории нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат барои банақшагирӣ ва таҳлили фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ дар сатҳи гуногун зарур аст. Аз рӯи натиҷаҳои ҳисоб ва баҳодиҳии ҳосилнокии меҳнат, муайян намудани сабаби боздории рушди самарнок дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва иқтисодиёти миллӣ, инчунин таъмини истифодабарии оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ва табиӣ имконпазир мегардад.

Сатҳи ҳосилнокии меҳнат ба суръати афзоиши музди меҳнат, афзоиши даромади аҳолӣ, тараққиёти истеҳсолот, нишондиҳандаҳои паст намудани арзиши аслии маҳсулот таъсир мерасонад. Барои истеҳсолот сарҳади баланд намудани ҳосилнокии меҳнат мавҷуд нест. Бо ибораи дигар ҳосилнокии меҳнат бо баробари таҷдид ва автоматикунонии истеҳсолот, ҷорӣ намудани техника ва технологияи нав ба сатҳи баландтар мегузарад. Ҳисоб ва таҳлили мутасили ҳосилнокии меҳнат барои муайян намудани имкониятҳои афзоиши марҳила ба марҳилаи истеҳсоли маҳсулот дар асоси баланд намудани он ва истифодабарии оқилонаи захираҳоро фароҳам меоварад. Бо ин мақсад таҳлили ҳосилнокии меҳнат дар ҳама марҳилаҳои фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ зарур арзёбӣ мегардад. Ҳосилнокии меҳнат ва унсурҳои ба он таъсиррасонанда бояд дар ҳама сатҳҳои идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ амалӣ карда шаванд, алалхусус: ҳангоми банақшагирӣ, ташкили ҷараёни истеҳсолот, таҳлил ва баҳодиҳии натиҷаҳои дастрасгардида.

Ҳангоми банақшагирии фаъолияти хоҷагидорӣ ва ташкили истеҳсолот ҳосилнокии меҳнат аз чунин унсурҳо иборат мебошад:

- истифодабарии техника ва технология, таҷҳизот ва мошинаҳо дар ҷараёни истеҳсолот;
- дараҷаи истифодабарии воситаҳои гардон;
- сатҳи истифодабарии ҳайати кормандон;

- мавҷудияти менеҷменти тахассусӣ;
- дарёфти бозори фурӯш.

Азбаски унсурҳои оддии ҷараёни меҳнат бетағйир боқӣ мемонанд, унсурҳои номбаршудаи ҳосилнокии меҳнат метавонанд танҳо бо таносубҳои гуногун амал намоянд. Бо баробари тараққиёти истеҳсолот нақши яке аз унсурҳо коҳиш ёфта, нақши дигар унсурҳо пурзӯртар мегарданд ва дар натиҷа таносуби байни онҳо дигаргун мешавад. Дар марҳилаҳои ибтидоии инкишофи ҷамъият ба омилҳои шахсии истеҳсолот нақши ҳалкунанда вобаста карда мешуд. Таносуби унсурҳо дар баланд намудани ҳосилноки меҳнат бо дарназардошти инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда тағйир ёфта, нақши унсурҳои ташкилию техникии шароити меҳнат афзоиш ёфтанд.

Бешубҳа захираҳои меҳнатӣ фаъолияти инсон буда, дар сатҳи корхонаҳои алоҳида, соҳаҳо ва иқтисодиёт ҳамчун омили истеҳсолии асосии дарк карда мешавад. Ҳосилнокии меҳнат бошад нишондиҳандаи асосии истифодабарии самараноки меҳнат баромад мекунад[40]. Дар навбати худ қайд намудан зарур аст, ки барои баҳодиҳии ҳосилнокии меҳнат ҳамчун нишондиҳандаи истифодабарии самараноки он, як қатор нишондиҳандаҳои истифода мешаванд. Ҳосилнокии меҳнат истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатиро дар асоси ду нишондиҳандаҳои асосӣ муайян менамояд: коркарди маҳсулот ба ҳар сари коргар ва меҳнаттғунҷоиш[41].

Дар назария ва амалия се усули асосии муайян намудани маҳсулнокии меҳнатро аз ҳам фарқ мекунанд: усули шайъӣ – ба воситаи нисбияти ҳаҷми маҳсулоти шайъӣ ба шумораи миёна коргарон муайян карда мешавад; усули арзишӣ – ба воситаи нисбияти ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ба фурӯш рафта ба шумораи миёнаи коргарон муайян карда мешавад; усули меҳнатӣ – дар баҳодиҳии истифодабарии нишондиҳандаи меҳнатғунҷоиши маҳсулот асос

[40] Колесникова С.В. Эффективность использования трудовых ресурсов в организации // Вопросы экономики и управления. – 2016. – №5. – С. 153-154.

[41] Воропаева Н.В., Гиниева С.Б. Достойный труд - основа стабильного общества: материалы IV Междунар. науч.-практ. конф. Уральский государственный экономический университет г. Екатеринбург. Часть 2 - Екатеринбург: Изд-во Урал. гос. экон. ун-та, 2012. - Ч. 2. – 228 с.

гирифта, ҳамчун хароҷоти меҳнат барои воҳиди маҳсулот муайян карда мешавад.

Новобаста ба мавҷудияти чунин усулҳо дар амалия бештар усусли арзиши истифода мешавад. Зеро ин усули муайян намудани ҳосилнокии меҳнат, ин нишондиҳандао на танҳо дар истеҳсолотҳои оддии як намуд маҳсулот истеҳсол мекарда, инчунин дар истеҳсолоти номгӯи зиёди маҳсулот истеҳсол мекарда истифода шуда метавонад. Чунин тарзи муайян намудани ҳосилнокии меҳнат дар дохили корхона, соҳа, иқтисодиёти минтақавӣ ва миллӣ истифода шуда метавонад.

Доир ба усулҳои таҳлили истифодабарии самаранокии захираҳои меҳнатӣ Козлов А.А. дар мақолаи худ "Управление трудовыми ресурсами промышленных предприятий при переходе к рынку" чунин усулҳоро зарур меҳисобем[42]:

1. Муайян намудани нишондиҳандаҳои барои таҳлил аз нуқтаи назари тавсифи ҳолати корхона ва самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар корхона барои давраи муайян;

2. Муқаррар намудани аҳамяти нишондиҳандаҳои интихобшуда ва ҳисоби тағйирёбии онҳо нисбат давраи гузашта;

3. Дарёти омилҳо ва сабабҳо, ки ба тағйирёбии нишондодҳои фаъолият ва истифодабарии захираҳои меҳнатии корхона таъсиррасонанда;

4. Гузаронидани таҳлили таъсиррасонии омилҳои муқарраршуда дар алоҳидагӣ ва боназардошти дигар омилҳо;

5. Муайян намудани дараҷаи таъсиррасонӣ ба сатҳи сифат ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолмешуда ва фурӯхтамешуда;

6. Коркарди пешниҳодҳои ба таҳлили иқтисодии гузаронидашуда асосёфта, барои қабули қарори ба баланд намудани самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ равона карда мешуда.

---

[42] Козлов А.А. Управление трудовыми ресурсами промышленных предприятий при переходе к рынку [Маводи электронӣ] / Минск, 2017. 512 с. Реҷаи дастрасӣ: https://abium24.ru/spisok-literatury-po-analiz-trudovykh-resursov/ (санаи муроҷиат: 29.11.2022).

Ҷоиз ба таъкид аст, ки гузаронидани таҳлили нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ ҳамчун ҷиҳати асосии фаъолияти иқтисодӣ-таҳлилӣ баромад мекунад. Вазифаҳои асосие, ки таҳлили нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар чунин хислатҳо ифода меёбанд:

- муқаррар намудан ва баҳодиҳии сатҳи иҷроиши мақсадҳои муайяншуда, дарёфти роҳҳои афзоиши ҳосилнокии меҳнат:
- муайян намудани дараҷаи истифодаи самараноки таъсири омилҳои мухталиф , ки ба баланд намудани ҳосилнокии меҳнат таъсир мерасонанд.

Дар шароитҳои муосири иқтисодӣ зарурати коркарди низоми нишондодҳо ба миён меояд, ки онҳо ба таври пурра дараҷаи истифодабарии захираҳои меҳнатиро ифода карда, алоқаҳои байни нишондодҳоро муқаррар намояд. Чунин низомро дар намудани маҷмӯи нишондиҳандаҳои ифода кардан мумкин аст, ки сатҳи шуғлнокии аҳолии қобили меҳнатдошта, дараҷаи инкишофи захираҳои меҳнатӣ ва истифодабарии самараноки онҳоро фарогир бошад.

Аксарияти мутахассисон ба коркарди усулҳои баҳодиҳии нишондиҳандаҳои самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ зоҳир мекунанд. Усулҳои анъанавӣ доимо пурра ва васеъ карда мешаванд, ки бо тағйирёбии вазъияти доимии бозор тавсиф карда мешавад[43]. Масалан, Медведева О.В. дар таҳлили истифодабарии самраноки захираҳои меҳнатӣ чунин нишондиҳандаҳоро мушоҳида мекунад: шумораи вақте, ки аз тарафи як корманд иҷро карда шудааст; нишондиҳандаи истифодабарии фонди вақти корӣ; нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат; дараҷаи истифодабарии фонди музди меҳнат[44]. Когденко В.Г. ҷараёни таҳлили захираҳои меҳнатиро дар

[43] Козлов А.А. Управление трудовыми ресурсами промышленных предприятий при переходе к рынку [Маводи электронӣ] / Минск, 2017. 512 с. Реҷаи дастрасӣ: https://abium24.ru/spisok-literatury-po-analiz-trudovykh-resursov/ (санаи мурочиат: 29.11.2022).
[44] Дейнека А.В. Управление человеческими ресурсами: Москва. Дашков и К, 2013. 392 с. С. 198.

асоси ҳисоби нишондиҳандаҳои ҳаракати захираҳо, сатҳи ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии харочот барои меҳнат мушоҳида мекунад [45].

Нишондиҳандаҳои номбурдаро аз нуқтаи назари зарурати гузаронидани таҳлили иқтисодии нишондиҳандаҳои самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатии корхона нисбатан пурра гуфтан мумкин аст. Истифодабарии усулҳои гуногуни таҳлили муосири самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи корхона, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ дарчунин қонуниятҳои иқтисодӣ асос гирифтанаш мумкин аст:

- суръати афзоиши ҳосилноки меҳнат дар сатҳи корхона, соҳаҳо, минтақаҳо ва умуман иқтисодиёт бояд аз суръати рушди шумораи кормандон зиёд бошад;
- баланд намудани сатҳи ҳосилнокии меҳнат бояд ба сарфаи фонди музди меҳнат ва коҳишёбии арзиши аслии маҳсулот мусоидат намояд;
- дар ҷараёни қабули қарори идоракунӣ бояд ба сарфаи харочот аҳамият дод, на балки ба пастшавии харочот барои нигоҳдории захираҳои меҳнатӣ.

Аз рӯи чунин гуфтаҳо, ба ақидаи мо дар ҷараёни қабули қарори идоракунӣ, ҳатман натиҷаҳои таҳлили нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ ба инобат гирифта шаванд.

Таъиноти ҳосилнокии меҳнатро дар ҷараёни истеҳсолот ҳамчун амалигардонии чораҳои коркардшуда ва барномаҳои комплексӣ оид ба идоракунии истеҳсолот ифода намудан мумкин аст. Айнан дар марҳилаи таъминоти таносуби оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ва моддию техникӣ ҷустуҷӯи доимии захираҳои афзоишёбӣ амалӣ шуданаш зарур мебошад.

Таҳлил ва баҳодиҳии таъсири ҳосилнокии меҳнат ба вазъияти истеҳсолот имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда бо

---

[45] Козлов А.А. Управление трудовыми ресурсами промышленных предприятий в условиях трансформации экономики. [Захираи электронӣ]. А.А. Козлов. Брест: Изд-во БрГУ, 2018. 156 с. Реҷаи дастрас: https://abium24.ru/spisok-literatury-po-analiz-trudovykh-resursov/ (дата обращения: 29.11.2022).

натиҷаҳои ба даст овардашуда муқоиса карда шаванд ва дар ин васила самти тағйироти ба миён омада ва сабабҳои тағйирот муайян карда шаванд. Дарёфти захираҳои рушди ҳосилнокии меҳнат дар шароити муосир яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Чораҳои комплексӣ, ки ба самаранокии истифодабарии қувваи корӣ равона карда шуда, барои истифодабарии самараноки меҳнат таъинот дорад аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва методӣ пайдо мекунанд. Чунин вазъият дар асоси такомули шароит ва ташкили меҳнат, ҷо ба ҷо гузорӣ ва сохтори кадрҳо, нигоҳдории фаъолияти мутасил, баланд намудани манфиатнокии ҳайати кормандон, истифодаи оқилонаи дигар захираҳо, фондҳои асосии истеҳсолӣ ва ғайраҳо амалӣ карда мешавад. Ифодаёбии чунин унсурҳои афзоиш, ба монанди мавҷудияти бозори фурӯш ва сифати менеҷмент дар истифодабарии маҷмӯавии меҳнати таҷассумёфта ва зинда ифода меёбад.

Ҳатман ҳосилнокии локалии меҳнат ва ҳосилнокии инфиродии меҳнатро фарқ намудан зарур аст. Афзоиши ҳосилнокии меҳнати инфиродӣ сарфаи вақти кориро нишон медиҳад, ки барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот ва ё шумораи иловагии маҳсулот дар воҳиди вақт зарур мебошад. Бузургии миёнаи ҳосилнокии меҳнати коргарон, ки дар барои соҳа ва ё корхона муайян карда мешавад, ҳосилнокии локалиро ифода мекунад[46].

Бо баробари ин дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва суръати афзоиши шумораи ҳайати кормандони соҳаҳои истеҳсолот муқаррар карда мешаванд. Афзоиши ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ таносуби байни меҳнати таҷассумёфта ва меҳнати зиндаро дигаргун менамояд. Афзоиши ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ ба афзоиши вазни қиёсии меҳнати таҷассумёфта ва коҳишёбии меҳнати зиндаи ба воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда рост меомада оварда мерасонад. Бо баробари ин бузургии умумии хароҷот ба воҳиди маҳсулот бетағйир боқӣ мемонад, ки чунин

[46] Рыжков Д. А. Трудовые ресурсы: сущность, эффективность управления и использования в современных условиях // Вестник МГУЛ – Лесной вестник. 2010. №2. С.170-179.

вобастагиро К. Маркс қонуни иқтисодии афзоиши ҳосилнокии меҳнат номидааст.

Дар таҷрибаи хоҷагидорӣ ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ дар миқёси иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои он истифода шуда, дар сатҳи корхонаҳо нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнати инфиродӣ бештар истифода мешавад. Ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи корхона танҳо ҳамчун самаранокии хароҷоти меҳнати зинда мушоҳида шуда, ба воситаи нишондиҳандаи барориш ба ҳар сари коргар ва нишондиҳандаи ғайримустақими меҳнатғунҷоиши маҳсулот муқаррар карда мешавад. Қайд намудан ба маврид аст, ки чунин тарзи ҳисоби ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи соҳаҳо низ имконпазир аст.

Нишондоди асосии ҳосилнокии меҳнат бевосита ҳаҷми барориш ба ҳар сари корманд дар шакли шайъӣ ва арзиши маҳсулот муайян карда мешавад, ки дар воҳиди муайяни вақт (сол, семоҳа, моҳ, ҳафта, баст, соат) ба вуҷуд оварда мешавад. Нишондоди арзишии истеҳсоли маҳсулот аз таъсири як қатор омилҳо вобастагӣ дорад, ки ба ҳосилнокии меҳнат таъсир мерасонанд, масалан, тағйирёбии нархи ашё ва масолеҳи истеҳсолӣ, нархи маҳсулот ва ғайраҳо. Дар сатҳи як қатор корхонаҳо ҳосилнокии меҳнат бо нишондиҳандаи меъёр-соат муайян карда мешавад. Қобили таъкид аст, ки чунин тарзи муайян намудани ҳосилнокӣ бештар ба худи омили меҳнат таалуқ дошта, барои баҳодиҳии ҳосилнокии меҳнати коргари алоҳида, гуруҳи кормандон, сехҳо истифода мешавад.

Тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат бо муқоисакунии истеҳсоли аслии маҳсулот бо истеҳсоли нақшавӣ ва муқоисакунӣ бо давраҳои гузашта баҳогузорӣ карда мешавад. Афзоиши ҳосилнокии меҳнат бо зиёдшавии истеҳсоли аслӣ нисбат ба ҳаҷми банақшагирифташуда ба миён меояд.

Ҳосилнокии меҳнат инчунин ба воситаи тақсим намудани ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшуда ба шумораи коргарон ҳисоб карда шуданаш мумкин аст.

Нисбатан дақиқтар сатҳи ҳосилнокии меҳнатро коркарди (истеҳсоли) маҳсулот дар воҳиди вақт ифода карда метавонад. Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда метавонад дар шакли шайъӣ ва арзишӣ ифода ёбад.

Хароҷоти вақти корӣ барои воҳиди маҳсулот нишондоди меҳнатғунҷоиши маҳсулотро ифода менамояд. Меҳнатғунҷоиши воҳиди маҳсулот барои ҳама намуди маҳсулоти истеҳсолмешуда бо ифодаёбии шайъӣ муайян карда мешавад. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳосилнокии меҳнат як қатор афзалиятҳо дорад, ки аз байни онҳо асоситаринаш инҳо мебошанд:

- муайян намудани вобастагии мутақим байни хароҷоти меҳнат ва ҳаҷми истеҳсолот;
- истисно намудани таъсиррасонӣ ба ҳосилнокии меҳнат;
- алоқаманд намудани тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат бо захираҳои афзоиши он, муқоисакунии хароҷоти меҳнати сохторҳои гуногуни корхонаҳо;

Вобаста ба нақши хароҷоти меҳнат дар ҷараёни истеҳсолот ва сохтори онҳо чунин намудҳои меҳнатғунҷоиш аз ҳам фарқ карда мешаванд: технологӣ, хизматрасонӣ, истеҳсолӣ, идоракунии истеҳсолот ва меҳнатғунҷоиши пурра. Меҳнатғунҷоиши технологӣ хароҷоти меҳнати кормандони асосиро барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот дар бар мегирад.

Маҷмӯи хароҷоти меҳнати кормандони ёрирасони истеҳсолоти асосӣ ва коргарони ҳама ҷузъҳои истеҳсолот, ки ба таъминоти ҷараёни истеҳсолот машғул мебошанд, меҳнатғунҷоиши хизматрасонии истеҳсолотро ифода мекунад.

Меҳнатғунҷоиши идоракунии ҳайати кормандон ин нишондиҳанде мебошад, ки ба воҳиди маҳсулоти истеҳсол мешуда рост меояд.

Меҳнатғунҷоиши пурраи воҳиди маҳсулот – ин хароҷоти ҳама категорияҳои коргарони корхона ба ҳисоб меравад. Бо мақсади беҳтар намудани истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ такомули сохтори онҳо зарур буда, коркарди чораҳои ба беҳтаргардонии истифодабарии вақти корӣ равона шуда мувофиқи мақсад мебошанд. Дар ин самт диққати махсус ба

ташкили меҳнат ва истеҳсолот зоҳир карда шуданаш лозим, зеро риоя намудани принсипҳои ташкили ҷараёни истеҳсолот кафили таъмини нишондодҳои баланди иқтисодӣ мебошад.

Умуман, унсурҳои асосии низоми ташкили оқилонаи ҷараёни истифодабарии меҳнат ва истеҳсолот инҳо мебошанд:

- ҷобаҷо гузории кадрҳо дар истеҳсолот ва тақсимоти меҳнат;
- ташкил ва таъмини ҷойҳои кории мусоид;
- ворид намудани ҷараёнҳои истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ;
- таъмини шароити мусоид барои фаъолияти меҳнатӣ;
- таъмини ҳавасмандгардонии кормандон;
- ташкили омӯзиш, баланд намудани тахассуснокӣ ва азнавтайёркунии кормандон;
- ҳифз ва таъмини шароитҳои бехатари меҳнат.

Дар ҳар як корхона бояд фарҳанги истеҳсолот баланд бардошта шавад, ки он бо мақсади риоя намудани озодагӣ ва тартибот дар коргоҳ равона карда шавад.

Ташаккулёбии қувваи корӣ дар шароити муосир бо тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, ки техника ва технологияи истеҳсолиро хуб медонанд маҳдуд намегардад. Ҳайати кормандони корхонаҳои муосир ҳатман дорои қобилияти навоварӣ, истифодаи онҳоро дар ҷараёни истеҳсолот дошта бошанд. Асоси ҷараёнҳои навоварӣ бевоситаи иқтидори эҷодии кормандон (роҳбарият, мутахассисон ва коргар) мебошад. Нишондиҳандаҳои сифатии захираҳои меҳнатӣ ба воситаи нишондиҳандаҳои сатҳи умумии касбӣ, собиқаи корӣ аз рӯи тахассус ва натиҷаҳои меҳнатӣ муайян карда мешаванд.

Таҳлили назариявӣ нишон медиҳад, ки дар адабиёти иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидорӣ нишондиҳандаи истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи корхона маҳсулоти интиҳоии меҳнат низ баромад мекунад, ки ҳамчун тағйирёбии ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулотро ҳангоми

тағйирёбии захираи меҳнатӣ ба як воҳид ҳангоми тағйирнопазирии ҳаҷми сармояи истеҳсолӣ нишон медиҳад.

Дигар нишондиҳандае, ки самаранокии истифодабарии захираи меҳнатро нишон медиҳад, ин чандирнокии ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулот аз рӯи меҳнат баромад мекунад. Чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат тағйирёбии фоизии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро дар натиҷаи тағйирёбии ҳаҷми захираҳои меҳнатӣ ба як фоиз нишон медиҳад. Ин нишондиҳанда ба нисбияти маҳсулоти интиҳоии меҳнат ба ҳосилнокии меҳнат баробар аст. Боиси таъкид аст, ки тағйирёбии нисбии ҳаҷми истеҳсолот вобаста аз таносуби маҳсулоти интиҳоии меҳнат ва ҳосилнокии меҳнат муқаррар карда мешавад. Чи тавре, ки аз ҷадвали 1.1 мушоҳида кардан мумкин аст, дар шароити муосир истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ бо нишондиҳандаҳои маҳсулоти интиҳоии меҳнат ва чандирнокии барориш аз рӯи меҳнат пурра карда шудааст.

**Ҷадвали 1.2 - Нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Тарзи ҳисоб намудан** | **Натиҷа ва хулосабарорӣ** |
|---|---|---|
| Ҳосилнокии меҳнат | $Ҳ_{М} = \frac{ҲМ}{ШМ}$ | Муайян намудани коркарди маҳсулоти истеҳсолӣ аз тарафи як коргар |
| Ҳосилнокии меҳнат бо ифодаёбии пулӣ | $Ҳ_{МП} = \frac{ҲМ_{П}}{ШМ}$ | Муайян намудани коркарди маҳсулоти истеҳсолӣ бо ифодаёбии пулӣ аз тарафи як коргар |
| Меҳнатғунҷоиш | $М_{ғ} = \frac{ШМ}{ҲМ}$ | Муайян намудани истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолот |
| Маҳсулоти интиҳоии меҳнат | $МИМ = \frac{\Delta ҲМ}{\Delta ШМ}$ | Муайян намудани самаранокии истифодаи воҳиди иловагии захираи меҳнатӣ |
| Маҳсулоти интиҳоии меҳнат бо ифодаёбии пулӣ | $МИМ_{П} = \frac{\Delta ҲМ_{П}}{\Delta ШМ}$ | Муайян намудани самаранокии истифодаи воҳиди иловагии захираи меҳнатӣ бо ифодаи пулӣ |
| Чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат | $\varepsilon_{ШМ}^{ҲМ} = \frac{МИМ}{ҲМ}$ | Муқаррар намудани миқдори зарурии захираҳои меҳнатӣ барои истеҳсолот |

**Таҳияи муаллиф.**

Айнан ҳамин нишондиҳандаҳои имкон медиҳанд, ки сатҳи самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар доираи корхона, соҳа, минтақа ва иқтисодиёти миллӣ баҳогузорӣ карда шаванд.

Бояд тазаккур дод, ки барои таъмини истифодаи самаранокии захираҳои меҳнатӣ гурӯҳи омилҳои ба ҳосилнокии меҳнат таъсиррасонро ба инобат гирифтан зарур аст (расми 1.2.).




**Расми 1.2. Омилҳои ба ҳосилнокии меҳнат таъсиррасон**

Ҳосилнокии меҳнат воқеан аз омилҳои зиёде вобастагӣ дорад.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатии пешкаш шаванда дар асоси муносибатҳои захиравӣ, хароҷотӣ, арзишӣ, интиҳоӣ ва чандирнокӣ имконият медиҳад, ки қарорҳои сифатан ва ҳаматарафа дуруст дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ қабул карда шаванд. Дар ин ҷода, ба таҳлили тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо аҳамияти хоса зоҳир кардан зарур аст, зеро чунин муносибат бахри истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ равона карда мешавад.

Ҳамин тавр, муқаррар карда мешавад, ки яке аз фишангҳои зарурии стратегии ҳама корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ, ки аз ҳисоби истифодабарии оптималии захираҳои меҳнатӣ ба даст оварда мешаванд, ҳатман баланд намудани тахассуснокӣ ва сатҳи донишандӯзии захираҳои меҳнатиро дар назар дорад. Аз сатҳи нишондиҳандаҳои пешкаш кардашуда бевосита натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ умуман вобастагии калон доранд.

### 1.3. Таҷрибаи хориҷии истифодаи самаранокии захираҳои меҳнатӣ

Доир ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ бодарназардошти маҳсулнокии меҳнат омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ аҳамияти хоса дорад. Махсусан, таҳлили усулҳои баҳодиҳии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии маҳсулнокии меҳнат барои муқоисакунӣ ва интихоби самти афзалиятноки он зарур арзёбӣ мегардад. Дар аксарияти кишварҳои дунё ақидае вуҷуд дорад, ки истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ ва дар ин васила баланд намудани ҳосилнокии меҳнат сарчашмаи баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ҳамин, дар ҷодаи истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ самтҳои гуногуни ҳисоб ва таҳлили ҳосилнокии меҳнат дар мадди аввал қарор дорад.

Интихоби ин ё он самти ҳисобкунӣ ва таҳлили истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти ҳосилнокии он пеш аз ҳама аз мақсадҳои иқтисодӣ вобастагӣ дорад.

Созмони умумиҷаҳонии меҳнат (СУМ) истифодабарии оқилонаи захираҳои меҳнатиро аз мавқеи ҳосилнокии меҳнат, таносуби оқилонаи ҳамаи захираҳои мавҷудбуда (вақт, энергия, иттилоот, сармоя, фондҳои асосӣ, ашё ва масолеҳ) мавриди баҳодиҳӣ ва таҳқиқ қарор медиҳад. Самаранокии

истифодаи захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти натиҷаҳои ниҳоӣ ва хароҷоти барои дастрасии онҳо зарурбуда муқаррар карда мешавад[47].

Барои баҳодиҳии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ аз тарафи СУМ ҳисоб намудани ҳосилнокии меҳнат ҳам дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва ҳам дар бахшҳои ғайриистеҳсолии иқтисодиёт тавсия дода мешавад. Нишондиҳандаҳои ҳосилнокии меҳнат дар омори байналмилалӣ мутобиқи усули ТУМ ва Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд ба таври зерин муқаррар карда мешавад (расми 1.3.).




**Расми 1.3. нишондиҳандаҳои ҳосилнокии меҳнат дар омори байналмилалӣ (аз рӯи усули ТУМ ва ТҲИТ[48].**

Назарияи иқтисодии хориҷӣ ва тадқиқотҳои амалӣ дар соҳаи баҳодиҳии самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ имкон дод, ки якчанд

[47] Масыч М.А., Паничкина М.В. Тенденции и закономерности социально-экономического развития России и зарубежных стран с позиции производительности труда // Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Экономические науки. – 2017. – №6. – С. 50 – 63.
[48] Зимнякова Т.С., Самусенко С.А. Международный опыт оценки и анализа показателей производительности труда на национальном и региональном уровнях // Вестник Томского государственного университета. Экономика. – 2020. - №51. – С. 5-20.

муносибатҳои асосиро дар ин соҳа муқаррар намоянд, ки бо асосҳои гуногун таснифот карда мешаванд (расми 1.4.).




**Расми 1.4. Муносибатҳои асосӣ доир ба тадқиқ ва баҳодиҳии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар назария ва амалияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ[49].**

Ҳар яке ин муносибатҳо дар алоҳидагӣ ва дар маҷмӯъ бо дигар усулҳо дар кишварҳои зиёди дунё истифода шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ якчанд унсурҳои ин муносибатҳо истифода мешаванд.

---

[49] Зимнякова Т.С., Самусенко С.А. Международный опыт оценки и анализа показателей производительности труда на национальном и региональном уровнях // Вестник Томского государственного университета. Экономика. – 2020. - №51. – С. 5-20.

Тафовут дар усулҳои ҳисоби баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар баъзе кишварҳо дар он зоҳир мегардад, ки диққати асосӣ ба баҳодиҳии ҳосилнокии меҳнати зинда дода мешавад. Лекин дар таҷрибаи ҷаҳонӣ таҳлил ва баҳодиҳии ҳама омилҳои истеҳсолот зарур ҳисобида мешавад. Дар ин ҷода, оид ба зарурати муносибатҳои гурӯҳӣ ва интизоми кормандон, дарки масъулияти корӣ, робитаҳои ба роҳ мондашуда ва рафтори мувофиқ сухан гуфтан ҷоиз аст. Ба ғайр аз ин унсурҳои ташкилӣ аҳамияти калон пайдо мекунанд, ки бо тартиби амалигардонии муносибатҳои меҳнатӣ ва идоракунии ҳайати кормандон алоқаманд мебошад.

Дар аксарияти кишварҳои хориҷӣ дар сатҳи корхонаҳои хурду миёна усули баҳодиҳии босуръати ҳосилнокии меҳнат васеъ истифода мешавад, ки ташхиси ҳолати нишондиҳандаҳои ҳосилнокиро дар назар дошта, коркарди барномаи баланд бардоштани ҳосилнокиро барои ҳама ташкилотҳо дар назар дорад. Истифодаи чунин усул имкон медиҳад, ки мушкилотҳои назаррас муайян карда шуда, самт ва чораҳои баратарафкунӣ ва беҳтаргардонии вазъият муайян карда шаванд. Ба ғайр аз ин нишондодҳои дар истифодабарии чунин усул пешбинишударо мумкин аст, барои ҷузъҳои алоҳидаи корхона, соҳа, минтақа ва иқтисодиёти миллӣ истифода намуд.

Барои дарёфти мушкилотҳои ҷойдошта дар фаъолияти хоҷагидорӣ, ки бо истифодабарии захираҳои меҳнатӣ алоқаманд ҳастанд, коэффитсиентҳои ҳосилнокӣ ва фоиданокӣ дар давраҳои гуногун ҳисоб карда мешаванд ва дар ин васила баҳодиҳии сифатӣ барои муайян намудани тамоюл ва дурнамои фоиданокӣ ва ҳосилнокии меҳнат амалӣ карда мешавад. Маълумоти ҷамъ овардашуда барои қабули қарори идоракунии самаранок оид ба истифодабарии захираҳои меҳнатӣ истифода мешаванд. Чунин тарзро дар сатҳи корхона, соҳа, минтақа ва иқтисодиёти миллӣ истифода бурдан мумкин аст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ ва натиҷагирии он аз таносуби асоснокшудаи пардохти ҳаққи меҳнат вобастагӣ дорад. Фарқгузории дохилӣ дар сатҳи музди меҳнат

ҳамчун яке аз самтҳои ҳавасмандгардонии баланд намудани самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар самтҳои амудӣ ва уфуқӣ амалӣ карда шуда, фарқиятро байни кори оддӣ ва мураккаб нишон диҳад (1.5).




**Расми 1.5. Фарқгузории амудӣ ва уфуқии музди меҳнат(таҳияи муаллиф).**

Дар баробари ин дар кишварҳои ғарб омилҳои ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ таъсиррасонандаро ба таври гуногун баҳогузорӣ менамоянд (ҷадвали 1.2.).

Чӣ тавре, ки аз маълумоти дар ҷадвал овардашуда мушоҳида кардан мумкин аст, дар кишварҳои номбурда, баҳодиҳии омилҳои ба истифодабарии захираҳои меҳнатӣ таъсиррасонанда ба таври гуногун амалӣ карда мешаванд. Ҷоиз ба қайд аст, ки дар мамлакатҳои ҷаҳон усулҳои гуногуни идоракунии захираҳои меҳнатӣ баҳри фаъолияти босамараи корхонаҳо васеъ истифода мешавад. Мисоли як қатор кишварҳоро, ба монанди Иттиҳоди Аврупо, ИМА ва Ҷопонро таҳлил менамоем.

**Ҷадвали 1.3.- Баҳодиҳии омилҳои ба истифодабарии захираҳои меҳнатӣ таъсиррасонанда**

| Мамлакат | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| ИМА | Мураккабӣ ва гуногунии корҳо, дараҷаи иҷроиши мустақилонаи корҳо, зарурати қабули қарор, навгонӣ дар иҷроиши кор, намуд ва мақсади алоқаҳо, таҷрибаи истеҳсолӣ, дониш, уҳдадорӣ. |
| Ҷопон | Алоқамандӣ бо анъанаҳои пардохти музди меҳнат аз рӯи ҷинс истисно нест. Усули пардохти музди меҳнат вобаста аз баландшавии самаранокии истеҳсолот ва алоқамандии он бо истифодаи захираҳои меҳнатӣ. |
| Иттиҳоди Аврупо | 1. Фишангҳои сармояи асосӣ, ки бо истифодабарии технологияҳои прогрессивӣ алоқаманд ҳастанд.<br>2. Фишангҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки бо тахассуснокӣ, маълумотнокӣ ва синну соли корманд алоқаманд буда. |

| | |
|---|---|
| | 3. Фишангҳои ташкилӣ, ки бо чораҳои оид ба идоракунии ҳайати кормандон, ташкили истеҳсолот алоқаманд буда (одатан қисматҳои 2 ва 3-ро) бо ҳам алоқаманд мекунанд. |
| Шветсия | Модели Шведӣ аз вазъияте бармеояд, ки низоми ғайримарказонидашудаи бозорӣ самаранок мебошад ва давлат ба фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо иштирок накарда, балки сиёсати фаъолонаро дар бозорӣ меҳнат амалӣ мегардонад, ки хароҷоти иҷтимоии иқтисоди бозориро ба ҳадди ақал оварда мерасонад. Мантиқи чунин муносибат дар афзоиши ҳадди аксари истеҳсолоти бахши хусусӣ ва азнавтақсимкунии васеъи фоида аз тарафи давлат ба воситаи низоми андозӣ. Иштироки фаъолонаи бахши давлатӣ дар баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ бе дахолат ба ҷараёни истеҳсолот. |

Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ба монанди Олмон, Фаронса ва Итолиё ба идоракунии захираҳои меҳнатӣ аҳамияти бештар ба шаклҳои гурӯҳии меҳнат зоҳир карда мешавад, ки онҳо ҳамчун асоси фаъолияти бомуваффақонаи ташкилот мушоҳида карда мешаванд. Бинобар ҳамин, ба шарофати ташкили чунин шакли ташкили ҷараёни меҳнат дастрасии натиҷаҳои назаррас ба монанди алоқаи тарафайни байни кормандон, фазои солими корӣ ва таъмини натиҷаҳои баланди меҳнатӣ имконпазир мегардад.

Ба монанди дигар сохторҳо, дар чунин намуди идоракунӣ афзалият ва норасогӣ ба назар мерасад. Дар натиҷа коҳишёбии уҳдадории инфиродӣ, ҳавасмандгардонӣ ва инкишофи кормандон ба миён меояд.

Дар Аврупо барои фаъолияти ҳайати кормандон стандартҳои баланди иҷтимоӣ муқаррар карда мешаванд, ки ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ таъсири мусбат мерасонад. Барои ин ҳадафҳо чораҳо доир ба ҳавасмандгардонии кормандони маҳсулнокиашон баландтар амалӣ карда мешавад, ки барои баланд намудани тахассуснокии тамоми коргарон ва сатҳи истифодабарии самараноки онҳо мусоидат менамояд. Ба замми ин баҳри истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дараҷаи ҳифзи иҷтимоӣ ва пешкаш намудани имтиёзҳои гуногун васеъ истифода мешаванд.

Дар низоми Аврупоии идоракунии захираҳои меҳнатӣ диққати махсус ба мавҷудияти ҳаҷми калони дониш зоҳир карда мешавад, ки барои фаъолияти

муваффақ, ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва қарорҳои қабулшуда кифоягӣ мекунанд. Яъне барои истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ диққати махсус ба омодашавии онҳо дар колеҷҳо зоҳир карда мешавад.

Дар Ҷопон диққати асосӣ барои истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ба қобилият ва малакаи кории одамон зоҳир карда мешавад. Дар ин ҷода ба касбият, тахассуснокӣ, инкишофи қобилиятҳои он, иқтидори меҳнатии ҳар як коргар диққат дода мешавад. Таҷрибаи Ҷопон нишон медиҳад, ки кормандон барои худназоратӣ ва худинкишофёбӣ дар чорчӯбаи бизнес-равандҳо равона карда мешаванд. Диққати махсус ба ҳаракати ҳайати кормандон ба вазифаҳои гуногун бо мақсади фарогирӣ бо вазифаҳои гуногуни корхона зоҳир карда мешавад. Дар идоракунии ҳайати кормандон дар ширкатҳои ҷопонӣ чунин хусусияти асосиро ҷудо кардан мумкин аст: киро намудани ҳаётии коргарон, пардохти музди меҳнат, ки аз собиқаи корӣ вобастагӣ дорад; ташкили таҳсилоти дохилифирмавӣ; ҷузъҳои назорати сифати фаъолият; низоми коллективии қабули қарор; тақсимоти аниқи меҳнат; риояи қатъии интизоми меҳнат; таъинот ба тараққиёти ҳаракати кормандон. Идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷопон ба анъанаҳои ҳурмати калонсолон, муомилаи боодоб ва коллективизм асос мегирад. Чунин нишондодҳои низоми идоракунии захираҳои меҳнатии ҷопониро аз ҳам ҷудо намудан мумкин аст:

- ҳамдигарфаҳмии умумӣ ҳамчун асоси фаъолияти корхонаю ташкилотҳо;
- афзалияти иҷроиши босифати кори иҷро шуда аз тарафи коргарон;
- байни кормандон рақобат ба миён омаданаш имконнопазир аст;
- қабули қарорҳо аз поён ба боло қабул карда мешавад;
- коллектив ҳамчун як оила мушоҳида карда мешавад;
- хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ баъд аз хатм ҳатман бо ҷои корӣ таъмин карда мешаванд.

Дар Ҷопон захираҳои меҳнатӣ ҳамчун захираи нодири баландарзиш баҳо дода шуда, истифодабарии онҳо ба таври беҳтарин ба роҳ монда мешавад. Ба сифати муҳаррики банақшагирии қувваи корӣ таҳсилоти кормандон,

ҷойивазкунии роҳбарият, коромӯзӣ дар хориҷи кишвар баромад мекунад. Алоқамандии кушод, мубодилаи иттилоот байни сатҳҳои гуногуни идоракунӣ, алоқаи байни вазифаҳои гузошташуда дар корхонаҳо ва дараҷаи касбияти кормандон ба пайдоиши низоми шахсии идоракунии захираҳои меҳнатӣ оварда мерасонад.

Дар Ҷопон кормандонро одатан ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: гурӯҳи якум – кормандони асосӣ, ки коргарони доимӣ ташкил медиҳанд; гурӯҳи дуюм – кормандоне, ки дар назди корхона ва ё ташкилот ӯҳдадории на он қадар калон доранд.

Ҷойивазкунии ҳайати роҳбарикунанда дар Ҷопон ҳамчун меъёри муқаррарӣ мавҷуд аст. Хизматчиён ҳар як панҷсола аз як вазифаи роҳбарикунанда ба дигар вазифа гузаронида мешаванд.

Дар солҳои 50-70-уми асри XX вазни қиёсии хароҷот барои пардохти меҳнат дар арзиши маҳсулоти Ҷопон 2-3 маротиба нисбат ба дигар мамлакатҳо паст буд. Дар давраи муосир Ҷопон ба шумораи кишварҳое дохил мешавад ,ки дар онҳо сатҳи баланди даромади аҳолӣ ба назар мерасад. Бахши пурқуввати молиявӣ, навовариҳо ва технологияҳои баланд ин унсурҳое мебошанд, ки дар онҳо иқтисодиёти мамлакат асос ёфтааст. Ҷопон ҳамчун яке аз беҳтарин истеҳсолкунандаи автомобилҳои босифат ва аз ҳама таҷҳизотҳои баландсифати электронии дар ҷаҳон маъмул шинохта шудааст. Вобаста ба даромади мӯътадил дар тӯли нимасра, аҳолии маҳаллӣ ва шахсони барои истиқомат ба Ҷопон омода зиндагии хуб ба сар мебаранд.

Аз рӯи иттилоъи аз ҷониби Вазорати тандурустӣ, меҳнат ва некуаҳволӣ пешкаш шуда, дар соли 2017 музди меҳнати миёна дар Ҷопон 528000 иенро ташкил додааст. Ба ҳисоби доллар ин маблағ тақрибан 4700-ро ташкил медиҳад. Лекин маблаҷи қайд карда шуда тағйирнопазир мебошад: сатҳи даромад дар Ҷопон ҳар моҳ тағйир меёбад – дар фасли зимистон Ҷопониҳо камтар маблағ меgranд, дар фасли тобистон бошад – бисёртар. Масалан, дар соли 2017 дар фасли зимистон музди меҳнати ҳадди ақал тақрибан ба 2700 доллар (301050 иен) баробар буда, дар фасли тобистон ин рақам то 3780 доллар

(429690 иен) афзоиш ёфта буд. Ҳамин тавр, нишондиҳандаи музди меҳнати ҳадди ақал барои соли 2017 ба ҳисоби миёна 3045 долларро (346500 иенро) ташкил дод.

Патернализм, ки барои саноати Ҷопон хос буд, то давраи муосир нигоҳ дошта шудааст. Барои Ҷопон мустаҳкамкунии ҳаётии коргар ба корхона хос аст. Чунин мустаҳкамкунӣ ба таври маҷбурӣ не, балки бо омилҳои иқтисодӣ таъмин карда мешавад. Музди меҳнати коргари нав нисбатан паст буда, он метавонад ҳамасола барои фаъолияти солона афзоиш ёбад, ки корманд дар синни 45 солагӣ нисбат коргари нав 2,5 маротиба зиёдтар маош мегирад.

Ҷопониҳо шахсони меҳнатдӯст, ботамкин ва кормандони болаёқат мебошанд. Дар Ҷопон дилхоҳ ширкат ба кор дохил шуда, онҳо ба ин ширкат вафодор боқӣ мемонанд ва омода ҳастанд иловагӣ (бе пардохти иловагии маош) меҳнат кунанд: рӯзи корӣ дар ин мамлакат 8-соат давом меёбад, лекин ҳар як Ҷопонӣ на кам аз 12-соат кор мекунад. Имрӯзҳо, ҳамчун 10, 20, 50-сол пеш, Ҷопониҳо тайёранд як умр дар як ширкат меҳнат карда, ҷои кории худро тағйир надиҳанд. Ба шахсони ба Ҷопон омада чунин муносибат на ҳама вақт маъқул аст, лекин илоҷе нест, зеро чӣ қадаре ки корманд дар ширкат меҳнат мекунад, ҳамон қадар маоши он баландтар аст. Ҳангоми гузариш ба дигар ширкат корманд мақоми худро аз даст медиҳад ва такроран ба корманди нав бо маоши ҳадди ақал табдил меёбад.

Ба ғайр аз ин бо зиёдшавии мӯҳлати корӣ рухсатии меҳнатӣ низ афзоиш ёфта, як қатор имтиёзҳо васеътар мешаванд ва дар оянда нафақа зиёд мегардад. Дар чунин шароитҳо ҳаёти коргар бо пешравии ширкати дар он меҳнат мекарда алоқаманд мегардад. Дар як қатор ширкатҳо оғозёбии рӯзи корӣ аз хондани коллективонаи гимни ширкат оғоз меёбад. Бешубҳа ин ҳолатҳо ҳосилнокии меҳнатро дар ширкат баланд мекунанд.

Боз як хусусият ҷолиби диққат мебошад, ки мувофиқи он дар саноати Ҷопон диққати махсус ба омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ зоҳир карда мешавад. Роҳбарияти ширкат тамоми чораҳоро барои муттаҳид намудани коллективи кормандон, барои ташкили истироҳати оилавӣ амалӣ менамояд. Дар ҳама

ташкилотҳо, корхонаҳо, ширкатҳо ва фирмаҳои Ҷопонӣ ин оилаи ягона буда, он ӯҳдадор аст, ки ҳама аъзоёни оиларо нигоҳубин кунад. Бинобар ҳамин, дар коллектив кӯшиш менамоянд, ки аъзои ҳузур надоштаро иваз намоянд ва ё хатогиҳои ӯро ислоҳ намоянд.

Яке аз хусусиятҳои хоси модели Ҷопонии тараққиёти иқтисодӣ ин истифодабарии анъанаҳои миллӣ ва хусусиятҳои қувваи корӣ ба ҳисоб меравад. Дар кишвар муддати дароз принсипи кирои якумра паҳн гардида буд. Ширкатҳои калон, ки имконияти сохтани пирамидаи кадрӣ ва таъмини шуғлро доранд, барои амалигардонии ин принсип нисбат ба фирмаҳои хурд ва миёна имкониятҳои калон доранд. Маълум аст, ки дар ширкатҳо ва қонунгузорӣ қоидаҳои аниқ вуҷуд надоранд, ки кафолати кирои якумраи коргарро таъмин намояд. Дар баробари ин, ҳам коргарон ва ҳам маъмурият кори давомнокро ба сифати қисми шартномаи коллективӣ мушоҳида мекунанд.

Ҳукумат кӯшиш менамояд, ки ба воситаи низоми субсидия шуғлнокиро дастгирӣ намуда, принсипи фаъолияти меҳнатии мутасилро дар як ҷой риоя намояд. Мувофиқан, дар амал маънои муаммо нисбат ба дигар мамлакатҳо ба мӯҳлатҳои давмонок киро намудани кормандон муайян карда мешавад. Вобаста аз собиқаи корӣ сатҳи музди меҳнат ҷорӣ карда мешавад. Нисбатан музди меҳнат дар синну соли миёна босуръат баланд мешавад. Бо баробари ин иловапулиҳои гуногун бо мизони базавӣ истифода бурда мешавад.

Муносибатҳои меҳнатӣ дар фалсафаи “фирма – хонаи умумии мо” асос меёбад. Истифодаи қувваи корӣ асосан дар консепсияи “иқтидори инсонӣ” асос мегирад. Дар солҳои 60-70-ум дар як қатор ширкатҳои Ҷопонӣ ба хулосае омаданд, ки хизматчӣ қонеъгардонии зиёдро дар он ҳолат ба даст меорад, ки агар кори ӯ хислати пурра дошта, бо гуногунӣ тавсиф карда шавад. Вобаста ба ин дар амалиётҳои ҷамоварӣ аз хати конвейерӣ даст кашида, онҳоро бо мизҳои даврзананда иваз карданд, ки дар он масолеҳи пурра ва ё қисми калони масолеҳи аз тарафи як коргар омода карда шуда ҷо карда мешуд. Дар ин ҳолат коргар хусусият ва графики корӣ, унсурҳои назорати сифат, хароҷот, бехатарӣ ва ғайраҳоро муайян мекард. Дар натиҷаи мустаҳкамгардонии амалиётҳои

технологӣ, нуқсони истеҳсолӣ аз 6 то 0,3% коҳиш ёфта, ҳосилнокии меҳнат ба 20% баланд шуд, арзи аслии маҳсулот бошад ба 30% кам шуд.

Ҳолати махсусро дар муносибатҳои меҳнатӣ, қувваи кории занон ишғол менамояд. Роҳбарияти аксарияти ширкатҳо ҳайати занонро ҳамчун “маводи хароҷотӣ” мушоҳида мекунанд. Занҳои коргар одатан ҳамчун кормандони соатбайъ истифода мешаванд. Дар шароитҳои номусоиди иқтисодӣ айнан ҳамин категорияи кормандон аввалин шуда, барои хориҷшавӣ дучор мегарданд. Дар омори давлатӣ занҳои коргар ҳамчун хонашинзанҳо ифода меёбанд, бинобар ҳамин вақте, ки онҳо ҷои кориро аз даст медиҳанд онҳоро ба шумораи бекорон ҳамроҳ намекунанд. Чунин муносибати ғайричашмдошт имконият медиҳад, ки нишондиҳандаҳои расмии бекорӣ дар сатҳи паст нигоҳ дошта шаванд. Сатҳи миёнаи музди меҳнати занҳои Ҷопонӣ нисбат ба мардҳо ду маротиба пасттар аст.

Барои Ҷопон рӯзи кории бардавом хос аст. Ба ҳисоби миён мардҳо дар ҷои корӣ 57,7 соат дар давоми ҳафтаро мегузаронанд, ки ин нишондиҳанда аз амрикоиҳо ва Аврупои ғарбӣ ба 10 соат зиёд мебошад.

Нисбат ба модели Ҷопонии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ одатан модели Амрикоӣ муқоиса карда мешавад. Дар ин модел диққати махсус ба омодагии роҳбарон ва интихоби сифатии кормандон ба вазифаҳо зоҳир карда мешавад. Ҳама фаъолияти идоракунӣ дар ӯҳдадории шахсӣ, арзишҳои маънавӣ ва натиҷаҳои шахсӣ асос мегирад.

Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун сарчашмаи асосии фаъолияти самараноки корхонаҳо мушоҳида карда мешавад. Кормандон метавонанд мустақилона қарорҳои заруриро қабул намоянд. Дар ин модел барои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ диққати асосӣ ба тахасуснокии аниқи кормандон, ӯҳдадориҳои сифатии онҳо дар сатҳи маҳдуд зоҳир карда мешавад. Вобаста ба ин ба омӯзиши ҳайати кормандон диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Ҳангоми интихоби номзадон барои фаъолияти корӣ, сатҳи дониши онҳо ба воситаи тестҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Ҳар сол баҳодиҳии фаъолияти ҳар як корманд гузаронида мешавад. Пардохти музди

меҳнат асосан вақтбайъ буда, ҳаҷми он аз тахассуснокии корманд вобастагӣ дорад.

Дар ширкатҳои Амрикоӣ гурӯҳи асосӣ танҳо гурӯҳи муайяни кормандон ба ҳисоб меравад, ба монанди идоракунандагони миёна. Дигар гурӯҳи кормандонро коргарони корхона ва ё ташкилот ташкил мекунанд, ки ҳамчун меҳнати кирошуда тавсиф карда мешаванд.

Захираҳои меҳнатӣ ба воситаи сармоягузории дарозмуддат ба низоми таҳсилот таъсис дода шуда, аз тарафи давлат сатҳи баланди зиндагонӣ ва шароитҳои беҳтарини меҳнат таъмин карда мешаванд. Дар чунин ҳолат инсон метавонад қобилиятҳои имконпазири худро амалӣ намояд. Барои пешрафти истеҳсолот ҷалби мутахассисон аз хориҷа амалӣ кардашуда, барои истифодабарии иқтидори меҳнатӣ тамоми шароитҳои фароҳам оварда мешаванд.

Сатҳи баланди инкишофи захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ ва барои тараққиёти фаъолнокии корӣ ва эҷодӣ таъмин карда мешавад. Дар ин ҷода дастгирии ҳаматарафаи давлат ба назар мерасад. Зеро давлат қобилият дорад шароитҳои мусоидро барои тараққиёти қобилиятҳо ва пардохти музди баланди меҳнат мусоидат намояд. Ҳамаи ин барои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ заминаи хуберо таъмин менамояд.

Принсипҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар модели Амрикоиро чунин шарҳ додан мумкин аст:

- низоми идоракунии дақиқ;
- низоми назоратии дақиқ;
- тарзи мустақилонаи қабули қарор;
- муносибатҳои формаликунонидашуда бо зертобеон;
- инкишофи касбӣ дар нишондодҳои шахсии ҳар як коргар асос ёфта.

Барои модели Амрикоӣ ҳолате хос аст, ки мутобиқи он ҳар як коргар барои дастрасии муваффақият мустақил мебошад, бинобар ҳамин ҳар як

коргар вобаста ба манфиатҳои худ ҳангоми иҷроиши ин ё он намуди меҳнат фаъолият мебарад.

Дар баробари бартариҳои модели Амрикоӣ, ба чунин норасогиҳо низ дида мешаванд:

- одати консерватизм ба он оварда мерасонад, ки ҳангоми ҷорӣ намудани усулҳои нави идоракунии захираҳои меҳнатӣ мушкилиҳои зиёд ба миён меоянд;
- афзалият ба мутахассисони дорои тахассуси маҳдуд дода мешавад;
- таъминот барои ба даст овардани даромади устувор не, балки ба фоидаи кӯтоҳмуддат дода мешаванд.

Дар шароити муосир диққати махсус ба таҷрибаи идоракунии ҳайати кормандон дар сатҳи корпоратсияҳо зоҳир карда мешавад. Ба назарияи сармояи инсонӣ такя карда, такшилотҳо метавонанд дорои афзалияти рақобатӣ гарданд, ки дар он захираи инсонӣ таъсис ёфта, баҳри манфиатҳо ва вазифаҳои гуногуни ташкилот истифода мешаванд.

Аз мушоҳидаи низоми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар доираи модели Ҷопонӣ ва Амрикоӣ гуфтан мумкин аст, ки дар Ҷопон омили асосӣ инсон баромад карда, дар Амрико такя ба идоракунии зиннаи болоӣ ва миёна амалӣ карда мешавад.

Дар модели Ҷопон истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ бо афзоиши ҳаҷми фурӯш алоқаманд карда мешавад. Лекин, дар Ҷопон барои фаъолгардонии захираҳои меҳнатӣ диққати аввалиндараҷа зоҳир карда мешавад. Дар ширкатҳои Амрикоӣ воситаҳои зиёд барои такомули маҳсулот ва тадқиқот равона карда мешаванд. Дар Ҷопон бошад пеш аз ҳама барои сарчашмаҳои дохилии тараққиёт ба монанди захираҳои меҳнатӣ равона гашта, диққати асосӣ ба ҷараёни рушди иқтисодӣ зоҳир карда мешавад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, инчунин омӯзиши хусусиятҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар Иттиҳоди Аврупо ҷоизи диққат мебошад. Масалан, дар манотиқи Иттиҳоди Аврупо, мутобиқи тадқиқотҳои олимони ин кишварҳо, шарти асосии баланд намудани истифодабарии самаранокии

захираҳои меҳнатӣ фаъолнокии инноватсионӣ баромад карда, зарурати заминаҳои таърихии ташаккулёбии низоми муосири муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳосилнокии меҳнат қайд карда мешавад.[50] Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, фаъолияти иттифоқҳои касаба васеъ паҳн гаштаанд, ки ба нишондиҳандаҳои ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳо (афзоиш аз ҳисоби ҳавасмандагрдонии кормандон) таъсир мерасонанд. Таҷрибаи таъсиррасонӣ ба ҳосилнокии меҳнат ба воситаи иттифоқҳои касаба таъсири кӯтоҳмуддат дошта, танҳо барои рушди шуғли тахассуснок мусоидат менамояд. Ба ташаккулёбии нишондиҳандаҳои ҳосилнокии меҳнат, инчунин вазъияти сиёсӣ низ таъсири худро мерасонад. Дар натиҷаи ҳамкории зичи кордиҳанда ва иттифоқҳои касаба, нофаҳмиҳои байни коргарон ва кордиҳанда бартараф карда шуда, истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ба воситаи ҳамкории тарафайн таъмин карда мешавад.

Дар ҷодаи истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ таҷрибаи кишвари Хитой ҷолиби диққат мебошад, зеро ин кишвар аз рӯи суръати рушди иқтисодӣ дар ҷаҳон мақоми пешрафтаро соҳиб гаштааст. Истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар Хитой пеш аз ҳама вобаста аз баланд намудани ҳосилнокии меҳнат таъмин карда мешавад. Захираҳои меҳнатӣ дар ин кишвар ҳамчун омили асосии таъминоти рушди иқтисодӣ баромад мекунад. Инчунин, дар ин самт диққати махсус ба баланд намудани ҳаҷми захира ва фаъолгардонии сармоя барои баланд намудани тахассуснокии коргарон ва коркарди технологияҳои нав, баланд намудани салоҳиятнокии кормандон зоҳир карда мешавад. Бо ибораи дигар, баланд намудани истифодабарии самараноки меҳнат дар асоси баланд намудани дониш, малака ва қобилият таъмин карда мешавад. Ҷоиз ба таъкид аст, ки афзоиши бемайлони ҳосилнокии меҳнат на танҳо аз муваффақияти ин ё он соҳаи хоҷагидорӣ, инчунин аз омилҳои зиёд вобастагӣ дорад, ки дар байни онҳо заруртаринаш ин тарзи ташкили меҳнати маҳсулнок, усули ҳисоби нишондиҳандаҳои

[50] Долженко С.Б., Малышев Д.С. Оценка производительности труда на предприятиях в России и Италии // Известия Уральского государственного экономического университета. - 2019. - Т. 20, № 1. - С. 95–111.

шумораві ва сифатӣ, амалигардонии барномаҳо ва дигар чораҳои давлатӣ оид ба дастгирии шуғли босамар ва ғайраҳо ба шумор мераванд.

Умуман, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ самтҳои асосӣ дар идоракунии захираҳои меҳнатӣ ҳам дар сатҳи давлатӣ, соҳавӣ ва корпоративӣ амалӣ карда мешаванд[51]. Давлат бояд омодакунии захираҳои меҳнатиро дар самти таъминоти соҳаҳо бо кормандони касбӣ ва тахассуснок бо мақсади фаъолияти самаранокӣ интеллектуалӣ ва ҷисмонӣ таъмин намояд. Дар сатҳи соҳаҳо, бошад, захираҳои меҳнатӣ бештар ба принсипи тақсимоти меҳнат мувофиқи эҳтиёҷоти соҳаҳо ба мутахассисон ба роҳ монда мешавад. Дар сатҳи корпоративӣ (корхонаю ташкилотҳо) хусусияти хоси ҷараёни меҳнат таъсис меёбад, ки барои инкишофи инноватсионии сармояи инсонӣ равона карда шудааст[52].

Истифодабарии таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи воҳиди хоҷагидорӣ (корхонаҳо), соҳаҳо ва иқтисодиёти миллӣ муайян намудани вазифаҳои идоракунии захираҳои меҳнатиро тақозо менамояд. Дар ин ҷода, таъсиси хадамоти ҳамгироишудаи идоракунӣ метавонад баҳри идора намудани ҳайати кормандон аз нуқтаи назари истифодабарии самраноки он нисбати ҳар як коргар саводнокӣ, малака ва қобилиятро ба инобат гирад.

Истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ, ташаккулёбии маданияти идоракунии ҳайати кормандон омили асосии устувории иҷтимоии корхонаҳо, соҳаҳо ва иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки дар навбати худ тараққиёти устуворро таъмин менамояд.

## Хулоса оид ба боби якум

1. Таҳлили истиллоҳҳои "захираҳои меҳнатӣ", "захираҳои инсонӣ", "иқтидори меҳнатӣ" ва "сармояи инсонӣ" нишон медиҳад, ки байни онҳо фарқият (тафовут) ва ягонагӣ ба назар мерасанд. Ягонагии ин истиллоҳҳо дар

[51] Мкртычан З.В. Модели упраления производительностью труда // Менеджмент в России и за рубежом. - 2021. - №2. - С. 36-41.
[52] Производительность труда: можно ли выйти из тупика?. Маводи электронӣ / Реҷаи дастрасӣ: https://forbes-ru.turbopages.org/s/forbes.ru/biznes/380253-proizvoditelnost-truda-mozhno-li-vyyti-iz-tupika

он ифода меёбад, ки ҳамаи онҳо аз дорандаи худ – инсон ҷудонашаванда мебошанд. Захираҳои инсонӣ бе шубҳа ҷамъи шумораи аҳолии мамлакатро дар назар дорад, ки боигарии миллатро инъикос менамояд. Иқтидори меҳнатӣ бо дорандаи қобилияти меҳнат, яъне инсон алоқамандӣ дошта, аксар вақт дар сатҳи корхонаи алоҳида муқаррар карда мешавад. Сармояи инсонӣ бевосита бо ташаккулёбии қобилиятҳои гуногуни одамон алоқаманд аст. Захираҳои меҳнатӣ шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли мамлакатро ифода карда, ҳамчун нишондиҳандаи захиравӣ (дар лаҳзаи муайяни вақт) муқаррар карда мешаванд.

2. Нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатии пешниҳод шаванда дар асоси муносибатҳои захиравӣ, хароҷотӣ, арзишӣ, интиҳоӣ ва чандирнокӣ имконият медиҳад, ки қарорҳои сифатан ва ҳаматарафа дуруст дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ қабул карда шаванд. Дар ин ҷода, ба таҳлили тағйирёбии нишондодҳои ин нишондиҳандаҳо аҳамияти хоса зоҳир кардан зарур аст, зеро чунин муносибат баҳри истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ равона карда мешавад.

3. Истифодабарии таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи воҳиди хоҷагидорӣ (корхонаҳо), соҳаҳо ва иқтисодиёти миллӣ муайян намудани вазифаҳои идоракунии захираҳои меҳнатиро тақозо менамояд. Дар ин ҷода, таъсиси хадамоти ҳамгироишудаи идоракунӣ метавонад баҳри идора намудани ҳайати кормандон аз нуқтаи назари истифодабарии самраноки он нисбати ҳар як коргар саводнокӣ, малака ва қобилиятро ба инобат гирад.

# БОБИ II. ВАЗЪИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР СОҲАҲОИ ИҚТИОСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Омилҳои ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун қисми таркибии захираҳои инсонӣ яке аз омилҳои асосии таъминоти рушди иқтисодӣ ва пешрафти ҷамъият ба ҳисоб меравад. Ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ шарти калидии афзоиши некуаҳволии аҳолӣ буда, беҳтаргардонии сифати омили меҳнат, такомули омодакунӣ ва азнавтайёркунии захираҳои меҳнатӣ, инкишофи малакаи касбии иқтидори меҳнатӣ, инчунин мутобиқсозии соҳаҳои маориф ва тандурустиро дар назар дорад[53]. Инкишофи захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама тағйироти сифати иқтидори меҳнатиро мутобиқи эҳтиёҷотҳои иқтисодиёти миллӣ дар назар дорад, ки барои баланд намудани рақобатпазирии захираҳои меҳнатӣ ва самаранокии истифодабарии онро дар иқтисодиёт имкон медиҳад.

Ба ақидаи мутахассисон ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ҷараёни мақсаднокро ифода мекунад, ки дар он сифат ва қобилиятҳои меҳнатии одамон барои дастрасии мақсадҳои стратегии иқтисодиёт, соҳаҳои мухталиф, минтақаҳо ва корхонаҳо амалӣ карда мешаванд. Дар ин ҷода, мутобиқати захираҳои меҳнатӣ бо технологияҳои истеҳсолӣ, баланд намудани тахассуснокии захираҳои меҳнатӣ, идоракунии кадрӣ, инкишофи иҷтимоӣ ва шахсӣ, идоракунии ҳавасмандгардонии ҳайати кормандон, инкишофи фаъолнокии меҳнатӣ ва ғайраҳо соҳаҳои зарурӣ ба ҳисоб мераванд[54].

Ташаккулёбии иқтидори меҳнатӣ ҷараёни бисёрҷабҳа мебошад, ки таъсири омилҳои зиёдро фарогир мебошад. Ба ин омилҳои пеш аз ҳама инҳо дохил мешаванд: демографӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, техникӣ-технологӣ ва ташкилӣ, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва эколого-географӣ (расми 2.1.).

---

[53] Алиева П.Р., Мирзабалаева Ф.И. Региональные социально-экономические факторы развития трудового потенциала // Современные проблемы науки и образования. – 2013. – № 4; URL: www.science-education.ru/110-9738 (Санаи мурочият: 20.10.2022).

[54] Трункина Л.В., Крумина К.В. Управление трудовым потенциалом: информационно-коммуникационный аспект // Российское предпринимательство. – 2012. – №17 (215). – С. 72-77




**Расми 2.1. Таснифоти умумии омилҳои ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ таъсиррасонанда. (Таҳияи муаллиф)**

Омилҳои демографӣ ба унсурҳои миқдорӣ ва сифатӣ ҷудо мешаванд, ки ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ таъсири бевосита мерасонанд. Унсурҳои миқдорӣ мутобиқи вазъияти демографӣ дар мамлакат ва минтақаҳои он муайян карда мешавад. Ҷараёнҳои демографӣ ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ба воситаи афзоиши аҳолӣ ва тағйироти синну солӣ ва ҷинсии он таъсир мерасонад. Бо баробари ин сохтори синну солии аҳолӣ ба сарбории иқтисодии аҳолии қобилияти меҳнатдоштаи аҳолӣ, ҳаракатнокии аҳолӣ, сатҳи ҳосилнокии меҳнат, сохтори тахассуснокӣ ва омодагии касбии захираҳои меҳнатӣ низ таъсир мерасонад. Нақши асосиро ҷараёнҳои миграционӣ низ иҷро мекунанд. Омилҳои демографӣ унсури сифатии захираҳои меҳнатиро низ фарогир мебошад, ки он аз ҳолати омодагии ҷисмонӣ, фикрӣ, вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ ва гурӯҳҳои синну солии онҳо иборат аст.

Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ва инкишофи он таъсиррасонанда вобаста ба сатҳи фаъолнокии сармоягузорӣ дар иқтисодиёт ва тағйирёбии сатҳи таваррум, вазъияти молиявию-қарзӣ, сиёсати андозӣ, пояи ҳуқуқии соҳаи меҳнат тавсиф карда мешаванд.

Омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ ба муносибати кормандон ба фаъолияти меҳнатӣ, вобаста ба муҳити иҷтимоӣ-психологӣ дар ҷомеа, қонеъгардонӣ бо фаъолияти меҳнатӣ таъсир расонида, дар ташаккулёбии хислатҳои сифатии захираҳои меҳнатӣ ва истифодабарии самараноки онҳо нақши ҳалкунандаро иҷро мекунад, тавсиф карда мешавад.

Омилҳои техникӣ-технологӣ ва ташкилӣ ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ба воситаи тағйирёбии ҳаҷм ва таркиби вазифаҳои иҷрокарда ва ҳосилнокии меҳнат таъсир мерасонанд. Ҳамчун асоси ташаккулёбӣ, истифодабарӣ ва инкишофи захираҳои меҳнатӣ баромад карда, ин гурӯҳи омилҳо ба махсусгардонӣ ва ҳаҷми истеҳсолот, сатҳи таъминоти техникӣ ва технологӣ, пешравии ҷараёни технологӣ таъсир расонида, шумора ва таркиби ҳайати кормандонро муайян менамояд, ки бо дараҷаи касбӣ, тахассуснокӣ ва таҷрибаи корӣ ва ғайраҳоро тавсиф карда мешавад. Ба гурӯҳи додашудаи омилҳо шароити меҳнат низ дохил мешавад, ки дар низоми идоракунии

корхонаҳо, соҳаҳо пойдор гардидаанд. Дар сатҳи корхона ва соҳаҳо таъминоти кадрӣ, мутобиқати онҳо ба тараққиёти минбаъдаи иқтидори меҳнатӣ мусоидат менамояд.

Омилҳои экологию географӣ бо хусусиятҳои иқлимӣ, мавҷудият ва коркарди захираҳои табиӣ, дараҷаи азхудкунии ҳудудҳо ва минтақаҳо тавсиф карда мешавад.

Илова ба ин, ба омилҳои ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ таъсиррасонанда омилҳои иттилотӣ-коммуникатсионӣ ва соҳавиро ҳамроҳ кардан мумкин аст.

Омилҳои иттилотӣ-коммуникатсионӣ барои қабули босуръати қарори идоракунӣ, яъне имконияти муайян намудани роҳҳои ҳалли мушкилот, барои дурнаморо дар назар дорад. Аз малакаи кормандони асосӣ оид ба баҳо додани муҳити беруна, коркард ва танзими қарори идоракунии рақобатпазирӣ бевосита аз баҳодиҳии арзишии захираҳои меҳнатӣ вобастагӣ дорад.

Омилҳои соҳавӣ шароитҳои берунаи фаъолияти корхонаҳоро муайян мекунад ва оид ба вазъияти соҳа, хусусияти он, суръати тараққиёти он тавсифоти пурра дорад. Ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ музди меҳнати миёнаи соҳавӣ, низоми имтиёзҳо дар соҳа таъсири ҷиддӣ мерасонанд, ки барои меҳнати иҷрошуда дар соҳаи додашуда пешкаш карда мешаванд.

Заминаи асосии консептуалии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ, бевосита баҳодиҳии иҷтимоӣ-иқтисодии захираҳои меҳнатӣ бо назардошти тағйиротҳои сифатӣ ва миқдорӣ баромад мекунад. Барои баҳодиҳии вазъи ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама омили демографӣ таъсири назаррас мерасонад. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки бо баробари афзоиши шуморавии аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ низ рӯ ба афзоиш ниҳода, байни онҳо алоқамандии коррелятсионии зич ба назар мерасад. Новобаста ба ин самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ аз омилҳое низ вобастагӣ доранд, ки дар боло қайд карда шуданд. Боиси таъкид аст, ки таснифоти омилҳои ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ таъсиррасонанда

хислати шартӣ дошта, ҳамаи он бо вазъияти демографии кишвар вобастагӣ дорад.

Аз таҳлилҳои дар боло оварда шуда маълум мегардад, ки шарти асосии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ бевосита ба инобат гирифтани хусусиятҳои демографии ташаккулёбии онҳо баромад мекунад. Дар ин ҷода, нақши тағирёбии муқаррарии аҳолӣ ва таркиби ҷинсию синну солии он аҳамияти калон дорад. Хусусияти ҷараёни демографӣ дар ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ бо унсурҳои таърихӣ, тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, урфу одатҳои миллӣ ва географӣ муайян карда мешаванд.

Дар ҷадвали 2.1 тағйирёбии вазъи демографӣ ва дар ин васила тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ, шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул буда, инчунин қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

Аз таҳлили ҷадвали 2.1 мушоҳида кардан мумкин аст, ки афзоиши аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои 1991-2021 дар маҷмӯъ 179,6% зиёд гардидааст. Агар дар соли 1991 аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 5,5 млн. нафар баробар бошад, дар соли 2021 шумораи аҳолӣ ба 9,9 млн. нафар расидааст. Бо баробари ин дар давраи таҳлилӣ захираҳои меҳнатӣ ба 2,2 маротиба афзуда, дар соли 2021 ба 5,7 млн. нафар баробар шуд. Хислати муҳими ин нишондиҳанда бо ифодаёби мутлақ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он бармеояд, ки суръати афзоиши он нисбат ба нишондиҳандаи қувваи кории дар иқтисодиёт истифода нашуда зиёд мебошад[55].

Чунин вазъият дар ҳолате ба миён омад, ки ҳиссаи захираҳои меҳнатӣ дар шумораи умумии аҳолӣ аз 45,9% дар соли 1991 ба 57,2% дар соли 2021 баробар шуд. Ҷоиз ба таъкид аст, ки новобаста ба афзоиши захираҳои меҳнатӣ, шумораи аҳолии бо кор машғулбуда дар давраи таҳлилӣ тамоюли зиёдшавӣ дошта, ҳиссаи он нисбат ба зихарҳои меҳнатӣ рӯ ба коҳишёбӣ ниҳодааст.

---

[55] Раҷабов О.Ҷ., Ахмадов Ф.М. Таҳлили омории тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / О.Ҷ. Раҷабов, Ф.М. Ахмадов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Илмҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва соҳаи иҷтимоӣ. – 2021. – №1. (35). – С. 88-95.

## Ҷадвали 2.1. - Тағйирёбии вазъи демографӣ, шумораи машғулин дар иқтисодиёт, захираҳои меҳнатӣ, аҳолии бо кор машғулбуда ва қувваи кории истифоданашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Солҳо | Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол (хазор нафар) | Суръати афзоиши аҳолӣ нисбат ба соли гузашта | Суръати афзоиши аҳолӣ нисбат ба соли 1991 | Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт (хазор нафар) | Тағйирёбии шумораи солонаи машғулин дар иқтисодиёт нисбат ба соли 1991 | Захираҳои меҳнатӣ (ҳазор нафар) | Суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ нисбат ба соли 1991 | Захираҳои меҳнатӣ нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ | Аҳолии бо кор машғулбуда нисбат ба захираҳои меҳнатӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1991 | 5505,6 | 100,0% | 100,0% | 1971 | 100,0% | 2526 | 100,0% | 45,9% | 78,0% |
| 1992 | 5567,2 | 101,1% | 101,1% | 1909 | 96,9% | 2669 | 105,7% | 47,9% | 71,5% |
| 1993 | 5579,7 | 100,2% | 101,3% | 1855 | 94,1% | 2688 | 106,4% | 48,2% | 69,0% |
| 1994 | 5633,8 | 101,0% | 102,3% | 1855 | 94,1% | 2752 | 108,9% | 48,8% | 67,4% |
| 1995 | 5701,4 | 101,2% | 103,6% | 1853 | 94,0% | 2811 | 111,3% | 49,3% | 65,9% |
| 1996 | 5769,1 | 101,2% | 104,8% | 1731 | 87,8% | 2840 | 112,4% | 49,2% | 61,0% |
| 1997 | 5875,8 | 101,8% | 106,7% | 1791 | 90,9% | 2909 | 115,2% | 49,5% | 61,6% |
| 1998 | 6001,3 | 102,1% | 109,0% | 1796 | 91,1% | 3038 | 120,3% | 50,6% | 59,1% |
| 1999 | 6217,5 | 103,6% | 112,9% | 1737 | 88,1% | 3125 | 123,7% | 50,3% | 55,6% |
| 2000 | 6264,6 | 100,8% | 113,8% | 1745 | 88,5% | 3186 | 126,1% | 50,9% | 54,8% |
| 2001 | 6371,2 | 101,7% | 115,7% | 1829 | 92,8% | 3301 | 130,7% | 51,8% | 55,4% |
| 2002 | 6487,1 | 101,8% | 117,8% | 1857 | 94,2% | 3463 | 137,1% | 53,4% | 53,6% |
| 2003 | 6598,8 | 101,7% | 119,9% | 1885 | 95,6% | 3644 | 144,3% | 55,2% | 51,7% |
| 2004 | 6718,9 | 101,8% | 122,0% | 2090 | 106,0% | 3777 | 149,5% | 56,2% | 55,3% |
| 2005 | 6842,2 | 101,8% | 124,3% | 2112 | 107,2% | 3893 | 154,1% | 56,9% | 54,3% |
| 2006 | 6965,5 | 101,8% | 126,5% | 2137 | 108,4% | 4047 | 160,2% | 58,1% | 52,8% |
| 2007 | 7096,9 | 101,9% | 128,9% | 2150 | 109,1% | 4172 | 165,2% | 58,8% | 51,5% |
| 2008 | 7250,8 | 102,2% | 131,7% | 2168 | 110,0% | 4310 | 170,6% | 59,4% | 50,3% |
| 2009 | 7417,4 | 102,3% | 134,7% | 2219 | 112,6% | 4435 | 175,6% | 59,8% | 50,0% |
| 2010 | 7621,2 | 102,7% | 138,4% | 2233 | 113,3% | 4530 | 179,3% | 59,4% | 49,3% |
| 2011 | 7807,2 | 102,4% | 141,8% | 2249 | 114,1% | 4664 | 184,6% | 59,7% | 48,2% |
| 2012 | 7987,4 | 102,3% | 145,1% | 2291 | 116,2% | 4796 | 189,9% | 60,0% | 47,8% |
| 2013 | 8161,1 | 102,2% | 148,2% | 2307 | 117,0% | 4859 | 192,4% | 59,5% | 47,5% |
| 2014 | 8352 | 102,3% | 151,7% | 2325 | 118,0% | 4983 | 197,3% | 59,7% | 46,7% |
| 2015 | 8551,2 | 102,4% | 155,3% | 2381 | 120,8% | 5111 | 202,3% | 59,8% | 46,6% |
| 2016 | 8742,8 | 102,2% | 158,8% | 2385 | 121,0% | 5224 | 206,8% | 59,8% | 45,6% |
| 2017 | 8931,2 | 102,2% | 162,2% | 2407 | 122,1% | 5326 | 210,8% | 59,6% | 45,2% |
| 2018 | 9126,6 | 102,2% | 165,8% | 2426 | 123,1% | 5427 | 214,8% | 59,5% | 44,7% |
| 2019 | 9313,8 | 102,1% | 169,2% | 2463 | 125,0% | 5521 | 218,6% | 59,3% | 44,6% |
| 2020 | 9506,3 | 102,1% | 172,7% | 2506 | 127,1% | 5585 | 221,1% | 58,8% | 44,6% |
| 2021 | 9886,8 | 101,8% | 179,6% | 2534 | 128,6% | 5653 | 223,8 | 57,2% | 44,8% |

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. 10-12, 132-133. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2022.414с. С. 80

Афзоиши миқдории захираҳои меҳнатӣ, ки аз ҷадвали 2.1. мушоҳида карда мешавад, маънои ба таври автоматӣ бо кор таъмин шудани захираҳои меҳнатиро надорад.

Масалан, дар соли 1991 аҳолии бо кор машғулбуда нисбат ба захираҳои меҳнатӣ 75% (1,97 млн. нафар) ташкил диҳад, ин нишондиҳанда дар соли 2021 то 44,8% (2,5 млн. нафар) коҳиш ёфтааст. Чунин вазъият пеш аз ҳама бо афзоиши аҳолӣ дар солҳои охир тавсиф карда мешавад. Суръати афзоиши аҳолӣ бевосита ба таркиби он, алалхусус ба таносуби аҳолии бо кор машғулбуда ва аҳолии бекор таъсири бевосита мерасонад. Таҳлили омилҳои демографии ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар солҳои охир, махсусан аз оғози соли 2008, афзоиши аҳолӣ ҳамасола зиёда аз 2 фоизро ташкил додааст. Чунин вазъият аз мавҷудияти захираҳои зиёд дар ташккулёбии захираҳои меҳнатӣ шаҳодат медиҳад. Аммо воқеъияти аслӣ вазъияти дигарро нишон медиҳад, ки дар сохтори аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ шумораи аҳолии бо кор таъминбуда рӯ ба камшавӣ ниҳодааст. Чунин ҳолат бештар бо таркиби синну солии аҳолӣ вобастагӣ дорад. Ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз вазъи демографӣ имкон медиҳад, ки як қатор хусусиятҳоро муқаррар намоем, ба монанди:

- дараҷаи баланди афзоиши аҳолӣ дар солҳои охир дар кишвар;
- иқтидори васеъи демографӣ, ки ба шарофати сохтори ҷавон будани аҳолӣ сатҳи баланди таваллудро таъмин менамояд:
- ҷойгиршавии бештари аҳолӣ дар минтақаҳои деҳоти ҷумҳурӣ, ки дар деҳот аҳамияти таваллуди миқдори зиёди кӯдакон ҳамчун анъана тавсиф карда мешавад;
- муҳоҷирати меҳнатии аҳолии қобили меҳнат дошта берун аз кишвар.

Боиси қайд аст, ки азоиши шумораи аҳолӣ дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф аз вазъияти ба миёномадаи демографӣ, яъне таркиби синну солии аҳолӣ, миқдори никоҳ, давомнокии он вобастагӣ дошта бошад, аз

тарафи дигар, чунин афзоиш аз шароити иҷтимоӣ-иқтисодии зиндагонии аҳолӣ, таркиби миллии аҳолӣ, сатҳи маълумотнокӣ, сатҳ ва хислати шуғли аҳолӣ вобастагӣ доранд. Маълум аст, ки таносуби тақрибан баробари шумораи занҳо ва мардҳо ба такрористеҳсоли аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад. Бинобар ҳамин яке аз хислатҳои фарққунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бешубҳа сатҳи баланди таваллуд ба ҳисоб меравад.

Хусусиятҳои демографии ташаккулёбии захираҳои меҳнатро мушоҳида карда, танҳо бо тамоюли тағйирёбии муқаррарии он маҳдуд шудан нодуруст аст. Зеро дигар омили ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ин афзоиши механикӣ (муҳоҷирати аҳолӣ) ба ҳисоб меравад. Бинобар ҳамин таҳлили ин ду омилҳо ҳангоми муқаррар намудани ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ аҳамияти хоса дорад.




Расми 2.1. Муҳоҷирати дохили ҷумҳуриявӣ (ҳазор нафар). Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. 52-55. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2022.414с. С. 35.

Низоми муҳоҷирати меҳнатиро ба ду ҷараён ҷудо намудан мумкин аст: дохилиҷумҳуриявӣ ва беруна. Ба ин ҷараён пеш аз ҳама омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъсир мерасонанд, ки бо сатҳи фаъолнокии сармоягузорӣ дар минтақаҳо, суръати таваррум, пояи қонунгузорӣ дар соҳаи меҳнат, сиёсати

иқтисодии пулию қарзӣ ва андозӣ тавсиф карда мешаванд. Муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ ба шумораи умумии аҳолии мамлакат таъсир нарасонида, бештар ба тағйирёбии таносуби захираҳои меҳнатӣ дар ноҳияҳо, шаҳрҳо ва минтақаҳо кишвар таъсир мерасонанд. Муҳоҷирати беруна бошад, таъсири худро ба шумораи аҳолӣ ва ҳам ба миқдори захираҳои меҳнатӣ таъсир мерасонад. Тағйирёбии шумораи муҳоҷирати дохилӣ ва байнидавлатӣ (беруна) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 2.1. ва 2.2. оварда шудаанд.

Аз рӯи тағйирёбии муҳоҷирати дохили ҷумҳуриявӣ муайян мегардад, ки дар Тоҷикистон шиддатнокии муҳоҷират дар дохили кишвар дар сатҳи паст ва миёна қарор дорад.




Расми 2.2. Муҳоҷирати байнидавлатӣ (беруна) (ҳазор нафар). Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. 52-55. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2022.414с. С. 35.

Вобаста ба муҳоҷирати байнидавлатӣ (беруна) қайд намудан мумкин аст, ки маълмуоти дар диаграммаи 2.2. оварда шуда воқеъияти аслии муҳоҷирати меҳнатиро дар Тоҷикистон ба пуррагӣ фарогир набуда, ин маълумот танҳо муҳоҷирони расман бақайдгирифтаро ифода мекунад. Шаҳодати ин гуфтаҳо шумораи аҳолии қобили меҳнат доштаи бо ҷои корӣ фаро гирифта нашуда, ки дар ҷадвали 2.1. оварда шудааст, баромад карда

метавонад. Аз рӯи маълумоти ҷадвали 2.1. мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар солҳои охир қувваи кории истифода нашуда дар иқтисодиёт нисбат ба захираҳои меҳнатӣ 54% ва зиёда аз онро ташкил медиҳад. Бо ибораи дигар, сатҳи баланди қувваи кории истифода нашуда дар иқтисодиёт нисбат ба захираҳои меҳнатӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки қисми зиёди онҳо барои дарёфти ҷои корӣ ва дастрасии даромади пулии мувофиқ ба дигар кишварҳои ИДМ ба муҳоҷират мераванд. Ба ақидаи олимон-иқтисоддонҳои кишвар Аҳмадов Ф.М. Ашуров Ф.М. ва Хушвахтзода Қ.Х. "ҳиссаи муҳоҷироне, ки бо мақсади ба даст овардани даромади пулӣ ба муҳоҷират мераванд 93,9% шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатиро ташкил медиҳанд".[56] Ҳамаи ин бевосита ба ташаккулёбии захираҳои меҳатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири худро мерсонад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ таъсири муҳоҷирати аҳолиро ба шумораи умумии аҳолӣ ва ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ одатан аз рӯи бақияи миграционӣ, шиддатнокии муҳоҷират ва тақсимоти муҳоҷирон аз шаҳр ва деҳот муайян мекунанд.

Аз маълумоти ҷадвали 2.2. мушоҳида карда мешавад, ки шумораи аҳолии кӯчидаомадагон дар сатҳи ҷумҳурӣ аз соли 1991 то соли 2021 тамоюли ягонаро нишон намедиҳад. Дар ин марҳила шумораи кӯчидаомадагон камшавӣ, афзоиш ва боз камшавиро нишон медиҳад. Нисбат ба ин нишондиҳанда шумораи аҳолии кӯчидарафтагон дар аввал зиёдшавӣ, сипас камшавӣ, зиёдшавӣ ва камшавиро нишон медиҳад. Дар умум, дар давраи солҳои 1991-2020 шумораи умумии аҳолии кӯчидаомадагон ба ҷумҳурӣ 944,8 ҳазор нафарро ташкил дода, шумораи умумии аҳолии кӯчидарафтагон 1479,5 ҳазор нафарро ташкил додааст. Чунин вазъият ба бақияи миграционӣ таъсири бевоситаи худро расонид, ки дар 30-соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба -534,7 ҳазор нафар баробар шуд. Яъне дар ин давра бақияи миграционӣ бо нишондоди манфӣ тавсиф карда мешавад.

---

[56] Аҳмадов Ф.М. Ашуров Ф.М., Хушвахтзода Қ.Х. Арзёбии омории сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография – Душанбе, 2021. – С.143.

**Ҷадвали 2.2. - Бақияи мигратсионии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор нафар)**

| Солҳо | Аҳолии ҷумҳурӣ | | | Аҳолии шаҳр | | | Аҳолии деҳот | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи кӯчидаомадагон | Шумораи кӯчидарафтагон | Бақияи мигратсионӣ | Шумораи кӯчидаомадагон | Шумораи кӯчидарафтагон | Бақияи мигратсионӣ | Шумораи кӯчидаомадагон | Шумораи кӯчидарафтагон | Бақияи мигратсионӣ |
| 1991 | 74,9 | 101,3 | -26,4 | 47,9 | 63,7 | -15,8 | 27 | 37,6 | -10,6 |
| 1992 | 51,3 | 146 | -94,7 | 31,4 | 111,2 | -79,8 | 19,8 | 34,8 | -15 |
| 1993 | 71,4 | 146,1 | -74,7 | 48 | 97,6 | -49,6 | 23,4 | 48,5 | -25,1 |
| 1994 | 43,3 | 88,8 | -45,5 | 28,7 | 63 | -34,3 | 14,6 | 25,8 | -11,2 |
| 1995 | 37,1 | 74,9 | -37,8 | 27,1 | 50,6 | -23,5 | 10 | 24,3 | -14,3 |
| 1996 | 26,1 | 53,7 | -27,6 | 18,8 | 38,5 | -19,7 | 7,3 | 15,2 | -7,9 |
| 1997 | 20,2 | 37 | -16,8 | 14,9 | 25,1 | -10,2 | 5,3 | 11,9 | -6,6 |
| 1998 | 16,9 | 32,3 | -15,4 | 11,5 | 20,1 | -8,6 | 5,4 | 12,2 | -6,8 |
| 1999 | 14,7 | 28,8 | -14,1 | 11 | 15,8 | -4,8 | 3,7 | 13 | -9,3 |
| 2000 | 14,5 | 28,2 | -13,7 | 10,7 | 15,5 | -4,8 | 3,8 | 12,7 | -8,9 |
| 2001 | 16,7 | 29,1 | -12,4 | 11,4 | 16 | -4,6 | 5,3 | 13,2 | -7,9 |
| 2002 | 17,7 | 30,2 | -12,5 | 12,4 | 15,5 | -3,1 | 5,4 | 14,7 | -9,3 |
| 2003 | 16,9 | 27,9 | -11 | 11,8 | 14,1 | -2,3 | 5,2 | 13,9 | -8,7 |
| 2004 | 15,2 | 24,7 | -9,5 | 10,4 | 11,7 | -1,3 | 4,8 | 13 | -8,2 |
| 2005 | 18 | 27,3 | -9,3 | 12,1 | 12 | 0,1 | 5,9 | 15,3 | -9,4 |
| 2006 | 19,6 | 30,6 | -11 | 11,7 | 13,9 | -2,2 | 7,9 | 16,6 | -8,7 |
| 2007 | 24,3 | 38,8 | -14,5 | 13,8 | 16,7 | -2,9 | 10,5 | 22,1 | -11,6 |
| 2008 | 24,4 | 37,7 | -13,3 | 12,6 | 16,2 | -3,6 | 11,9 | 21,4 | -9,5 |
| 2009 | 25,6 | 37,2 | -11,6 | 12,2 | 15,9 | -3,7 | 13,4 | 21,3 | -7,9 |
| 2010 | 29,6 | 36,1 | -6,5 | 12,9 | 15 | -2,1 | 16,8 | 21,1 | -4,3 |
| 2011 | 32,9 | 37,2 | -4,3 | 13,4 | 14,3 | -0,9 | 19,5 | 22,9 | -3,4 |
| 2012 | 33,8 | 38,9 | -5,1 | 14,2 | 15,5 | -1,3 | 19,6 | 23,5 | -3,9 |
| 2013 | 36,3 | 40,3 | -4 | 16,7 | 15,5 | 1,2 | 19,6 | 24,8 | -5,2 |
| 2014 | 39,6 | 45,3 | -5,7 | 16,6 | 17 | -0,4 | 23,1 | 28,3 | -5,2 |
| 2015 | 35,3 | 40,1 | -4,8 | 14,8 | 13,2 | 1,6 | 20,5 | 27 | -6,5 |
| 2016 | 33,3 | 37,6 | -4,3 | 14,4 | 15,3 | -0,9 | 19 | 22,3 | -3,3 |
| 2017 | 37,5 | 41,2 | -3,7 | 15,3 | 14,8 | 0,5 | 22,2 | 26,3 | -4,1 |
| 2018 | 42,1 | 45,1 | -3 | 16,9 | 18,3 | -1,4 | 25,2 | 26,7 | -1,5 |
| 2019 | 40,9 | 54,5 | -13,6 | 16,9 | 22 | -5,1 | 24 | 32,5 | -8,5 |
| 2020 | 34,7 | 42,6 | -7,9 | 15,6 | 14,4 | 1,2 | 19,1 | 28,2 | -9,1 |
| 2021 | 33,5 | 40,8 | -7,3 | 15,7 | 15,5 | 0,2 | 17,8 | 25,3 | -7,4 |
| **Ҷамъ** | **978,3** | **1520,3** | **-542** | **541,8** | **823,9** | **-282,1** | **437** | **696,4** | **-259,3** |

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. 52-55. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2022.414с. С. 35-36.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи шумораи кӯчидаомадагон дар шаҳрҳо дар давраи солҳои 1991-2021 ба 541,8 ҳазор нафар баробар шуда, шумораи кӯчидарафтагон ба 823,9 ҳазор нафар расидааст, ки дар натиҷа бақияи миграционӣ дар байни аҳолии шаҳрҳои ҷумҳурӣ ба -282,1 ҳазор нафар баробар шудааст. Чунин вазъият дар байни аҳолии деҳот низ ба назар мерасад. Дар давраи таҳлилӣ шумораи кӯчидаомадагон дар деҳот ба 437 ҳазор нафар баробар шуда, шумораи кӯчидарафтагон ба 696,4 ҳазор нафар расидааст, ки дар натиҷа бақияи миграционӣ дар байни аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ ба -259,3 ҳазор нафар баробар шудааст. Аз рӯи маълумоти таҳлилшаванда маълум мегардад, ки шумораи аҳолии кӯчидарафтагон дар шаҳрҳо зиёд буда 54,6% аҳолии умуми кӯчидарафтагонро ташкил мекунад. Бо баробари ин вазни қиёсии аҳоли шаҳрҳо дар шумораи аҳолии кӯчидаомада дар давраи таҳлилӣ 55,7% ташкил мекунад. Аз ин рақамҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ҳаракати аҳолӣ дар шаҳрҳо нисбат ба аҳолии деҳот таъсири калонтар мерасонад. Шоҳиди ин гуфтаҳо бақияи миграционӣ дар шаҳрҳо ва деҳоти кишвар низ баромад карда метавонад, ки мутобиқи он бақияи миграционӣ дар шаҳрҳо нисбат ба деҳот зиёдтар мебошад.

Барои пурра намудани таҳлили худ оид ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз таъсири омилҳои гуногун, алалхусус омили демографӣ, ки нақши марказиро дар ин самт иҷро мекунад, таҳлили таносуби аҳолии шаҳр ва деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур арёбӣ карда мешавад. Инчунин, дар ин радиф шумораи аҳолии аз қобили меҳнат хурд, аҳолии қобили меҳнат, аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар ва ҷавонони синни 14-30 низ аҳамияти хоса дорад. Бояд дар назар дошт, ки аз соли 1991 то инҷониб тавсифи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузорӣ тағйиротҳои муайянро аз сар гузаронидааст. Масалан, солҳои 1991-1994 синну соли қобили меҳнат, ҷавонтар аз 15-сола, синну соли қобили меҳнат мардони 16-59-сола, занони 16-54 сола, синну соли аз қобили меҳнат калон мардони 60-сола ва калонтар, занони 55-сола ва калонтар. Солҳои 1995-2001 синну соли қобили меҳнат,

ҷавонтар аз 14-сола, синну соли қобили меҳнат мардони 15-59-сола, занони 15-54-сола, синну соли аз қобили меҳнат калон мардони 60-сола ва калонтар, занони 55-сола ва калонтар. Соли 2002 синну соли қобили меҳнат, ҷавонтар аз 14-сола, синну соли қобили меҳнат мардони 15-60-сола, занони 15-55-сола, синну соли аз қобили меҳнат калон мардони 61-сола ва калонтар, занони 56-сола ва калонтар. Соли 2003 синну соли қобили меҳнат, ҷавонтар аз 14-сола, синну соли қобили меҳнат мардони 15-61-сола, занони 15-56-сола, синну соли аз қобили меҳнат калон мардони 62-сола ва калонтар, занони 57-сола ва калонтар. Солҳои минбаъда синну соли қобили меҳнат, ҷавонтар аз 14-сола, синну соли қобили меҳнат мардони 15-62-сола, занони 15-57-сола, синну соли аз қобили меҳнат калон мардони 63-сола ва калонтар, занони 58-сола ва калонтар муқаррар карда шудаанд[57].

Бо дарназардошти чунин хусусиятҳои объективона дар ҷадвали 2.3 маълумот оид ба ҳиссаи аҳолии шаҳр, деҳот, аҳолии қобили меҳнат, аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар ва ҳиссаи ҷавонон дар шумораи умуми аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Аз таҳлили ҷадвали мазкур маълум мегардад, ки ҳиссаи аҳолии шаҳр дар шумораи умумии аҳолии кишввар дар соли 2020 нисбат ба соли 1991 (30,8%) коҳиш ёфта, ба 26,3% баробар шудааст. Умуман тағйирёбии ҳиссаи аҳоли шаҳр дар шумораи умумии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли пастшавиро нишон медиҳад. Ҳамзамон ҳиссаи аҳолии деҳот дар шумораи умумии аҳолии мамлакат аз соли 1991 то соли 2020 афзоишёбиро ифода карда, агар ин нишондиҳанда дар соли 1991-ум, 69,1% -ро ташкил карда бошад, дар соли 2020-ум он ба 73,7% аҳолии умумӣ баробар шудааст. Тамоюли тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин давра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни ҷойгиршавии аҳолии ба деҳот нигаронидашуда ба назар мерасад. Ба ин ҳолат вазъи афзоиши аҳоли дар худи деҳот низ таъсири худро расонидааст.

---

[57] Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. 38

**Ҷадвали 2.3. - Нишондодҳои ҳиссаи аҳолии шаҳр, деҳот, аҳолии қобили меҳнат, аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар ва ҳиссаи ҷавонон дар шумораи умуми аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Ҳиссаи аҳолии шаҳр нисбат шумораи умумии аҳолӣ | Ҳиссаи аҳолии деҳот нисбат шумораи умумии аҳолӣ | Ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат дар шумораи умумии аҳолӣ | Ҳиссаи аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар дар шумораи умумии аҳолӣ | Ҳиссаи ҷавонони синни 14-30 сола дар шумораи умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **1991** | 30,8% | 69,2% | 46,8% | 7,6% | 12,6% |
| **1992** | 29,7% | 70,3% | 46,6% | 7,6% | 30,4% |
| **1993** | 28,9% | 71,1% | 46,6% | 7,3% | 30,5% |
| **1994** | 28,1% | 71,9% | 48,9% | 7,0% | 30,4% |
| **1995** | 27,4% | 72,6% | 48,9% | 6,8% | 30,4% |
| **1996** | 26,8% | 73,2% | 49,4% | 6,6% | 30,6% |
| **1997** | 26,7% | 73,3% | 49,8% | 6,5% | 30,7% |
| **1998** | 26,6% | 73,4% | 50,4% | 6,4% | 31,0% |
| **1999** | 26,2% | 73,8% | 51,2% | 5,3% | 30,9% |
| **2000** | 26,7% | 73,3% | 51,8% | 6,3% | 31,7% |
| **2001** | 26,6% | 73,4% | 53,0% | 6,2% | 32,3% |
| **2002** | 26,5% | 73,5% | 54,5% | 5,9% | 32,7% |
| **2003** | 26,6% | 73,4% | 55,8% | 5,6% | 33,2% |
| **2004** | 26,5% | 73,5% | 56,4% | 5,0% | 33,7% |
| **2005** | 26,5% | 73,5% | 57,4% | 4,9% | 34,1% |
| **2006** | 26,4% | 73,6% | 58,2% | 4,9% | 34,4% |
| **2007** | 26,3% | 73,7% | 58,8% | 4,8% | 34,5% |
| **2008** | 26,4% | 73,6% | 59,1% | 4,7% | 34,7% |
| **2009** | 26,6% | 73,4% | 59,5% | 4,7% | 34,9% |
| **2010** | 26,5% | 73,5% | 59,7% | 4,7% | 34,7% |
| **2011** | 26,4% | 73,6% | 59,8% | 4,7% | 34,5% |
| **2012** | 26,4% | 73,6% | 60,1% | 4,7% | 34,4% |
| **2013** | 26,6% | 73,4% | 60,3% | 4,9% | 34,3% |
| **2014** | 26,5% | 73,5% | 60,4% | 5,0% | 34,1% |
| **2015** | 26,4% | 73,6% | 60,5% | 5,1% | 33,5% |
| **2016** | 26,3% | 73,7% | 60,3% | 5,3% | 32,9% |
| **2017** | 26,4% | 73,6% | 60,2% | 5,4% | 32,2% |
| **2018** | 26,3% | 73,7% | 60,0% | 5,7% | 31,6% |
| **2019** | 26,2% | 73,8% | 59,8% | 6,0% | 30,9% |
| **2020** | 26,3% | 73,7% | 59,6% | 6,1% | 30,3% |
| **2021** | 26,4% | 73,6% | 59,6% | 6,0% | 34,3% |

Срачашма: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. 36-37. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2022.414с. С. 29.

Таҳлили статикаи муқоисавии солҳои 1991-ум ва 2021-ум нишон медиҳад, ки ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат дар шумораи умумии аҳолӣ аз 46,8% то 59,6% зиёд гардидааст, ки ба вазъият бештар аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар дар шумораи умумии аҳолӣ, ки дар давраи таҳлили чандин маротиба тағйиротро аз сар гузаронидааст, таъсири назаррас расонидааст.

Бинобар ҳамин, барои баҳо додани таъсири вазъи демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули захираҳои меҳнатӣ ҳисоб намудани ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатиро вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ дар доираи таҳқиқот зарур мешуморем. Мантиқи чунин муносибат имкон медиҳад, ки новобаста аз тағйиротҳои меъёрҳо барои ҷудо намудани аҳолӣ ба аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар ва ҷавонони то синну соли қобили меҳнат таъсири омили демографӣ дуруст баҳогузорӣ карда шавад. Коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ бо формулаи зерин ҳисоб кардан мумкин аст:

$$\mathbf{E_L^A} = \frac{\Delta\mathbf{L}\%}{\Delta\mathbf{A}\%} \qquad (2.1)$$

ки дар ин ҷо: $\mathbf{E_L^A}$ – коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ;

$\Delta\mathbf{L}\%$ - тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ бо фоиз нисбат ба соли гузашта;

$\Delta\mathbf{A}\%$ - тағйирёбии шумораи аҳолӣ бо фоиз нисбат ба соли гузашта.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки нишондоди коэффитсиенти мазкур дар ҳолати аз 1 калон будан оид ба ҳиссиёти калони тағйирёбии шумораи захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ шаҳодат дода, ҳангоми ношондоди коэффитсиент аз 1 хурд будан оид ба ҳиссиёти пасти тағйирёбии шумораи захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ шаҳодат медиҳад.

Дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2.4. тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ бо фоиз нисбат ба соли гузашта, тағйирёбии шумораи аҳолӣ бо фоиз нисбат ба соли гузашта ва коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ ҳисоб карда шудаанд.

**Ҷадвали 2.4. - Нишондиҳандаҳои тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ, шумораи аҳолӣ ва коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | |
|---|---|---|---|
| | ΔL% | ΔA% | $E_L^A$ |
| **1992** | 5,7 | 1,1 | 5,2 |
| **1993** | 0,7 | 0,2 | 3,5 |
| **1994** | 2,4 | 1 | 2,4 |
| **1995** | 2,1 | 1,2 | 1,8 |
| **1996** | 1 | 1,2 | 0,8 |
| **1997** | 2,4 | 1,8 | 1,3 |
| **1998** | 4,4 | 2,1 | 2,1 |
| **1999** | 2,9 | 3,6 | 0,8 |
| **2000** | 2 | 0,8 | 2,5 |
| **2001** | 3,6 | 1,7 | 2,1 |
| **2002** | 4,9 | 1,8 | 2,7 |
| **2003** | 5,2 | 1,7 | 3,1 |
| **2004** | 3,6 | 1,8 | 2,0 |
| **2005** | 3,1 | 1,8 | 1,7 |
| **2006** | 4 | 1,8 | 2,2 |
| **2007** | 3,1 | 1,9 | 1,6 |
| **2008** | 3,3 | 2,2 | 1,5 |
| **2009** | 2,9 | 2,3 | 1,3 |
| **2010** | 2,1 | 2,7 | 0,8 |
| **2011** | 3 | 2,4 | 1,3 |
| **2012** | 2,8 | 2,3 | 1,2 |
| **2013** | 1,3 | 2,2 | 0,6 |
| **2014** | 2,6 | 2,3 | 1,1 |
| **2015** | 2,6 | 2,4 | 1,1 |
| **2016** | 2,2 | 2,2 | 1,0 |
| **2017** | 2 | 2,2 | 0,9 |
| **2018** | 1,9 | 2,2 | 0,9 |
| **2019** | 1,7 | 2,1 | 0,8 |
| **2020** | 1,9 | 2,1 | 0,9 |
| **2021** | 1,8 | 1,7 | 1,1 |

Ҳисоб карда шуд, аз рӯи: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. 52-55. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2022.414с. С. 29.

Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 2.4 дидан мумкин аст, ки аз соли 1991-ум то соли 1995-ум нишондоди коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ аз 1 калон буда, афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ вобаста аз афзоиши шумораи аҳолӣ

ҳиссаи калонро нишон медиҳад. Масалан дар соли 1992 афзиши аҳолӣ нисбат ба соли гузашта, 1,1% ташкил карда, афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ 5,7% ташкил кардааст.

Умуман, коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ дар давраи таҳлилӣ нишон медиҳад, ки нишондоди он дар солҳои 1992-1995, 1997-1998, 2000-2009, 2011-2012, 2014-2015 аз 1 калон буда, ҳиссаи баланди афзоиши шумораи захираҳои меҳнатиро вобаста аз афзоиши аҳолӣ нишон медиҳад. Дар солҳои 1996, 1999, 2011, 2013, 2017-2020, нишондоди коэффитсиенти ҳиссаи тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ аз 1 хурд мебошад, ки оид ба ҳиссаи паст шаҳодат медиҳад. Танҳо дар соли 2021 нишондоди ин коэффитсиент аз 1 калон шудааст.

Нишондоди аз 1 хурди коэффитсиенти додашуда дар солҳои охир аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сохтори аҳолӣ шумораи ҷавонони то синни қобили меҳнат дошта зиёд шуда, ба коҳишёбии афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ сабаб шудааст. Новобаста ба ин нишондодҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои барзиёди меҳнатӣ тавсиф карда мешавад. Умуман, таҳлили тамоюли тағйирёбии коэффитсиент ҳиссаи тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 1992-2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондоди он мусбат буда, оид ба таъсири мусбии афзоиши аҳолӣ ба ташаккулбии захираҳои меҳнатӣ шаҳодат медиҳад. Дар ин давра нишондиҳандаҳои миёнаи афзоиши захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоби миёна 2,8% ташкил карда, суръати миёнасолаи афзоиши аҳолӣ 1.9% ташкил карда боад, нишододи миёнасолаи коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ дар солҳои 1992-2021 ба 1,7 баробар аст. Яъне дар ин давра ба ҳисоби миён афзоиши аҳолӣ ба 1% ба зиёдшавии шумораи захираҳои меҳнатӣ ба 1,7% мусоидат кардааст. Яъне, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ аз суръати афзоиши аҳолӣ баландтар мебошад.

Аз рӯи маълумоти дар ҷадвали 2.4 оварда шуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ бо афзоиши шумораи аҳолӣ вобастагии рост дорад. Ҳисоби коэффитсиенти ҳиссиёт бо мақсади муқаррар намудани таъсири афзоиши табии аҳолӣ ба шумораи захираҳои меҳнатӣ муайян карда шуда, то кадом андоза зиёдшавии аҳолӣ ба афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ таъсир мерсонад ҳисоб карда шудааст.

Ҳама гуфтаҳои боло ба мо имконият медиҳад, қайд намоем, ки омили асосии ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама ин афзоиши аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

## 2.2. Таҳлили истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёт

Вазъи муосири иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар пеш аз ҳама бо натиҷаҳои давраи гузариш арзёбӣ гардида, истифодабарии ҳаматарафаи захираҳои мавҷудбударо дар назар дорад. Дар ин ҷода захираҳои меҳнатӣ мавқеи асосӣ доранд, зеро онҳо қувваи асосии истеҳсолкунандаи ҷамъият ва омили тараққиёти иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Дар низоми омилҳои истеҳсолот, захираҳои меҳнатӣ бо ҳамзистии дигар унсурҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ имкониятҳои васеъро барои расидан ба ҳадафҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ мусиодат менамояд. Рушди иқтисодӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти иқтисодиёти миллӣ бе таъмини истифодаи захраҳои меҳнатӣ имконнопазир аст. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки таъмини рушди иқтисодӣ истифодабарии ҳадди аксари захираҳои меҳнатиро тақозо менамояд. Дар навбати худ рушди иқтисодӣ барои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ шароити мусоидро фароҳам меоварад. Бо ибораи дигар, истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ доимо дар ҳамбастагӣ ва алоқамандӣ қарор доранд. Бинобар ҳамин, таҳлил ва баҳодиии вазъи инкишофи захираҳои меҳнатӣ ва самтҳои истифодабарии самараноки онҳо барои амалигардонии ҳадафҳои муқаррар гардидаи иқтисодиёти миллӣ зарур арзёбӣ карда мешаванд.

Сохтори муосири иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи гузариш аз иқтисодиёти маъмурӣ-фармондеҳӣ ба иқтисодиёти бозорӣ ва дар ин васила тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ба миён омадааст. Пӯшида нест, ки фаъолияти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ бо шумораи кормандон муайян карда мешавад. Истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ бевосита ба натиҷагирии ҷараёни истеҳсолот ва нишондодҳои сифати маҳсулоти истеҳсолмешуда таъсир мерасонад.

Дараҷаи таъминнокӣ бо захираҳои меҳнатӣ, истифодабарии самаранокии онҳо бо дарназардошти нишондиҳандаҳои он, пеш аз ҳама ҳосилнокии меҳнат ба ҷараёни фаъолияти корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва умуман иқтисодиёти миллӣ таъсири бевосита мерсонанд.

Гузаронидани таҳлили нишондодҳои истифодабарии самаранокии захираҳои меҳнатӣ барои коркарди стратегияи тараққиёти корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ аҳамияти калон дорад. Чунин таҳлил ба муайян намудани вазъияти муосири иқтисодии унсурҳои мухталифи корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти кишвар равона карда шуда, имконияти пешгӯикуниро барои муқаррар намудани самтҳои пешрафт дар оянда бо дарназардошти эҳтиёҷоти бозор дар назар дорад.

Ба ақидаи Хоналиев Н. “Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилот ва мураккабии ҳалли азнавсозии бозори меҳнат аз мавқеъи таъмини шуғли оқилона ва истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ басо муҳим арзёбӣ карда мешавад”[58]. Дар ин ҷода, барои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ ва дар ни васила ҳалли оқилонаи масъалаҳои алоқаманд дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама дар соҳаҳои аслии он, коркарди маҷмӯи чораҳо барои шуғли самаранок зарур мебошад. Пӯшида нест, ки истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар навбати аввал

[58] Хоналиев Н. Проблемы повышения эффективности структуры занятости трудовых ресурсов Таджикистана /Материалы научно-практической конференции на тему «Проблемы трудовых отношений и социального развития в Таджикистане». – Душанбе, 29-30 октября 2010. – С. 36.

истифодабарии шаклҳои пешрафтаи шуғл ва баланд намудани ҳосилнокии меҳнатро тақозо менамояд. Бо баробари ин ҷоиз ба таъкид аст, ки “амалигардонии стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадафҳои дар он пешбинигардида бе истифодаи васеъи иқтидори захиравии иқтисодиёт, ки дар чорчӯбаи он захираҳои меҳнатӣ нақши калидӣ доранд имконнопазир аст”[59]. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҷараёни амалигардонии ҳадафҳои тараққиёти стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатиро дар сатҳи ҳадди аксар дар назар дорад. Бинобар ҳамин, таҳлили сатҳи истифодабарии захираҳои меҳнатии мавҷудбуда ниҳоят зарур мебошанд.

Одатан, афзоиши шумораи аҳолӣ ва мувофиқан захираҳои меҳнатӣ ҳамчун ҳодисаи ҳавасмандкунандаи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ баромад мекунад. Вобаста ба чунин ақида олим-иқтисодчӣ М.П. Тодаро чунин ибрози ақида менамояд: “афзоиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ тараққиёти иқтисодиро ҳавасманд мегардонад, зеро шумораи зиёди аҳолӣ талаботи истеъмолии бештарро баён менамоянд, ки сарфаро дар ҳаҷми истеҳсолот ва коҳиш додани хароҷоти истеҳсолиро таъмин намуда, пешниҳоди меҳнати нисбатан арзонро барои таъмини ҳаҷми зиёди истеҳсолот фароҳам меоварад”[60].

Маълум аст, ки афзоиши захираҳои меҳнатӣ дар таъмини тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ саҳми арзандаи худро мегузорад. Аммо чунин амал дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар суръати афзоиши ҷойҳои нави корӣ аз суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ баландтар бошад. Новобаста ба ақидаҳои паҳнгашта ва илман асоснокшудаи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи истифодабарии захираҳои меҳнатии афзуншаванда дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҳолати ногувор ба назар мерасад. Иқтисодиёти миллӣ барои таъмин намудани захираҳои меҳнатии

---

[59] Алиджанов Д.А. Взаимосвязь занятости трудовых ресурсов и стимулирования импортозамещающего роста в Республике Таджикистан.// Экономический журнал № 3 (39) М. 2015. С. 18-30.
[60] Тодаро М.П. Экономическое развитие: учебник / М.: МГУ, Юнити, 1997. С. 191

афзуншаванда бо ҷойҳои корӣ қобилияти мувофиқ надорад. Дар кишвар то ҳол сатҳи баланди бекории сиклӣ ба назар мерасад, ки ба тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат таъсири манфии худро мерасонад.

Дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ, самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама бо сатҳи шуғлнокӣ ва сатҳи бекорӣ муқаррар карда мешавад. Ҳангоми муқаррар намудани сатҳи шуғлнокӣ ва сатҳи бекорӣ дар истифодабарии захираҳои меҳнатӣ бояд дар назар дошт, ки дар маълумоти расмии оморӣ шумораи бекоре, ки расман дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд оварда мешавад. Лекин пӯшида нест, ки ба ғайр аз бекорони ба қайд гирифта шуда, инчунин бекороне ҳастанд, ки расман ба қайд гирифта нашуда, дар асл бо ҷои корӣ таъмин нестанд. Бинобар ҳамин, ҳангоми таҳлили нишондоҳои бекорӣ дар истифодабарии захираҳои меҳнатӣ зарур аст, ки шумораи аҳолии ҳамчун бекории расмӣ ба қайд гирифта шуда ва бекорони ба қайд гирифта нашуда дар якҷоягӣ ба инобат гирифта шаванд. Ҳангоми муайян намудани сатҳи бекории аслӣ дар иқтисодиёт мушкилоти методологӣ ба назар мерасад. Мувофиқи маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои 1991-2021 сатҳи бекории дар маҷмӯи омор нашр гардида аз 3% зиёд нест (ҷадвали 2.5.). Ин нишондиҳанда ба вазъи воқеии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ мувофиқат намекунад.

Чунин вазъият аз маданияти шаҳрвандон вобастагии зич дорад, зеро аксарияти шумораи захираҳои меҳнатӣ, ки бо ҷой корӣ таъмин нестанд худро ҳамчун бекор барои ба қайдгирӣ ба мақомотҳои шуғли аҳолӣ мурочиат намекунанд. Маълум аст, ки афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ саҳми худро дар тараққиёти иқтисодиёти миллӣ дар ҳамон ҳолат гузошта метавонад, ки агар суръати афзоишёбии ҷойҳои нави корӣ нисбат ба сурхати афзоиши аҳолӣ зиёд бошад, лекин дар асл чунин шароит ба назар расиданаш ниҳоят душвор аст.

Новобаста аз ақидаҳои илмии мавҷудбуда оид ба тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби таъмин карда натавонистани

хоҷагии миллӣ захираҳои меҳнатиро бо ҷои кории сазовор, сатҳи баланди бекории сиклӣ ба назар мерасад, ки ба афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад.

**Ҷадвали 2.5. - Тағйирёби шумораи захираҳои меҳнатӣ, аҳолии бо кор машғулбуда, қувваи кории истифода нашуда, сатҳи бекории расмӣ ва аслӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Захираҳои меҳнатӣ (ҳазор нафар) | Аҳолии бо кор машғулбуда (ҳазор нафар) | Шумораи бекороне, ки расмӣ дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд | Қувваи кории истифода нашуда дар иқтисодиёт (ҳазор нафар) | Аз он ҷумла хонандагон (ҳазор нафар) | Қувваи кории истифода нашуда бе назардошти хонандагон дар иқтисодиёт (ҳазор нафар) | Сатҳи бекории расман бақайд гирифташуда | Сатҳи қувваи кории дар истеҳсолот истифода нашуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1991** | 2526 | 1971 | | 555 | 237 | 318 | | 12,6% |
| **1992** | 2669 | 1909 | 8 | 752 | 230 | 522 | 0,4% | 19,6% |
| **1993** | 2688 | 1855 | 22 | 811 | 220 | 591 | 1,2% | 22,0% |
| **1994** | 2752 | 1855 | 32 | 865 | 204 | 661 | 1,7% | 24,0% |
| **1995** | 2811 | 1853 | 37 | 921 | 199 | 722 | 2,0% | 25,7% |
| **1996** | 2840 | 1731 | 46 | 1063 | 205 | 858 | 2,7% | 30,2% |
| **1997** | 2909 | 1791 | 51 | 1067 | 192 | 875 | 2,8% | 30,1% |
| **1998** | 3038 | 1796 | 54 | 1183 | 245 | 938 | 3,0% | 30,9% |
| **1999** | 3125 | 1737 | 50 | 1334 | 301 | 1033 | 2,9% | 33,1% |
| **2000** | 3186 | 1745 | 43 | 1392 | 343 | 1049 | 2,5% | 32,9% |
| **2001** | 3301 | 1829 | 43 | 1429 | 357 | 1072 | 2,4% | 32,5% |
| **2002** | 3463 | 1857 | 47 | 1559 | 386 | 1173 | 2,5% | 33,9% |
| **2003** | 3644 | 1885 | 43 | 1712 | 442 | 1270 | 2,3% | 34,9% |
| **2004** | 3777 | 2090 | 39 | 1645 | 463 | 1182 | 1,9% | 31,3% |
| **2005** | 3893 | 2112 | 44 | 1739 | 476 | 1263 | 2,1% | 32,4% |
| **2006** | 4047 | 2137 | 47 | 1862 | 506 | 1356 | 2,2% | 33,5% |
| **2007** | 4172 | 2150 | 52 | 1971 | 518 | 1453 | 2,4% | 34,8% |
| **2008** | 4310 | 2168 | 44 | 2093 | 524 | 1569 | 2,0% | 36,4% |
| **2009** | 4435 | 2219 | 45 | 2171 | 534 | 1637 | 2,0% | 36,9% |
| **2010** | 4530 | 2233 | 48 | 2250 | 557 | 1693 | 2,1% | 37,4% |
| **2011** | 4664 | 2249 | 54 | 2361 | 529 | 1832 | 2,4% | 39,3% |
| **2012** | 4796 | 2291 | 56 | 2449 | 541 | 1908 | 2,4% | 39,8% |
| **2013** | 4859 | 2307 | 54 | 2497 | 554 | 1943 | 2,3% | 40,0% |
| **2014** | 4983 | 2325 | 56 | 2601 | 592 | 2009 | 2,4% | 40,3% |
| **2015** | 5111 | 2380 | 51 | 2674 | 602 | 2072 | 2,1% | 40,5% |

Давоми ҷадвали 2.5.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2016** | 5224 | 2384 | 53 | 2786 | 615 | 2171 | 2,2% | 41,6% |
| **2017** | 5326 | 2407 | 50 | 2866 | 632 | 2234 | 2,1% | 41,9% |
| **2018** | 5427 | 2426 | 52 | 2949 | 638 | 2311 | 2,1% | 42,6% |
| **2019** | 5521 | 2463 | 51 | 3007 | 647 | 2360 | 2,1% | 42,7% |
| **2020** | 5585 | 2506 | 51 | 3068 | 670 | 2398 | 2,0% | 42,6% |
| **2021** | 5653 | 2534 | 53 | 3066 | 663 | 2403 | 2,1 | 42,5 |

Ҳисоб карда шуд: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. 10-12, 132-133. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2022.414с. С. 80.

Аз рӯи маълумоти дар ҷадвали 2.5 ҳисоб кардашудаи сатҳи қувваи кории дар истеҳсолот истифода нашударо мо зарур шуморидем онро шартан ба шаш марҳила ҷудо намоем. Марҳилаи якум солҳои 1991-1996, ки дар ин давра сатҳи қувваи кории дар истеҳсолот истифода нашуда ба ҳисоби миёна ба 22,3% баробар буд. Марҳилаи дуюм, солҳои 1997-2000, ки дар ин давра сатҳи сатҳи қувваи кории дар истеҳсолот истифода нашуда ба ҳисоби миёна ба 31,7% баробар буд. Марҳилаи сеюм, солҳои 2001-2005 бо сатҳи миёнаи қувваи кории дар истеҳсолот истифода нашуда баробар ба 33% тавсиф карда мешавад. Марҳилаи чорум, солҳои 2006-2010 бо сатҳи миёнаи қувваи кории дар истеҳсолот истифода нашуда баробар ба 35,8%. Марҳилаи панҷум, солҳои 2011-2015 бо 40% сатҳи қувваи кории дар истеҳсолот истифода нашударо дар бар мегирад. Марҳилаи шашум, солҳои 2016-2020 бо 42,3% сатҳи сатҳи қувваи кории дар истеҳсолот истифода нашударо фарогир мебошад.

Аз рӯи таҳлили сатҳи бекории расман ба қайд гирифташуда маълум мегардад, ки он нисбат ба аҳолии бо кор машғулбуда муқаррар карда шудааст. Дар ягон маълумоти расмии оморӣ маълумот оид ба бекории сохторӣ, фриксионӣ ва сиклии захираҳои меҳнатӣ интишор намегардад. Оид ба шароити ба миён омада дар тадқиқотҳои иқтисодчиёни ватанӣ бисёр қайд карда шудааст. Масалан, акдаемики АМИТ Раҳимов Р.К. дар тадқиқотҳои худ сатҳи аслии бекориро дар Тоҷикистон дар ҳудудҳои 36-40% муқаррар

мекунанд[61]. Бо баробари ин сатҳи бекории муқаррариро академик Раҳимов Р.К. дар сатҳи 9% муқаррар кардааст[62].

Дигар иқтисодчии ватанӣ Ризоқулов Т.Р. бо назардошти натиҷаҳои таҳлили соҳаи шуғи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду марҳиларо барои муайян намудани сатҳи бекории аслӣ аз ҳам ҷудо мекунад, ки дар марҳилаи якум солҳои 1991-1996 сатҳи бекории аслӣ ба ҳисоби миёна ба 23,8% баробар буда, дар марҳилаи дуюм солҳои 1997-2007 ин нишондодро дар сатҳи 32,9% муқаррар карда, сатҳи муқаррарии бекориро дар сатҳи 6,6% муайян кардааст[63].

Чи тавре, ки аз ҳисобҳои гузаронидашуда мушоҳида карда мешавад, сатҳи бекории ҳақиқии муқарраршуда, ба нишондодҳои олимони ватанӣ академик Раҳимов Р.К ва профессор Ризоқулов Т.Р. наздик буда воқеъияти аслиро нишон медиҳад.

Дар асоси таҳлили корҳои иқтисодчиёни ватанӣ бо истифода аз маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шумораи захираҳои меҳнатӣ, аҳолии бо кор машғулбуда, шумораи қувваи кории истифода нашуда, сатҳи бекории расман ба қайд гирифташуда, ки дар ҷадвали 2.5 оварда шудаанд, мо кӯшиш ба харҷ додем, ки таъсири бекории сиклиро ба ҳаҷми ММД муайян намоем.

Ақибмонии ҳаҷми ММД аз ҳисоби бекории аслӣ дар адабиёти иқтисодӣ бо қонуни А. Оукен муқаррар карда мешавад. Мутобиқи он бекории сиклӣ ба ҳаҷми ММД таъсири манфӣ расонида, чунин таассурот бо коэффитсиенти Оукен (ҳиссиёти ҳаҷми ММД ба бекории сиклӣ) муайян карда мешавад. Боиси таъкид аст, ки коэффитсиенти Оукен аз 2 то 3% тағйир меёбад. Яъне афзоиши бекории сиклӣ ба 1% метавонад ақибмонии ҳаҷми ММД-ро аз 2 то 3% коҳиш диҳад[64].

---

[61] Рахимов Р.К. Глобализация и проблемы экономического роста в Республике Таджикистан. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе 2004 №1. С. 50.

[62] Рахимов Р.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе 2003 №1. С. 35.

[63] Ризокулов Т.Р. Теоретико-методологические особенности преодоления стагфляционных процессов в трансформационной экономике (на примере Республики Таджикистан). Автореферат дисс. на соис. уч. степени док-ра экон-их наук. Душанбе 2009. 47с. С.37

[64] Алиҷонов Ҷ.А. Макроиқтисод: комплекси таълимӣ-методӣ. Душанбе: “Сумани Қудрат”, 2011. – 384с. С. 145

**Ҷадвали 2.6. - Вазъи тағйирёбии ҳаҷми ММД бо назардошти таъсири бекори сиклӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Ҳаҷми ММД бо нархҳои муқоисавии соли 2021 | ММД-и имконпазир | Ақибмонии ММД аз ҳисоби бекории сиклӣ |
|---|---|---|---|
| 1991 | 55884,5 | 103489,8 | -47605,3 |
| 1992 | 37833,6 | 70062,2 | -32228,6 |
| 1993 | 31666,9 | 58642,4 | -26975,5 |
| 1994 | 24922,0 | 46151,9 | -21229,9 |
| 1995 | 21831,4 | 40428,5 | -18597,1 |
| 1996 | 18185,7 | 33677,2 | -15491,5 |
| 1997 | 18494,8 | 34249,6 | -15754,8 |
| 1998 | 19475,0 | 36064,8 | -16589,8 |
| 1999 | 20195,3 | 37398,7 | -17203,4 |
| 2000 | 21871,9 | 40503,5 | -18631,6 |
| 2001 | 23971,5 | 44391,7 | -20420,2 |
| 2002 | 26560,9 | 49186,9 | -22626 |
| 2003 | 29482,0 | 54596,3 | -25114,3 |
| 2004 | 32519,1 | 60220,6 | -27701,5 |
| 2005 | 34697,8 | 64255,2 | -29557,4 |
| 2006 | 37115,1 | 68731,7 | -31616,6 |
| 2007 | 40022,1 | 74115,0 | -34092,9 |
| 2008 | 43171,2 | 79946,7 | -36775,5 |
| 2009 | 44865,7 | 83084,6 | -38218,9 |
| 2010 | 47808,1 | 88533,5 | -40725,4 |
| 2011 | 48938,5 | 90626,9 | -41688,4 |
| 2012 | 52640,8 | 97483,0 | -44842,2 |
| 2013 | 56558,8 | 104738,5 | -48179,7 |
| 2014 | 60331,9 | 111725,7 | -51393,8 |
| 2015 | 67302,8 | 124634,8 | -57332 |
| 2016 | 68760,6 | 127334,4 | -58573,8 |
| 2017 | 77086,4 | 142752,6 | -65666,2 |
| 2018 | 82938,7 | 153590,2 | -70651,5 |
| 2019 | 89126,6 | 165049,3 | -75922,7 |
| 2020 | 92102,3 | 170559,8 | -78457,5 |
| 2021 | 98910,7 | 183168,0 | -84257,3 |

Ҳисоб карда шуд: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. 334-337. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 213-214.

Бо дарназардошти маълумоти олимони ватанӣ ва ба инобат гирифтани сатҳи бекории муқаррарӣ дар сатҳи 9%, ва сатҳи бекории аслӣ дар сатҳи 32% бо истифода аз қонуни А. Оукен дар ҷадвали 2.6 сатҳи бекории сиклӣ, ММД-и имконпазир ва ММД-и аз ҳисоби бекории сиклӣ истеҳсол нашуда дар давраи солҳои 1991 то соли 2021 ҳисоб карда шудааст. Ҳангоми таҳияи ҷадвали

мазкур ҳаҷми ММД солҳои мухталиф ба таври инфлиронӣ бо нархҳои муқоисавии соли 2021 ҳисоб карда шуда, нишондоди коэффитсиенти Оукен дар сатҳи 2% интихоб карда шуд.

Аз ҷадвали 2.6 маълум мегардад, ки аз соли 1991 то соли 2021 сатҳи бекории сиклӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоишро дорад. Чунин вазъият бевосита ба ақибмонии ҳаҷми ММД аз сатҳи имконпазир таъсири манфии худро расонид. Агар ақибмонии ММД аз ҳисоби бекории сиклӣ дар соли 1991 ба 47605,3 млн. сомониро ташкил карда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 84257,3 млн. сомонӣ баробар шудааст. Аз рӯи ҷунин таҳлили статикаи муқоисавӣ маълум мегардад, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби ба пуррагӣ фарогир нашудани захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҳаҷми ММД ҳақиқӣ аз ММД имконпазир хеле дар сатҳи паст қарор дорад. Ақибмонии ҳаҷми аслии ММД аз ҳаҷми имконпазири он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нишон додани зарари моддию маънавӣ аз истифодабарии нопурраи захираҳои меҳнатии мавҷудбуда ҳисоб карда шудааст. Зарари аслӣ аз сабаби мавҷуд будани бекории сиклӣ дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нишондодҳои оварда шуда зиёдтар мебошад.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар ҳолати истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли ММД ва вобаста ба ин таъмини сатҳи зиндагонии мардум ба маротиб афзоишро нишон дода метавонист. Чунин хулосаи позитивӣ, моро водор месозад, ки тамоми кӯшишҳоро баҳри истифодабарии ҳаматарафаи захираҳои меҳнатӣ кӯшиш ба харҷ диҳем.

Чунин таҳлили таъсиррасонии бекории сикли ба ҳаҷми ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасодуфан гузаронида нашуда, балки барои муайян намудани истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ амалӣ карда шудааст. Зеро самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ бевосита аз сатҳи истифодабарии онҳо дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ вобастагии қавӣ дорад.

Бо баробари амалигардонии чунин таҳлили эмпирикӣ, аз рӯи тадқиқоти кормандони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон саҳми захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсоли ММД ҷолиби диққат мебошад. Мутахассисони Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, Раҳимов Р.К., Довгялло Я.П., Шарипов Б.М. ва Юсуфбеков Ю.Р. дар тадқиқотҳои худ оид ба саҳми омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодӣ функсияи истеҳсолии Кобб-Дугласро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардаанд, ки он чунин намуд дорад[65]:

$$\mathbf{Y = AK^{0,7}\ L^{0,3}} \qquad (2.1)$$

Аз рӯи функсия Кобб-Дуглас, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мутахассисони номбурда муқаррар карда шудааст, мушоҳида кардан мумкин аст, ки таъсиррасонии захираҳои меҳнатӣ ба афзоиши ММД дар кишвар ба 0,3 баробар мебошад. Бо ибораи дигар ҳиссиёти ММД ба захираҳои меҳнатӣ ба 0,3 баробар мебошад.

Лекин новобаста ба ин чи тавре, ки таҳлилҳо собит менамоянд, саҳми захираҳои меҳнатӣ дар таъмини истеҳсоли ММД дар сатҳи баланд қарор дорад (маълумоти ҷадвали 2.6.). Дар ҷодаи инкишофи захираҳои меҳнатӣ ва саҳми онҳо дар рушди иқтисодии кишвар қайд намудан зарур аст, ки дар таркиби истифодабарии захираҳои меҳнатӣ шумораи кормандоне вуҷуд доранд, ки бекиро фаъолият доранд. Ба ин гурӯҳи захираҳои меҳнатӣ одатан шахсоне дохил карда мешаванд, ки бо шуғли мустақилона машғул ҳастанд. Чунин тарзи шуғлнокии аҳолӣ дар солҳои охир рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Агар дар соли 2021 ҳиссаи аҳолии бо шуғли мутақилона машғулбуда ба 55,2% баробар шуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2000 ба 44,8% баробар буд.

Тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо ҳолате, ки дар боло оварда шуд, бисёр рӯ ба рӯ шудааст ва илми иқтисодӣ ба чунин ҳодисаҳо ҳиссиёти саривақтии худро нишон додааст. Дар натиҷа консепсияҳои баратараф

---

[65] Раҳимов Р.К., Довгялло Я.П., Шарипов Б.М., Юсуфбеков Ю.Р. Макроэкономические пропорции и механизмы экономического роста в Республике Таджикистан (проблемы и основные направления совершенствования). Под общей редакцией Саидмуродова Л.Х. Душанбе, ОАО «Чопхонаи Дониш», 2016. 652с. С. 382.

намудани чунин вазъият коркард шуда буданд. Танҳо давраи солиҳои 1929-1933, ки ҳамчун “Депресияи бузург” номгузорӣ шудааст ҳаҷми истеҳсолот ба зиёда аз50 фоиз коҳиш ёфта буд ва дар натиҷа ҳар як чорумин коргари дар истеҳсолот бо ҷои корӣ таъмин буда, бекор монд ва даромадҳои аслии аҳолӣ ба 60% коҳиш ёфт.[66].

Роҳи бартараф намудани ҷунин вазъиятро Ҷ.М. Кейнс дар китоби худ “Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул” пешниҳод карда буд. Дар асоси тадқиқотҳои эмпирикӣ, Ҷ.М. Кейнс асоснок намуд, ки иқтисодиёти бозорӣ низоми мукаммал нест ва низоми худтанзимшаванда низ намебошад, бинобар ҳамин шуғли ҳадди аксари имконпазирро дар мамлакат танҳо бо иштироки фаъолонаи давлат ба иқтисодиёт, таъмин кардан мумкин аст.

Дар илми иқтисодӣ ба воситаи муносибатҳои мухталиф махсусгардонии мамлакат дар истеҳсолоти молҳо баён карда мешавад, ки дар истеҳсоли онҳо иқтисодиёт афзалият дошта, оид ба истифодабарии оқилона ва самараноки омилҳои истеҳсолот ибрози ақида карда мешавад. Аз байни чунин муносибатҳо оид ба истифодабарии самараноки омилҳои истеҳсолот, алалхусус захираҳои меҳнатӣ ва сармоя дар модели маъмули Хекшер –Олин мутаносибии омилҳои истеҳсолот нишон дода шудаанд. Модели мутаносибии захираҳои меҳнатӣ ва сармоя дар назар дорад, ки дар иқтисодиёти миллӣ бояд он молҳо бештар истеҳсол карда шаванд, ки барои истеҳсоли онҳо омилҳои барзиёд мавҷуд бошад. Бо ибораи дигар дар доираи модели Хекшер-Олин афзалияти мамлакат дар истеҳсоли он молҳо дар назар дошта шудааст, ки оптимизатсияи соҳаҳо, сохтори соҳибкорӣ ва самаранокии истифодабарии захираҳои мавҷудбуда муқаррар карда мешаванд. Яъне аз ҳолатҳои дар модели Хекшер-Олин баён гардида маълум мегардад, ки иқтисодиёти миллӣ самараи бештарро танҳо дар ҳолати ҳаматарафа истифода намудани захираҳои

---

[66] Рахимов Р.К. Проблемы развития переходной экономики Республики Таджикистан. Душанбе, 2012. С. – 387.

барзиёди иқтисодӣ ба даст оварда метавонад. Нуқтаҳои асосии ин модел дар акарияти кишварҳои дунё васеъ истифода мешавад[67].

Воқеъияти аслии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар кишвари мо омили барзиёбӣ ин захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин ҷода ба фикри мо таҳлили сохтори шуғли захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ зарурати ногузир дорад. Таҳлили статикаи муқоисавии сохтори шуғли захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1991 ва 2020 нишон медиҳад, ки дар кишвар новобаста ба татбиқи Стратегия саноатикунонии босуръати кишвар, ғайрииндустрияшавии шуғли захираҳои меҳнатӣ ба назар мерасад. Агар дар соли 1991 дар саноати кишвар 13% захираҳои меҳнатӣ бо шуғл машғул бошанд, ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 4% баробар шуда, ҳиссаи шуғли захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ баръакс аз 45% дар соли 1991 ба 66% дар соли 2020 расидааст (расмҳои 2.3, 2.4.).




Расми. 2.3. Тартиб дода шуд: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.

---

67 Алиджанов Д.А. Импортозамещающий экономический рост в современных условиях Республики Таджикиситан (монография). Худжанд, “Нури маърифат, 2021. 368с. С. 103-104.




Расми. 2.4. Тартиб дода шуд: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022, Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022.

Чунин вазъият дар сохтори шуғли захираҳои меҳнатӣ албатта дар ҳаҷми истеҳсоли ММД таъсири худро расонид. Пӯшида нест, ки аз сабаби дигаргуншавии сохтори шуғли захираҳои меҳнатӣ ва сатҳи баланди бекории сиклӣ қисми зиёди захираҳои меҳнатӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ равона мешаванд. Аз рӯи ҳисобҳои гузаронидашуда танҳо дар кишвари Федератсияи Россия ба 1 январи соли 2021 тақрибан як миллион нафар муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон қарор доштанд. Нисбат ба шумораи умумии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори муҳоҷирони меҳнатӣ тақрибан 12-15% ташкил медиҳад. Аз рӯи маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ берун аз миқёси ҷумҳурӣ то 40% захираҳои меҳнатии аз 18 то 40-сола бо ҷустуҷӯи ҷои кории муфид машғуланд[68]. Сабаби асосии чунин вазъият дар он зоҳир меёбад, ки қисми муайяни захираҳои меҳнатӣ дар дохили кишвар ҷои кории сазоворро дарёфт карда натавониста, маҷбуран ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои хориҷи наздик ва дур мераванд. Аз як тараф, дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ муҳоҷирати меҳнатӣ ҷараёни ногузир баромад карда, дар сатҳи муайян барои ҳалли мушкилоти бекорӣ дар дохили мамлакат мусоидат менамояд. Лекин аз тарафи дигар муҳоҷирати бардавом ба шиддатёбии

---
[68] https://www.vsemirnyjbank.org/ru

вазъияти вобастагии иқтисодиёти миллӣ аз иқтисодиёти дигар кишварҳо оварда мерасонад.

Дар чунин вазъияти ба миён омада андешидани чораҳои муносиб доир ба истифодабарии ҳаматарафа ва самараноки захираҳои меҳнатӣ дар дохили кишвар зарур арзёбӣ карда мешавад. Дар ин радиф инкишофи истеҳсолоти ватанӣ, махсусан дар соҳаи саноат метавонад мушкилоти ба миён омадаро баратаф созад. Зеро бо таъмини афзоиши истеҳсолоти ватанӣ зарурати ҷалби захираҳои меҳнатии бо шуғл машғул набуда ва дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошта ба миён меояд. Бо ибораи дигар инкишофёбии бахши аслии иқтисодиёти миллӣ бо дарназардошти рушди истеҳсолоти меҳнатталаб суръат гирифта, ҳарчӣ бештар шумораи барзиёди захраҳои меҳнатиро бо ҷои корӣ таъмин намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Вазъияти муосири тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оқибати бӯҳрони ба миён омадаи давраи гузаришро инъикос менамояд, ки дар ин марҳила аксарияти корхонаҳои калони дар мантиқи кишвар ҷойгирбуда бо сабабҳои тоб оварда натавонистан ба талаботи бозор аз фаъолият боз монда, имрӯзҳо мо бо оқибати вазъияти буҳронӣ дучор шудаем. Бинобар ҳамин, ба фикри мо барои ҳалли мушкилоти истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ бояд сабабҳои он баратараф карда шаванд.

Дар илми иқтисодӣ усули сababӣ-оқибатӣ васеъ истифода мешавад, ки алоқамандии мантиқии ҳодисаҳои иқтисодии ба миён омадаро ифода менамоянд. Мутобиқи усули сабабӣ-оқибатӣ сабаб ва оқибатҳои истифодабарии на он қадар самараноки захираҳои меҳнатиро дар иқтисодиёти миллӣ муайян намудан мумкин аст. Мувофиқи асосҳои ин усули тадқиқот сабаби асосии истифодабарии на он қадар самараноки захираҳои меҳнатӣ ин ислоҳоти бозории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки дар ин марҳила аз сабаби пароканда шудани алоқаҳои хоҷагидорӣ бо ҷумҳуриҳои иттиҳод, тайёрии кофӣ надоштани аксарияти корхонаҳои истеҳсолӣ дар шароити дигаргуниҳои низомӣ, сар задани ҷанги

шаҳрвандӣ, шумораи зиёди захираҳои меҳнатӣ, ки қобилияти истеҳсоли арзиши иловаро доштанд аз ҷои кории доимӣ маҳрум гаштанд. Оқибати чунин ҳодисаҳо ба мушкилии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар дохили кишвар оварда расонид. Бо ибораи дигар, сабабҳое, ки мо ба онҳо такя менамоем иқтисодиёти миллиро ба шиддатёбии муаммои бекорӣ ва истифодабарии пурраи захираҳои меҳнатӣ дучор намуданд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло оид ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба воқеъияти аслӣ қайд намудан мумкин аст, ки дар кишвар ҷараёни ғайриндустрияшавии шуғли захираҳои меҳнатӣ ба назар расида, ҳаҷми муҳоҷирати меҳнатӣ рӯ ба афзоиш намудааст.

Бо мақсади бартараф намудани сабабҳои пурра истифода нашудани захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ истифодаи саноатикунонии шуғли захираҳои меҳнатиро зарур меҳисобем. Дар ин росто васеъшавии ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ метавонад ба коҳишёбии муҳоҷирати меҳнатӣ ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд. Чунин хулосабарорӣ аз он сабаб имкнпазир мегардад, ки дар бахши саноати миллӣ имкониятҳои истифоданашудаи калон вуҷуд доранд, ки фаъолгардонии онҳо қобилият дорад захираҳои меҳнатии баризофаро ҷалб намудан баҳри баланд намудани сатҳи шуғлнокӣ ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ мусоидат намояд. Дар навбати худ васеъшавии ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ва саноатикунонии шуғли захираҳои меҳнатӣ маҷмӯи талаботи аҳолиро афзоиш дода, барои амалӣ намудани ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар кӯмаки амалии худро расонад. Дар натиҷаи амалигардонии чораҳои номбурда занҷири истеҳсолӣ чунон гардиш мекунад, ки истеҳсолкунандагон қисми фоидаи ба даст овардаро ба васеъшавии фаъолияти истеҳсолии худ равона сохта ба ҳавасмандгардонии шуғли захираҳои меҳнатӣ мусоидат мекунанд. Бо баробари ин бояд дар назар дошт, ки танҳо афзоиши шуморавии ҷойҳои корӣ барои таъмини истифодабарии самаранокии захираҳои меҳнатӣ кифоя нест. Бинобар ҳамин

ҳангоми васеъшавии ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ бо баробари зиёд намудани истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ҳатман чораҳо барои баланд намудани маҳсулнокии онҳо ва касбияти коргарон андешида шаванд. Чорабиниҳои номбурда танҳо дар ҳолате самаранок мегарданд, ки агар истифодабарии захираҳои меҳнатӣ бо баробари васеъшавии истеҳсолоти саноатӣ ба афзоиши сатҳи некуаҳволии аҳолӣ дар асоси рушди ҳосилнокии меҳнат ва таъмини шуғли самаранок ҳамрадиф гарданд.

## 2.3. Баҳодиҳии нишондодҳои самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ

Пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар як мамлакат, соҳаҳои иқтисодиёт, минтақаҳо на танҳо аз шумораи захираҳои меҳнатии мавҷудбуда, балки аз сатҳи истифодаи самараноки он вобастагии қавӣ дорад. Илова бар ин, дар байни омилҳои истеҳсолот ба захираҳои меҳнатӣ нақши калидӣ мансуб дониста мешавад. Зеро захираҳои меҳнатӣ аз худи инсон ҷудонашаванда буда, ҳаракатдиҳандаи ҷараёни такрористеҳсолот ба ҳисоб меравад. Дар марҳилаҳои аввалини ташаккулёбии илмӣ иқтисодӣ андешае маъмул буд, ки мутобиқи он захираҳои меҳнатӣ сарчашмаи боигарии ҷамъиятро ифода менамояд.

Дар назария ва амалияи хоҷагидорӣ ақидае вуҷуд дорад, ки мутобиқи он байни захираҳои меҳнатӣ ва тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ вобастагии шуморавӣ ва сифатӣ вуҷуд дорад. Агар вобастагии шуморавӣ бо зиёдшавии эҳтиёҷот ба захираҳои меҳнатӣ барои таъмини рушди иқтисодӣ зоҳир гардад, вобастагии сифатӣ бошад, пеш аз ҳама бо эҳтиёҷоти соҳаҳои иқтисодиёт ба таркиби касбӣ ва сатҳи тайёрии кадрӣ, маҳсулнокии меҳнат ва дар дигар нишондодҳо ифода меёбад. Бинобар ҳамин, баҳодиҳии самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои он бо истифода аз нишондиҳандаҳои муайян суръат мегирад.

Аз ҳама нишондиҳандаи маъмули баҳодиҳии самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, чи дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳои

мухталиф ва корхонаҳо ҳосилнокии меҳнат баромад мекунад. Ин нишондиҳанда барории маҳсулотро аз тарафи як коргар ифода менамояд. Одатан барои муайян намудани нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи корхона баробарии зерин истифода мешавад:

$$Х_{М} = \frac{ҲМ}{ШМ} \qquad (2.1)$$

ки дар ин ҷо: $Х_{М}$ – ҳосилнокии меҳнат;

ҲМ – ҳаҷми маҳсулоти истеҳсол шуда;

ШМ – шумораи захираҳои меҳнати истифодашуда.

Илова бар ин дар таҷриба ҳосилнокии меҳнат бо ифодаёбии пулӣ низ ҳисоб карда мешавад:

$$Х_{МП} = \frac{ҲМ_{П}}{ШМ} \qquad (2.2)$$

ки дар ин ҷо: $Х_{МП}$ – ҳосилнокии меҳнат бо ифодаёбии пулӣ;

ҲМп – ҳаҷми маҳсулоти истеҳсол шуда бо ифодаёбии пулӣ;

ШМ – шумораи захираҳои меҳнати истифодашуда.

Дар сатҳи макроиқтисодӣ, яъне иқтисодиёти миллӣ одатан истеҳсоли ММД ба ҳар сари захираҳои меҳнатии бо шуғл машғулбуда ҳисоб карда мешавад[69]:

$$ММД_{\text{ба ҳисоби як нафар коргари бо шуғл таъминбуда}} = \frac{ММД}{ШЗМ} \qquad (2.3)$$

ки дар ин ҷо: $ММД_{\text{ба ҳисоби як нафар коргари бо шуғл таъминбуда}}$ – ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи макроиқтисод;

ММД – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;

ШЗМ – шумораи захираҳои меҳнатии дар иқтисодиёти миллӣ истифодашуда.

Айнан аз рӯи ҳамин тарз ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ муайян карда мешавад:

---

[69] Алиджанов Д.А. Импортозамещающий экономический рост в современных условиях Республики Таджикистан. Худжанд, Нури маърифат, 2021. 368с. С. 105.

$$\text{КМС} = \frac{\text{ҲМС}}{\text{ШЗМ}} \qquad (2.4)$$

ки дар ин ҷо: КМС – коркарди маҳсулоти соҳа ба ҳар сари коргари дар соҳаи додашуда машғули меҳнат буда;

ҲМС – ҳаҷми маҳсулоти соҳа бо ифодаёбии пулӣ;

ШЗМ – шумораи захираҳои меҳнатии дар соҳа истифодашуда.

Бо дарназардошти баробариҳои дар боло овардашуда ҳосилнокии меҳнатро дар сатҳи макроиқтисодӣ ва соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ҳисоб менамоем. Ҷоиз ба таъкид аст, ки ҳисобҳои гузаронидашуда бо ифодаёбии пулӣ амалӣ карда мешавад, зеро чунин муносибат имкон фароҳам меоварад, ки ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи макроиқтисодӣ ва соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ бо ҳамдигар муқоиса карда шаванд. Инчунин, барои баҳодиҳии тамоюли тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи макроиқтисодӣ ва соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, ҳаҷми маҳсулоти соҳаҳо ва ММД бо нархҳои муқоисавӣ бо истифода аз усули инфлиронӣ[70] муайян карда шуда, шумораи ҳақиқии захираҳои меҳнатии бо кор таъмин буда ба инобат гирифта мешаванд. Ҷоиз ба таъкид аст, ки аз сабаби дар шакли пулӣ ифода нагардидани ҳама намудҳои хизматрасонӣ дар нашриёти расмии оморӣ, алалхусус соҳаи нақлиёт, инчунин дар соҳаи сохтмон маълумот бештар бо ба истифода додани фондҳои асосӣ ифода ёфтанаш, дар доираи тадқиқоти худ мо танҳо соҳаҳои аслии иқтисодиёти миллиро ба монанди соҳаи саноат ва кишварзиро мавриди тадқиқ қарор додем.

Бо истифода аз формулаи 2.3 дар ҷадвали 2.7 ҳосилнокии меҳнатро дар сатҳи макроиқтисодӣ муайян намудем. Маълумоти ҷадвали 2.7 тамоюли тағйирёбии ҳосилнокии меҳнатро дар сатҳи макроиқтисодӣ ифода мекунад, ки мувофиқи он аз соли 1991 то соли 1997 нишондиҳандаи мазкур рӯ ба коҳишёбӣ ниҳода аз соли 1998 то соли 2015 ҷоннокшавиро нишон медиҳад. Аз соли 2016 то ин ҷониб ҳосилнокии меҳнат дар иқтисодиёти милли Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Таҳлили нисбӣ нишон медиҳад, ки коркарди ММД

[70] Инфлиронӣ – афзоишдиҳии нишондиҳандаҳои соли пешина то дараҷаи соли охирони таҳлилшаванда.

ба ҳар як сари дар иқтисодиёт бо кор машғулбуда дар соли 1997 ба 33,2% соли 1991 баробар шуда, коҳишёбӣ 66,8%-ро ташкил кардааст. Чунин пастравии нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат дар иқтисодиёти миллӣ то соли 1997 ба миён омада аз соли 1998 афзишёбии он ба назар мерасад. Бояд қайд намуд, ки ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи макроиқтисодӣ дар соли 2017 нисбат ба нишондоди соли 1991 каме афзоиш ёфта, аз ҳамин сол рушди бемайлони он ба назар мерасад. Дар соли 2021 ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991, 125,5%-ро ташкил додааст.

**Ҷадвали 2.7 - Истеҳсоли ММД ба ҳар сари захираҳои меҳнатии бо шуғл машғулбуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Ҳаҷми ММД бо нархҳои муқоисавии соли 2021 (млн. сомонӣ) | Шумораи нафарони дар иқтисодиёт бо шуғл машғулбуда (ҳазор нафар) | Ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи макроиқтисод (ММД ба ҳар сари захираҳои меҳнатии бо шуғл машғулбуда) (сомонӣ) | Тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи макроиқтисод нисбат ба соли 1991 |
|---|---|---|---|---|
| 1991 | 55884,5 | 1971 | 31103,7 | 100,0% |
| 1992 | 37833,6 | 1909 | 19818,5 | 63,7% |
| 1993 | 31666,9 | 1855 | 17071,1 | 54,9% |
| 1994 | 24922,0 | 1855 | 13435,0 | 43,2% |
| 1995 | 21831,4 | 1853 | 11781,6 | 37,9% |
| 1996 | 18185,7 | 1731 | 10505,9 | 33,8% |
| 1997 | 18494,8 | 1791 | 10326,5 | 33,2% |
| 1998 | 19475,0 | 1796 | 10843,6 | 34,9% |
| 1999 | 20195,3 | 1737 | 11626,6 | 37,4% |
| 2000 | 21871,9 | 1745 | 12534,0 | 40,3% |
| 2001 | 23971,5 | 1829 | 13106,4 | 42,1% |
| 2002 | 26560,9 | 1857 | 14303,1 | 46,0% |
| 2003 | 29482,0 | 1885 | 15640,3 | 50,3% |
| 2004 | 32519,1 | 2090 | 15559,4 | 50,0% |
| 2005 | 34697,8 | 2112 | 16428,9 | 52,8% |
| 2006 | 37115,1 | 2137 | 17367,9 | 55,8% |
| 2007 | 40022,1 | 2150 | 18614,9 | 59,8% |
| 2008 | 43171,2 | 2168 | 19912,9 | 64,0% |
| 2009 | 44865,7 | 2219 | 20218,9 | 65,0% |
| 2010 | 47808,1 | 2233 | 21409,8 | 68,8% |
| 2011 | 48938,5 | 2249 | 21760,1 | 70,0% |
| 2012 | 52640,8 | 2291 | 22977,2 | 73,9% |
| 2013 | 56558,8 | 2307 | 24516,2 | 78,8% |
| 2014 | 60331,9 | 2325 | 25949,2 | 83,4% |
| 2015 | 67302,8 | 2380 | 28278,5 | 90,9% |
| 2016 | 68760,6 | 2384 | 28842,5 | 92,7% |
| 2017 | 77086,4 | 2407 | 32025,9 | 103,0% |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2018 | 82938,7 | 2426 | 34187,4 | 109,9% |
| 2019 | 89126,6 | 2463 | 36186,2 | 116,3% |
| 2020 | 92102,3 | 2506 | 36752,7 | 118,2% |
| 2021 | 98910,7 | 2534 | 39033,4 | 125,5% |

Сарчашмаи ҳисоб: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. 700с. С. 12-13; 334-337. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 11-12; 213-214.

Умуман, тамоюли тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи макроиқтисод (ММД ба ҳар сари захираи меҳнатии бо кор машғулбуда) дар расми 2.5 ифода ёфтааст.




Расми 2.5. Тамоюли тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи макроиқтисод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соли 1991 (аз рӯи ҷадвали 2.7 тартиб дода шуд).

Дар расми 2.5 тамоюли тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи макроиқтисод самти равиши тағйирёбии вазъи рушди иқтисодии мамлкатро аз соли 1991 то соли 2021 такрор мекунад (пастравӣ, ҷоннокшавӣ ва рушди устувор). Ба ҳамагон маълум аст, ки аз соли 1991 то соли 1996 дар иқтисодиёти кишвар пастравии трансформатсионӣ ба назар расида буд, ки ин ҳолат ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ таъсири худро расонид. Бо баробари бастани Аҳдномаи сулҳу ваҳдат дар соли 1997, бо кӯшишу талошҳои зиёди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар пастравии иқтисодӣ боз дошта шуд. Дар сарҳилаи 1997 то соли 2021, чӣ тавре

аз расми 2.5 мебинем, афзоишёбии ҳосилнокии меҳнат дар иқтисодиёти миллӣ ба назар мерасад.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.7 ва расми 2.5 собит менамояд, ки дар солҳои охир самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар кишвар рӯ ба беҳбудӣ намуда, афзоиши мутасилро нишон дода истодааст. Боиси таъкид аст, ки ба чунин афзоиш нигоҳ накарда, истифодаи захираҳои меҳнатӣ такомули минбаъаро тақозо менамояд. Махсусан, дар самти бо ҷои кории доимӣ таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат доштаи бо шуғл машғулнабуда. Ҷалб гардидани захираҳои меҳнатии бо шуғл машғул набуда ба ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ метавонад ба рушди нишондиҳандаи ММД ва соҳаҳои аслии иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд. Зеро ҷалби захираҳои меҳнатии иловагӣ ба соҳаҳои аслии иқтисодиёти миллӣ ба пешрафти ин соҳаҳо мусоидат карда, қобилият дорад сатҳи зиндагонии мардумро боз ҳам баландтар гардонад. Барои исботи ин андешаронихо мо ҳосилнокии меҳнатро дар соҳаҳои саноат ва кишоварзии иқтисодиёти миллӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор медиҳем.

Барои таҳлил ва баҳодиҳии ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи саноат мо аз формулаи 2.4 истифода бурда, дар асоси маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷадвали 2.8 коркарди маҳсулотро ба ҳар сари коргар дар саноати мамлакат ҳисоб намудем.

Аз маълумоти ҷадвали 2.8 мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 то соли 1996 қоҳиш ёфта, аз соли 1997 рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Агар дар соли 1991 ҳосилнокии меҳнат дар саноат 68957,2 сомониро ташкил дода бошад ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 455205,2 сомонӣ баробар шуда, афзоиш 6,6 маротибаро ташкил додааст. Ҷоиз ба қайд аст, ки чунин тамоюл дар ҳолати камшавии шумораи захираҳои меҳнатии дар саноат бо шуғл машғулбуда ба миён омадааст, ки оид ба мутлақо баландшавии ҳосилнокии меҳнат дар ин соҳа шаҳодат медиҳад. Агар дар соли 1991 дар ин соҳаи ҳаётан муҳими иқтисодиёти миллӣ 215,4 ҳазор нафар бо кор машғул бошанд, ин

нишондиҳанда дар соли 2021 ба 85,3 ҳазор нафар расидааст, ки камшавӣ 2,5 маротибаро ташкил додааст.

**Ҷадвали 2.8 - Ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи саноати иқтисодиёти миллӣ**

| Солҳо | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои муқоисавии соли 2021 (млн. сомонӣ) | Шумораи нафарони дар соҳаҳои саноат бо шуғл машғулбуда (ҳазор нафар) | Ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи саноат (сомонӣ) | Тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат дар саноат нисбат ба соли 1991 |
|---|---|---|---|---|
| 1991 | 14853,4 | 215,4 | 68957,2 | 100,0% |
| 1992 | 11243,2 | 194 | 57954,4 | 84,0% |
| 1993 | 10366,7 | 178,7 | 58011,5 | 84,1% |
| 1994 | 7733,9 | 167,2 | 46255,1 | 67,1% |
| 1995 | 6681,8 | 152,2 | 43901,6 | 63,7% |
| 1996 | 5084,6 | 116,3 | 43719,6 | 63,4% |
| 1997 | 4983,7 | 106,8 | 46663,6 | 67,7% |
| 1998 | 5391,8 | 98,6 | 54683,1 | 79,3% |
| 1999 | 5693,4 | 97,2 | 58574,4 | 84,9% |
| 2000 | 6257,3 | 90,1 | 69448,3 | 100,7% |
| 2001 | 7196,3 | 86,7 | 83002,5 | 120,4% |
| 2002 | 7800,8 | 86,7 | 89974,2 | 130,5% |
| 2003 | 8573,1 | 88,1 | 97310,5 | 141,1% |
| 2004 | 9867,5 | 87,2 | 113159,6 | 164,1% |
| 2005 | 10893,2 | 85,1 | 128004,8 | 185,6% |
| 2006 | 11492,2 | 82,1 | 139977,7 | 203,0% |
| 2007 | 12629,8 | 80,4 | 157086,6 | 227,8% |
| 2008 | 12187,7 | 74,2 | 164254,3 | 238,2% |
| 2009 | 11395,6 | 68,5 | 166359,6 | 241,3% |
| 2010 | 12444,4 | 69,5 | 179055,7 | 259,7% |
| 2011 | 13154,1 | 75,4 | 174457,9 | 253,0% |
| 2012 | 14574,7 | 79,6 | 183099,8 | 265,5% |
| 2013 | 15127,6 | 76,3 | 198265,1 | 287,5% |
| 2014 | 15884,6 | 81,7 | 194425,5 | 282,0% |
| 2015 | 17679,3 | 81,2 | 217724,8 | 315,7% |
| 2016 | 20508,4 | 80,9 | 253503,3 | 367,6% |
| 2017 | 24876,7 | 86,8 | 286597,6 | 415,6% |
| 2018 | 27512,8 | 85,6 | 321410,7 | 466,1% |
| 2019 | 31144,9 | 84,2 | 369892,2 | 536,4% |
| 2020 | 33886,3 | 84,3 | 401973,1 | 582,9% |
| 2021 | 38829 | 85,3 | 455205,2 | 660,1% |

Сарчашмаи ҳисоб: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. 700с. С. 397. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 252.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи саноти кишвар дар натиҷаи баландшавии шиддатнокии меҳнат ва истифодаи технологияҳои муосири истеҳсолӣ ба миён омада истодааст.

Барои аёнтар гардидани тамоюли тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат дар саноат дар расми 2.6, чунин тағйирёбӣ дар шакли график оварда шудааст.




Расми 2.6. Тамоюли тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соли 1991 (аз рӯи ҷадвали 2.8 тартиб дода шуд).

Аз рӯи расми 2.6 дидан мумкин аст, ки ҳосилнокии меҳнат дар саноати Тоҷикистон аз соли 1991 то соли 1996 тамоюли камшавиро нишондода, аз соли 1997 то 2000 барқароршавии ин нишондиҳанда ба назар мерасад ва аз соли 2001 афзоиши мутасили ҳосилнокӣ дар саноати кишвар мушоҳида карда мешавад. Махсусан, давраи аз соли 2014 то соли 2021 қайд намудан зурур аст, ки дар ин марҳила афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар саноат бо суръати миёнасолаи 13% таъмин гаштааст. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, аз рӯи нишондоди ҳосилнокии меҳнат, истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи саноати иқтисодиёти миллӣ дар сатҳи кофӣ қарор дорад. Афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар шароити камшавии шумораи захираҳои меҳнатии истифодашаванда дар соҳаи саноати иқтисодиёти миллӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин соҳа бар замми афзоишёбии ҳосилнокии меҳнат, шиддатнокии меҳнат низ баланд шудааст. Зеро дар давраи таҳлилӣ шумораи захираҳои меҳнатии дар саноат бо кор машғулбуда 2,5 маротиба коҳиш ёфта, ҳосилнокии меҳнат бошад ба 6,6 маротиба, ҳаҷми умумии маҳсулоти санотӣ бошад ба 2,6 маротиба афзоиш ёфтааст. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки чунин

афзоишёбии ҳосилнокии меҳнат дар натиҷаи зиёдшавии истеҳсолот дар саноати истихроҷи маъданҳо ба назар мерасад. Дар расми 2.7 истифода бо усули статикаи муқоисавӣ сохтори соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011 ва соли 2021 оварда шудааст.




Расми 2.7. Сохтори соҳаҳои саноти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. 700с. С. 398. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 253.

Аз диаграммаи расми 2.7 мушҳида карда мешавад, ки дар тӯли даҳ соли охир дар соҳтори саноати мамлакат тағйироти сохторӣ ба миён омада, агар дар соли 2011 ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан 12% ташкил диҳад, ин нишондиҳанда дар соли 2021 то 22% зиёд шудааст. Инчунин, чунин вазъияти дар истеҳсолу тақсимоти неруи барқ, газ ва об ба назар мерасад, ки ҳиссаи он аз 19% соли 2011 ба 21% дар соли 2021 зиёд гардидааст. Мувофиқан дар ин давра ҳиссаи саноати коркард қоҳиш ёфта дар соли 2021 ба 57% баробар шудааст, ки нисат ба соли 2011 ба 12% кам шудааст. Боиси таъкид аст, ки чунин тағйирот ба ҳосилнокии меҳнат дар саноати кишвар таъсири худро гузоштааст.

Илова бар ин, ҳосилнокии меҳнат дар саноати мамлакат дар шароити камшавии меҳнатғунҷоиш ба миён омада истодааст, ки бо миқдори вақти барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот ифода карда мешавад. Меҳнатғунҷоиши истеҳсолот бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$М_{ғ} = \frac{ШМ}{ҲМ} \quad (2.5)$$

ки дар ин $М_{ғ}$-меҳнатғунҷоиши истеҳсолот;

ШМ – шумораи вақтии кории аз тарафи захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолот истифодашуда;

ҲМ – ҳаҷми муҳсулоти истеҳсолшуда

Таҳлили меҳнатғунҷоиши истеҳсолоти саноатӣ дар кишвар дар расми 2.8 оварда шудааст.




Расми 2.8. Меҳнатғунҷоиш дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз рӯи ҷадвали 2.8 тартиб дода шуд).

Аз рӯи маълумоти расми 2.8 мушоҳида кардан мумкин аст, ки агар меҳнатғунҷоиш дар соҳаи саноат дар соли 1991 ба 0,036 баробар буда дар соли 1996 ин нишондиҳанда то 0,053 зиёд гардидааст. Аз соли 1997 то ин ҷониб ин нишондод тамоюли пастравиро нишондода, дар соли 2021 ба 0,005 баробар шудааст. Умуман, ҷоиз ба зикр аст, ки меҳнатғунҷоиш табиатан барои муайян намудани истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолот истифода мешавад.

Нисбат ба соҳаи саноат, дар соҳаи кишоварзии кишвар ҳосилнокии меҳнат дар шароити афзоишёбии истифодабарии шумораи захираҳои меҳнатӣ тамоюли зиёдшавиро нишон медиҳад (ҷадвали 2.9). Аз ҷадвали мазкур дидан мумкин аст, ки шумораи бо кор машғул будагони захраҳои меҳнатӣ дар ин соҳа аз соли 1991 то соли 2021 тамоюли зиёдшавиро ифода мекунад.

## Ҷадвали 2.9 - Ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёти миллӣ

| Солҳо | Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои муқоисавии соли 2021 (млн. сомонӣ) | Шумораи нафарони дар соҳаҳои кишоварзӣ бо шуғл машғулбуда (ҳазор нафар) | Ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ (сомонӣ) | Тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишварзӣ нисбат ба соли 1991 |
|---|---|---|---|---|
| 1991 | 17854,3 | 881 | 20266,0 | 100,0% |
| 1992 | 13033,7 | 892 | 14611,7 | 72,1% |
| 1993 | 12499,2 | 949 | 13170,9 | 65,0% |
| 1994 | 11424,3 | 1002 | 11401,5 | 56,3% |
| 1995 | 9933,3 | 1095 | 9071,5 | 44,8% |
| 1996 | 9337,3 | 1026 | 9100,7 | 44,9% |
| 1997 | 9107,8 | 1145 | 7954,4 | 39,3% |
| 1998 | 9194,3 | 1090 | 8435,1 | 41,6% |
| 1999 | 9277,1 | 1118 | 8298,0 | 40,9% |
| 2000 | 10446,0 | 1133 | 9219,7 | 45,5% |
| 2001 | 11135,3 | 1218 | 9142,3 | 45,1% |
| 2002 | 13001,8 | 1255 | 10360,0 | 51,1% |
| 2003 | 14171,2 | 1275 | 11114,6 | 54,8% |
| 2004 | 15768,9 | 1391 | 11336,4 | 55,9% |
| 2005 | 16014,3 | 1425 | 11238,1 | 55,5% |
| 2006 | 16934,0 | 1432 | 11825,4 | 58,4% |
| 2007 | 17519,2 | 1430 | 12251,2 | 60,5% |
| 2008 | 18596,6 | 1447 | 12851,8 | 63,4% |
| 2009 | 20546,8 | 1468 | 13996,5 | 69,1% |
| 2010 | 21933,7 | 1471 | 14910,8 | 73,6% |
| 2011 | 23668,1 | 1507,2 | 15703,4 | 77,5% |
| 2012 | 26125,4 | 1520,3 | 17184,4 | 84,8% |
| 2013 | 28104,7 | 1526,2 | 18414,8 | 90,9% |
| 2014 | 29369,2 | 1524,2 | 19268,6 | 95,1% |
| 2015 | 30308,9 | 1545,2 | 19614,9 | 96,8% |
| 2016 | 31872,1 | 1538,5 | 20716,4 | 102,2% |
| 2017 | 34039,5 | 1466,1 | 23217,7 | 114,6% |
| 2018 | 35386,1 | 1481,9 | 23878,9 | 117,8% |
| 2019 | 37910,9 | 1507,3 | 25151,5 | 124,1% |
| 2020 | 41265,4 | 1525,6 | 27048,6 | 133,5% |
| 2021 | 39769,4 | 1535,3 | 25903,3 | 127,8% |

Сарчашмаи ҳисоб: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. 700с. С. 14, 15, 136-139, 436,437. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 12; 86.

Агар дар соли 1991 дар соҳаи кишоварзӣ 881 ҳазор нафар захираҳои меҳнатӣ бо машғули кор бошанд, дар соли 2021 ин нишондод ба 1535,3 ҳазор нафар расидааст. Бо баробари зиёдшавии шумораи захираи меҳнатии

истифодашаванда дар ин соҳа ҳосилнокии меҳнат низ афзоиш ёфта, дар соли 2021 ба 25903,3 сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 1991 ба 127,8% афзудааст. Ҳоислинокии баландтарин дар ин соҳа аз рӯи маълумоти ҳисоб карда шуда ба соли 2020 рост меояд, ки он ба 27048,6 сомонӣ баробар шуда, нисбат ба соли 1991 ба 133,5% зиёд гардидааст. Умуман, тамоюли тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 2.9 ифода ёфтааст.




Расми 2.9 Тамоюли тағйирёбии ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соли 1991 (аз рӯи ҷадвали 2.9 тартиб дода шуд).

Аз расми 2.9 мушоҳида карда мешавад, ки нуқтаи поёнии патравии ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишварзӣ ба соли 1997 рост меояд. Аз соли 1998 оғоз карда ҷоннокшавии ин нишондиҳанда ба назар мерасад. Боиси қайд аст, ки дар соли 2016 нишондиҳандаи таҳлилшаванда ба нишондоди соли 1991 баробар гардидааст. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки барқарор намудани сатҳи ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ ба нишондоди соли 1991, 25 сол тӯл кашид. Аз соли 2016 то инҷониб афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар ин соҳа ба назар мерасад (ба истиснои соли 2021, ки дар ин сол ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишварзӣ нисбат ба соли 2020 каме коҳиш ёфтааст).

Боиси қайд аст, ки ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ пеш аз ҳама аз таъминоти техникии ҷараёни меҳнат вобастагии калон дорад. Аз рӯи таҳлили маълумоти расмӣ шумораи ҳама намудҳои техникаи истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат (ба истиснои испорҳои тракторӣ) дар соли 2021 нисбат ба соли 1991 коҳиш ёфтаанд (ҷадвали 2.10.).

**Ҷадвали 2.10. - Шумораи техникаҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (адад)**

| Намуди техникаи истеҳсолӣ | Соли 1991 | Соли 2021 | Тағйирот: соли 2021 нисбат ба соли 1991 (+ зиёдшавӣ; - коҳишёбӣ) |
|---|---|---|---|
| Тракторҳо | 37054 | 27520 | -9534 |
| Комбайнҳои ғалладарав | 1383 | 1098 | -285 |
| Испорҳои тракторӣ | 9449 | 10280 | 831 |
| Тухмипошакҳои тракторӣ | 6078 | 2244 | -3834 |
| Мошинҳои ҷамъоварӣ ва пресскунанда | 1502 | 801 | -701 |
| Комбайнҳои алафдаравӣ | 1236 | 142 | -1094 |
| Комбайнҳои ҷуворимаккадаравӣ | 324 | 19 | -305 |
| Мошинҳои пахтачинӣ | 3011 | 45 | -2966 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 284.

Аз ҷадвали 2.10 мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар соҳаи кишоварзии мамлакат муҷаҳазгардонии ҷараёни истеҳсолот бо техникаи зарурӣ дар ҳолати наонқадар хуб қарор дорад. Танҳо аз рӯи як намуди техникаи истеҳсолии кишоварзӣ афзоиш ба назар мерасад, ки ин испорҳои тракторӣ мебошад, ки дар соли 2021 нисбат ба соли 1991 ба 831 адад зиёд шудааст. Боиси таъкид аст, ки чунин ҷараён дар ҳолате ба назар мерасад, ки шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Тоҷикистон дар соли 2021 ба 167009[71] воҳид расидааст. Аз ин ҷо ақидае ба миён меояд, ки мутобиқи он дар аксарияти хоҷагиҳои деҳонии таъсисдодашуда ҳиссаи меҳнати дастӣ хеле калон буда, ба ҳосилнокии меҳнат дар ин соҳа таъсири худро мерасонад. Чунин вазъити ба миёномадаро Аллашукуров Б.Э. ба инобат гирифта оид ба хусусияти истифодабарии

[71] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 273.

захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишварзии мамлакат чунин ибрози ақида мекунанд: “вобаста ба мавсимӣ будани кори баъзе хоҷагиҳои деҳқонӣ фонди мавсимии вақти кориро муайян намудан мумкин аст, ки ба ҳар воҳиди меҳнат мумкин аст дар ҳаҷми 2250 соат қабул карда шавад. Фонди вақти корӣ ба як воҳиди меҳнат тавассути методи зайл ҳисоб кардан мумкин аст. Мавсими кор барои деҳқонон-фермерон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шароити обу ҳаво қариб 9 моҳ (март-ноябр) тӯл мекашад. Ҳар моҳ ба ҳисоби миёна 26 рӯзи корӣ дорад ва ҳар рӯзи корӣ 8 соат давом мекунад (9*26)*8=1872 соат), яъне фонди мавсимии вақти корӣ ба як воҳиди меҳнат дар хоҷагиҳои деҳқонӣ 1872 соатро ташкил дода метавонад.”[72]

Илова ба ин ақидаҳо қайд кардани ҳастем, ки дар воқеъияти аслӣ вақти кории захираҳои меҳнатии дар соҳаи кишоварзӣ машғулбуда зиёдтар буда, мутаассифона на ҳамаи он бақайд гирифта мешавад. Дар давраи мавсими кишт ва ҳоисилғундорӣ давомнокии рӯзи кории меҳнаткашон дар соҳаҳои кишоварзӣ аз субҳ то шом давом мекунад, ки дар фаслҳои баҳор, тобистон ва қисми тирамоҳ то 14 соат дар як рӯз мерасад.

Дар расми 2.10 дар асоси маълумоти ҷадвали 2.9 тамоюли меҳнатғунҷоиши истеҳсоли маҳсулотҳоии кишоварзӣ оварда шудааст. Аз диаграммаи ин расм мушоҳида карда мешавад, ки нишондоди меҳнатғунҷоиш дар соҳаи кишоварзии мамлакат аз соли 1991 то соли 1997 нисбатан афзоишёбиро нишон дода, аз соли 2009 то соли 2021 ин нишондод пастравиро нишон медиҳад. Агар меҳнатғунҷоиш дар соҳаи кишоварзӣ дар соли 1991 ба 0,092 баробар бошад, ин нишондод дар соди 1997 ба 0,235 баробар шудааст, ки зиёдшавии меҳнатталабии истеҳсоли кишоварзиро ифода мекунад. Соли 2009 меҳнатғунҷоиш ба 0,134 баробар гардида, дар соли 2021 он ба 0,072 расидааст, ки дар ин давра меҳнатталабии истеҳсолоти кишоварзӣ каме бошад ҳам коҳиш ёфтааст.

---

[72] Аллашукуров Б.Э. Самтҳои асосии рақобатпазирии хоҷагии қишлоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. – 244с. С. 132.




Расми 2.10. Меҳнатғунҷоиш дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз рӯи ҷадвали 2.9 тартиб дода шуд).

Нишондиҳандаҳои ҳосилнокии меҳнат дар иқтисодиёти миллӣ, дар соҳаи саноат ва кишоварзии Тоҷикистон, инчунин ҳисоб намудани меҳнатғунҷоиш дар ин соҳаҳои ҳаётан муҳим имкон медиҳад, ки оид ба самти такомули истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар ин соҳаҳо ибрози ақида намоем. Якум, таҳлили нишондиҳандаҳои ҳосилнокӣ ва меҳнатғунҷоиш дар соҳаи саноат аз он шаҳодат медиҳад, ки иқтидори ин соҳа барои истифодабарии шумораи боз ҳам зиёди захираҳои меҳнатӣ кифоя буда, ҷалб намудани захираҳои иловагии меҳнат метавонад ба рушди минбаъдаи он мусоидат намояд. Дуюм, нишондодҳои ҳосилнокии меҳнат ва меҳнатғунҷоиш дар соҳаи кишоварзӣ собит менамояд, ки дар ин соҳа ҳосилнокии меҳнат нисбат ба соҳаи саноат ба маротибае кам буда, ҷалби захираҳои меҳнатӣ ба ин соҳа бо баробари ворид намудани техникаи кишварзии замонавӣ бояд сурат гирад.

Барои дақиқ муайян намудани зарурати ҷалби захираҳои меҳнатии иловагӣ дар соҳаҳои таҳлилшаванда ҳисоб ва таҳлили нишондиҳандаи маҳсулоти интиҳоии меҳнат ва чандирнокии барориш аз рӯи меҳнат зарур арзёбӣ карда мешавад. Дар ҷадвали 2.11 муҳсулоти интиҳоии меҳнат дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ, соҳаи саноат ва кишоварзӣ бо формулаи 2.6 ҳисоб карда

шудаанд. Маҳсулоти интиҳоии меҳнат бештар барои муайян намудани самаранокии истифодаи воҳиди иловагии захираи меҳнатӣ истифода мешавад.

$$\text{МИМ}_{\text{П}} = \frac{\Delta\text{ҲМ}_{\text{П}}}{\Delta\text{ШМ}} \qquad (2.6)$$

ки дар ин ҷо: $\text{МИМ}_{\text{П}}$ – маҳсулоти интиҳоии меҳнат бо ифодаёбии пулӣ;

$\Delta\text{ҲМ}_{\text{П}}$ – тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот бо ифодаёбии пулӣ;

$\Delta\text{ШМ}$ – тағйирёбии шумораи меҳнати истифодашуда дар истеҳсолот.

**Ҷадвали 2.11 - Тағйирёбии маҳсулоти интиҳоии меҳнат дар иқтисодиёти миллӣ, соҳаи саноат ва кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (сомонӣ)**

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 |
| Иқтисодиёти миллӣ | 209575 | 99031,8 | 210171 | 126744 | 69202,3 | 243157 |
| Саноат | 79422,5 | 488428,6 | 1048800 | 3589400 | 27414000 | 4942700 |
| Кишоварзи | 77926,7 | 7217,6 | 462300 | 44747,6 | 183306 | 154227 |

Ҳисоби муаллиф аз рӯи ҷадвалҳои 2.7; 2.8; 2.9.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.11 нишон медиҳад, ки тамоюли тағйирёбии маҳсулоти интиҳоии меҳнат дар иқтисодиёти миллӣ, соҳаи саноат ва кишоварзӣ самти муайянро надошта, пастравию болоравиро пай дар пай такрор менамояд. Новобаста ба мушоҳида нашудани тамоюли аниқи тағйирёбии маҳсулоти интиҳоии меҳнат бо ифодаёбии пулӣ, аз ҷадвали мазкур дидан мумкин аст, ки дар солҳои охир бузургии ин нишондиҳанда дар соҳаи саноати кишвар нисбат ба нишондоди иқтисодиёти миллӣ ва соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи баланд қарор дорад. Аз ин ҷо бармеояд, ки воҳиди иловагии меҳнати дар соҳаи саноат истифодашуда, нисбат дар соҳаи кишоварзии маҳсулнокии бештар дошта, ба афзоиши нишондиҳандаҳои ҳам соҳаи саноат ва иқтисодиёти миллӣ таъсири калон мерасонад. Инчунин, афзоиши воҳиди меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда дар давраи таҳлилӣ ба зиёдшавии маҷмӯи

маҳсулоти соҳа мусоидат менамояд. Лекин бузургии маҳсулоти интиҳоии меҳнат дар соҳаи саноат нисбат ба бузургии ин нишондиҳанда дар соҳаи кишоварзӣ дар соли 2000 ба 1,02 маротиба, соли 2005 ба 67,7 маротиба, соли 2010 ба 2,23 маротиба, соли 2015 ба 80,2 маротиба, соли 2020 ба 149,6 маротиба ва соли 2021 ба 32 маротиба зиёд мебошад. Аз чунин таҳлил маълум мегардад, ки воҳиди иловагии захираи меҳнатӣ дар соҳаи саноат ҷалб карда шуда, нисбат ба соҳаи кишоварзӣ ҷалбшуда афзалияти бештар дорад. Ин гуфтаҳоро бо муайян намудани чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат низ баҳогузорӣ кардан мумкин аст. Чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат бо формулаи 2.7 ҳисоб карда шуда, бештар барои муқаррар намудани миқдори зарурии захираҳои меҳнатӣ барои истеҳсолот истифода мешавад.

$$\boldsymbol{\varepsilon}_{\text{ШМ}}^{\text{ҲМ}} = \frac{\text{МИМ}}{\text{ҲМ}} \qquad (2.7)$$

ки дар ин ҷо: $\boldsymbol{\varepsilon}_{\text{ШМ}}^{\text{ҲМ}}$ – чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат;

МИМ – маҳсулоти интиҳоии меҳнат бо ифодаёбии пулӣ;

ҲМ – ҳосилнокии меҳнат.

Бо истифода аз формулаи мазкур ва маълумоти ҷадвалҳои 2.7, 2.8, 2.9 ва 2.11, дар ҷадвали 2.12 нишондиҳандаи чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ, соҳаи саноат ва кишоварзии мамлакатро ҳисоб намудем.

**Ҷадвали 2.12 - Чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат дар иқтисодиёти миллӣ, соҳаи саноат ва кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2020** | **2021** | **Миёна** |
| Иқтисодиёти миллӣ | 16,7 | 6 | 9,8 | 4,5 | 1,9 | 6,2 | 7,5 |
| Соҳаи саноат | 1,1 | 3,8 | 5,9 | 16,5 | 18,2 | 10,9 | 9,4 |
| Соҳаи кишоварзӣ | 8,5 | 0,6 | 18,3 | 2,3 | 6,8 | 6 | 7,1 |

Ҳисоби муаллиф аз рӯи ҷадвалҳои 2.7; 2.8; 2.9; 2.11.

Маълумоти ҷадвали 2.12 нишон медиҳад, ки чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат дар иқтисодиёти миллӣ аз соли 2000 то 2021 ба ҳисоби

миёна 7,5 воҳид, дар соҳаи саноат 9,4 воҳид ва дар соҳаи кишоварзӣ бошад ба 7,1 воҳидро ташкил кардааст. Чандирнокии баландтарин дар соҳаи кишоварзӣ ба соли 2010 рост меояд, ки он ба 18,3 баробар буда, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давра афзоиши истифодабарии захираи меҳнатӣ ба 1% ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулотро дар ин соҳа ба 18,3% зиёд гардонидааст. Нишондоди баландтарини чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат дар соҳаи саноат ба соли 2020 рост меояд, ки он ба 18,2 баробар шудааст.

Дар адабиёти иқтисодӣ оид ба чандирнокии ҳаҷми барориш аз рӯи меҳнат ақидае вуҷуд дорад, ки мувофиқи он истеҳсолот ба се марҳила ҷудо мешавад[73]. Марҳилаи якум алоқамандии байни тағйирёбии маҳсулоти интиҳоии меҳнат ва ҳосилнокии меҳнатро дар назар дошта, дар он бузургии маҳсулоти интиҳоии меҳнат аз бузургии ҳосилнокии меҳнат калон мебошад. Дар ин ҳолат чандирнокии барориш аз рӯи меҳнат аз 1 калон буда, истифодаи захираи иловагии меҳнат афзоиши маҳсулотро дар ҳаҷми аз 1 фоиз зиёд таъмин менамояд, яъне дар ин марҳила ҳосилнокии меҳнат баланд мегардад. Дар чунин ҳолат васеъшавии ҳаҷми истеҳсолот самараи мусбатро таъмин менамояд.

Дар марҳилаи дуюм, маҳсулоти интиҳоии меҳнат аз ҳосилнокии меҳнат хурд буда, афзоиши шуморавии захираи меҳнатии ба истеҳсолот ҷалбшуда ба 1 % ба афзоиши ҳаҷми барориш дар ҳаҷми хурдтар аз 1% оварда мерасонад.

Марҳилаи сеюм, бо самараи манфии маҳсулоти интиҳоии меҳнат ва ҳосилнокии меҳнат маънидод карда мешавад. Дар чунин ҳолат зиёд намудани захираи меҳнатӣ мантиқи иқтисодӣ надорад. Зеро афзоиши он ба зиёдшавии маҳсулот мусоидат накарда, балки ба коҳишёбии он оварда мерасонад.

Чунин маълумот бо мақсади баҳодии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои саноат ва кишоварзии иқтисодиёти миллӣ оварда шуда, ба мо имконият медиҳад, ки оид ба зарурати ташкили истеҳсолоти меҳнатталаб дар соҳаҳо хулосаи асоснок барорем.

[73] Алиджанов Дж.А. Алиджанова С.А. Назарияи иқтисодии умумӣ. Хуҷанд, 2021. 624с. С. 192-202.

Ҳамин тавр, баҳодиҳӣ ва таҳлили истифодабарии самарноки захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои истеҳсолоти аслии иқтисодиёти миллӣ имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем.

Якум, дар тӯли фаъолияти хоҷагии халқ аз соли 1991 то соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон норасогии захираҳои меҳнатӣ мушоҳида карда намешавад.

Дуюм, таҳлилҳо собит менамоянд, ки ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои саноат нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ дар сатҳи баланд қарор дошта, зарурати ҷалби бештари захираҳои меҳнатро ба ин соҳа тақозо менамояд.

Сеюм, ҳисоби маҳсулоти интиҳоии меҳнат бо ифодаёбии пулӣ нишон медиҳад, ки самаранокии истиодабарии захираҳои меҳнатӣ бештар дар соҳаи саноати иқтисодиёти миллӣ ба назар мерасад, зеро арзиши иловашуда аз ҳисоби истифодабарии меҳнат дар ин соҳаи стратегӣ нисбат ба дигар соҳаҳо зиёдтар буда, ин гуфтаҳо бо чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат асоснок карда мешаванд.

Бинобар ҳамин, барои боз ҳам баланд намудани самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ташкили истеҳсолот ва ҷалби захираҳои меҳнатии бо кор машғулнабуда бештар дар соҳаҳои саноати кишвар мувофиқи мақсад мебошад. Истифодаи иқтидори соҳаи саноат қобилият дорад, ки захираҳои меҳнатии бо кор машғулнабударо ҷалб намуда, сатҳи бекориро дар мамлакат коҳиш диҳад ва бо дарназардошти нишондодҳои маҳсулоти интиҳоии меҳнат ва чандирнокии барориш аз рӯи меҳнат барои рушди самараноки иқтисодиёти кишвар мусоидат намуда, барои баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ мусоидат намояд.

## Хулоса оид ба боби дуюм

1. Барои баҳо додани таъсири вазъи демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули захираҳои меҳнатӣ ҳисоб намудани ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатиро вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ дар доираи таҳқиқот зарур мешуморем. Мантиқи чунин муносибат имкон медиҳад, ки

новобаста аз тағйиротҳои меъёрҳо барои ҷудо намудани аҳолӣ ба аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар ва ҷавонони то синну соли қобили меҳнат таъсири омили демографӣ дуруст баҳогузорӣ карда шавад.

2. Бо мақсади бартараф намудани сабабҳои пурра истифода нашудани захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ истифодаи саноатикунонии шуғли захираҳои меҳнатиро зарур меҳисобем. Дар ин росто васеъшавии ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ метавонад ба коҳишёбии муҳоҷирати меҳнатӣ ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд. Чунин хулосабарорӣ аз он сабаб имкнпазир мегардад, ки дар бахши саноати миллӣ имкониятҳои истифоданашудаи калон вуҷуд доранд, ки фаъолгардонии онҳо қобилият дорад захираҳои меҳнатии баризофаро ҷалб намудан бахри баланд намудани сатҳи шуғлнокӣ ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ мусоидат намояд.

3. Истифодаи иқтидори соҳаи саноат қобилият дорад, ки захираҳои меҳнатии бо кор машғулнабударо ҷалб намуда, сатҳи бекориро дар мамлакат коҳиш диҳад ва бо дарназардошти нишондодҳои маҳсулоти интиҳоии меҳнат ва чандирнокии барориш аз рӯи меҳнат барои рушди самараноки иқтисодиёти кишвар мусоидат намуда, барои баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ мусоидат намояд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ

## 3.1. Инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ дар шароити муосир

Захираҳои меҳнатӣ новобаста аз истифодашавӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ба инкишофи касбӣ ниёз дорад. Оид ба зарурати инкишофии касбии захираҳои меҳнатӣ дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 23 декабри соли 2022 ба таври возеҳ чунин баён карда шуд: “таъсис додани ҷойҳои корӣ ва фарогирии пурраи аҳолӣ бо шуғл вазифаи аввалиндараҷаи тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳар як роҳбари сохтору мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон ба шумор меравад. Ҳукумати мамлакат то соли 2026 бо истифода аз тамоми имкониятҳо дар бобати ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб кардани шаҳрвандони аз 18-сола боло, ки касбу ҳунар надоранд ва саросар соҳибкасб гардонидани аҳолӣ чораҷӯӣ намояд”[74]. Вобаста ба ин гуфтаҳо зарурати муқаррар намудани самтҳои инкишофи малакаи кории захираҳои меҳнатӣ дар кишвар зарур мебошад.

Бо шуғл таъмин намудани захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти муосир унсури зарурирo ифода мекунад, ки ба сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ, тамоюли нишондодҳои асосии макроиқтисодӣ ва соҳавӣ таъсири бевосита мерасонад. Бинобар ҳамин, истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили асосии таъмини рушди иқтисодӣ баромад мекунад. Таҷрибаи хоҷагидорӣ нишон медиҳад, ки ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ ҷараёни дигаргуниҳои технологӣ таъсири калон мерасонад. Аз як тараф дар натиҷаи дигаргуниҳои технологӣ афзоиши ҳосилнокии меҳнат ба миён омада, аз тарафи дигар шумораи меҳнати зиндаи истифодашаванда рӯ ба коҳишёбӣ ниҳоданаш аз эҳтимол дур нест. Бинобар ҳамин дар ин радиф баланд намудани

---

[74] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022.

малакаи кории захираҳои меҳнатӣ ва талаботҳои нав ба нав ба маҳорати коргарон дар шароити пешрафти илму-техника вусъат меёбад. Дигаргуниҳои доимӣ дар техника ва технологияи истеҳсолӣ мукаммалгардонии донишҳо, қобилиятҳо ва аз худ намудани технологияҳои навро тақозо менамояд.

Дар ин ҷода муайян намудани ҳадафҳои инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ҳатман чунин унсурҳоро фарогир бошад:

- ташаккулёбии сохтори захираҳои меҳнатӣ, ки бо рақобатнокии баланд на танҳо дар бозори меҳнати дохилӣ, инчунин дар бозори меҳнати байналмилалӣ, бо мақсади машғул шудани аҳолии қобили меҳнат дошта бо меҳнати маҳсулнок;
- дастгирии сатҳи зарурии ташаккулёбӣ ва инкишофи захираҳои меҳнатӣ, ки ба эҳтиёҷоти саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ ҷавобгӯ буда;
- қонеъгардонии эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ бо мутахассисони баландихтисоси дорои донишҳои зарурӣ ва таъминоти истеҳсолот бо кормандони салоҳиятнок;
- баланд намудани ҳосилнокии меҳнати кормандон аз ҳисоби густариши донишандӯзӣ ва касбомӯзӣ, ки салоҳиятҳои кории онҳоро баланд менамоянд;
- ташаккулдиҳии захираҳои меҳнатии дорои афзалиятҳои дарозмуддат дар самти инкишофи илм ва техника, ки ба ҷараёни саноатикунонӣ чавобгӯ буда;
- нигоҳдории сатҳи зарурии таъминоти кадрии соҳаҳои калидии иқтисодиёти миллӣ бо дарназардошти такмили ихтисос ва маълумоти зарурӣ доир ба меҳнати иҷрошаванда.

Таъмини унсурҳои номбурдаи такомули касбии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бо заминаҳои дахлдор алоқамандии бевосита доранд, ки ба онҳо пеш аз ҳама баҳодиҳии дараҷаи вазифаҳои гузошташуда ва амалигардонии чораҳои амалӣ доир ба баланд намудани сатҳи захираҳои меҳнатӣ, назорати мутасили самаранокии хароҷоти воситаҳои пулии давлатӣ

барои тайёркунӣ ва азнавтайёркунии захираҳои меҳнатӣ, таъмини сатҳи таъминоти моддӣ-техникӣ ва молиявии инкишофи захираҳои меҳнатӣ, мутобиқати сатҳи омодагии захираҳои меҳнатӣ ба сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда дар шароити муосир ва барои оянда, таъсиси заминаҳои зарурӣ барои баланд намудани саҳми захираҳои меҳнатӣ дар рушди иқтисодии мамлакат, амалигардонии чораҳо барои рушди ҳамаҷонибаи сармояи инсонӣ ва ғайраҳо.

Натиҷаи зарурии инкишофи захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама ин таъмини соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бо омили меҳнати рақобатпазири дорои малакаҳои кории, яъне салоҳиятҳои мувофиқ мебошад.

Инкшофёбии касбии захираҳои меҳнатӣ бо зарурати дигаргуншавии технологӣ ба миён омада, ҳамзамон ҷараёни дигаргуншавии шаклҳои шуғли аҳолиро ҳавасманд мегардонад. Дар ин замина эҳтиёҷот ба таъсири идоракунӣ ба ин ҷараён шиддат ёфта, сатҳи мутобиқшавии шуғли захираҳои меҳнатӣ ба ҳама гуна ҳолатҳои ба миён омада баландтар мегардад. Аз ин лиҳоз, инкишофи дараҷаи касбии захираҳои меҳнатӣ дар шароити муосир бояд яке аз шартҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳама сатҳҳо баромад карда, дар муносибати инноватсионӣ асос гирад. Вобаста ба ин ақидаи Мусаев Б.А. хотиррасон карданием, ки мувофиқи он “инкишофёбии касбии захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти фаъолияти инфрасохтори бозори меҳнат, инчунин амалигардонии тағйиротҳо дар механизмҳои дохилии бозор вобаста аз таъсири омилҳои гуногун амалӣ шуданаш лозим аст”[75].

Дар давраи муосир, инкишофёбии касбии захираҳои меҳнатӣ барои ҳалли чунин масъалаҳои зарурӣ равона карда шавад: якум, таъминоти бозори меҳнат бо захираҳои меҳнатии дорои тахассусмандии тақозои замон; дуюм, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ба воситаи амалигардонии барномаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии қувваи корӣ.

---

[75] Мусаев Б.А. Управление занятостью на российском рынке труда в современных условиях / Успехи современной науки, 2017. Том5. №3. С. 52.

Омода намудани кадрҳои баландихтисос маҷмӯи чораҳоро ифода мекунад, ки ба баланд намудани мутасили малкаи корӣ равона карда шуда, барои эҳтиёҷоти ҷорӣ ва дурнамои фаъолияти ҳар як воҳиди хоҷагидорӣ зарур арзёбӣ карда мешаванд[76].

Бояд қайд намуд, ки ҳадафҳои инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ дар сиёсати давлатӣ мавқеи хоса дошта, дар "Стратегияи миллии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030" ба инобат гирифта шуда, чунин омадааст "таъминоти васеъшавии маҳсулнокии шуғли аҳолӣ ва баланд намудани ҳосилнокии меҳнат" ҳамчун яке аз мақсадҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат баён кард шудааст[77].

Барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти таъминоти шуғли маҳсулнок ба фикри мо се ҳолатро ба инобат гирифтан зарур аст: якум, дар шароити густариши муносибатҳои бозорӣ ҳодисаи ба миён омадани бекорӣ ногузир буда бо қонуниятҳои бозорӣ тавсиф карда мешавад; дуюм, дастгирии захираҳои меҳнатии бо ҷои корӣ таъмин набуда аз тарафи давлат чораи ногузир буда, ҳамзамон қобилияти молиявии давлату ҳукумат барои ин амалҳо хеле маҳдуд мебошад; сеюм, муносибатҳои бозорӣ такомули мутасили инкишофи захираҳои меҳнатиро тақозо менамояд, то ки онҳо ба вазъияти рақобатии ба миён омада тобовар бошанд.

Вобаста ба фаъолияти мақомотҳои давлатӣ дар ҷодаи инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ дар шароити барзиёдии омили меҳнат, бо назардошти таъмини шуғли маҳсулнок, профессор Кабутов М.К. нақши калидии институтҳоро қайд мекунанд[78]. Дар ҳақиқат бо истифода аз усулҳои таҳлили институтсионалӣ, аҳамияти онҳоро дар таъмини бозори меҳнат бо захираҳои

---

[76] Водяхина С.А. Предпосылки реформирования системы подготовки и переподготовки населения // Профессиональное образование. Столица -№7, 2010-С.10

[77] Бабаджанов Р.М. Механизм формирования системы управления начальным профессионально-техническим образованием в РТ//Научный журнал государственного учреждения «научно-исследовательский институт труда, миграции и занятости населения». Рынок труда 2 (45), -Душанбе. -2020. -С.12.

[78] Кабутов М.К. Занятость населения трудоизбыточного региона в условиях становления рыночной экономики /М.К.Кабутов. – Душанбе, 1997. - 135 с.

меҳнати маҳсулнок муайян намудан мумкин аст. Инчунин, муносибати институтсионалиро дар амалигардонии сиёсати давлатии омода намудани касбии захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти таъминот бо шуғли маҳсулнок истифода бурдан мувофиқи мақсад мебошад.

Ба ақидаи Бобоҷонов Р.М. "мушкилоти дар самти омода намудани кадрҳои меҳнатӣ ҷой доштаро шартан ба якчанд гурӯҳҳои функсионалӣ ва ё категорияҳо ҷудо намудан мумкин аст: ба гурӯҳи якуми инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ нокифоягии аҳамияти давлатиро ба ҳалли масъалаҳои ташкилӣ; гурӯҳи дуюми мушкилот ин сохтори низомӣ; гурӯҳи сеюмро масъалаҳои ба такомули ҷараёни банақшагирии ҳаҷми омодакунии кадрӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти бозори меҳнат, идоракунӣ ва мутобиқсозии фаъолияти тарафҳои барои омодакунии босифати захираҳои меҳнатӣ манфиатдор."[79]

Қайд намудан ба маврид аст, ки хизматрасониҳои таълимӣ барои захираҳои меҳнатӣ дар марҳилаи аввал омодакунии касбиро фарогир буда, баъдан баландшавии тахассуснокиро вобаста ба касбҳои мухталиф дар назар дорад. Барои мутахассисон пешкаш намудани хизматҳои таълимӣ амалигардонии барномаҳои давлатиро дар шароити муосир бо назардошти шуғли маҳсулнок, ҷараёни азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисосро дар бар мегирад.

Баҳри инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ дар ҳар як мамлакат хизматрасониҳои таълимӣ бо мақсади тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо пешбинӣ карда мешавад. Дар ин радиф қайд намудан зарур аст, ки чунин хизматрасонӣ бо дарназардошти талаботи кордиҳанда, ба назар гирифтани манфиатҳои инфиродӣ ва қобилиятҳои худи захираҳои меҳнатӣ татбиқ карда мешавад. Хизматрасониҳои таълимӣ барои захираҳои меҳнатӣ аз омодакунии касбӣ оғоз гардида, то баланд намудани тахассуснокӣ давом мекунад. Барои

[79] Бабаджанов Р.М. Механизм формирования системы управления начальным профессионально-техническим образованием в РТ//Научный журнал НИИ труда миграции и занятости населения». Рынок труда 2 (45), -Душанбе. -2020. -С.17.

нафарони малакаи корӣ надошта, чунин хизматрасонӣ омодакунии ибтидоиро дар назар дошта, дар ҷараёни он омӯзиши касбият ба назар гирифта мешавад. Барои захираҳои меҳнатии малакаи корӣ дошта бошад, алалхусус мутахассисон, чунин хизматрасонӣ азнавтайёркунии кадриро фаро гирифта, метавонад барои баланд намудани тахассуси мавҷудбуда ва ё барои азхуд намудани касби иловагӣ равона карда шавад, ки дар бозори меҳнат нисбатан талаботи бештар дорад. Бо мақсади амалигардонии омодакунӣ ва баланд намудани тахассуснокии захираҳои меҳнатӣ марказоҳои омӯзишӣ, муассисаҳои таълимии касбии махсуси миёна, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият мебаранд, ки ҳадафи онҳо ин омода намудани мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир мебошад. Дар тӯли соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми гӯшаю канори кишвар марказҳои омӯзишии касбӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шуда, фаъолият мебаранд.

Дар ҷадвали 3.1 маълумоти омори расмӣ оид ба миқдори муассисаҳои миёнаи махсуси касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва марказҳои омодакунии кадрҳо оварда шуданд.

Аз маълумоти дар ҷадвал овардашуда мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар миқёси мамлакат шумораи муассисаҳои миёнаи касбӣ аз 43 адади соли 1991, ба 79 адад дар соли 2021 зиёд гардида, бо нишондиҳандаи нисбӣ 183,7% ташкил додааст. Дар ин муасссисаҳои касбӣ шумораи муҳассилин дар соли 2021 нисбат ба соли 1991 бо нишондоди нисбӣ 234,6% афзоиш ёфта дар маҷмӯъ ба 95,5 ҳазор нафар расидааст. Чунин вазъият дар тамоюли тағйирёбии шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат низ ба назар мерасад. Агар дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амал карда бошад, ин миқдор дар соли 2021 ба 41 адад расонида шуд, ки афзоиш 315,4% ташкил карда, шумораи муҳассилин бошад ба 345,6% дар ин давра зиёд гардида, дар соли 2021 ба 339,5 ҳазор навар расидааст. Чунин таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки дар мамлакат оид ба омода намудан ва инкишоф

додани малакаи касбии захираҳои меҳнатӣ мушкилоти мавҷуд набудани муассисаҳои таълимии сатҳи гуногун ба назар намерасад.

**Ҷадвали 3.1. - Шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва теъдоди донишҷӯёни бо таълим фарогирифташуда**

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Соли 2021 нисбат ба соли 1991 (бо%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (адад) | 43 | 44 | 53 | 56 | 51 | 66 | 67 | 67 | 70 | 74 | 78 | 79 | 183,7 |
| Шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (ҳазор нафар) | 40,7 | 26,8 | 25,3 | 31,8 | 37,9 | 68,9 | 76,7 | 82,4 | 86,5 | 90,4 | 97,7 | 95,5 | 234,6 |
| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (адад) | 13 | 24 | 30 | 36 | 33 | 38 | 39 | 39 | 39 | 40 | 41 | 41 | 315,4 |
| Шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (ҳазор нафар) | 69,3 | 74 | 77,7 | 132 | 151,7 | 176,5 | 186,9 | 195,7 | 209,8 | 229,6 | 245,9 | 239,5 | 345,6 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 51, 53.

Бояд қайд намуд, ки афзоиши шумораи муҳассилин дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ барои инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ такони мусбат медиҳад. Лекин аз тарафи дигар дар чунин ҳолат пастшавии малакаи кории захираҳои меҳнатӣ ва ё дар як сатҳ қарор гирифтани он аз имкон дур нест, ки ба гуфти Котетов А. “дар коҳишёбии талабот ба мутахассисони баландихтисос, инчунин пастшавии малакаи касбии онҳо ифода ёфта метавонад”.[80] Аз дигар тараф, омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ баҳри инкишофи малакаи касбии захираҳои меҳнатӣ дар омода намудани мутахассисони дар бозори меҳнати дохилӣ зарурбуда бо сохтори омода намудани мутахассисон баҳо дода

[80] Кочетов А. Профессиональное образование и рынок труда: проблемы взаимодействия – С.82

мешавад. Дар расми 3.1 дар асоси маълумоти расмии омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар соли 1991 ва соли 2021 оварда шудааст. Аз нишондиҳандаҳои расми 3.1 (а) мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар соли 1991 сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат бо чунин вазъ тавсиф дода мешуд: ҳиссаи муҳассилини аз рӯи ихтисосҳои саноат ва сохтмон таҳсил мекарда 10,5% ташкил дода, аз рӯи ихтисоси кишоварзӣ 9,1%, иқтисодиёт 1,2%, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 12,1%, маориф 64,6%, фарҳанг ва санъат 2,7%. Дар соли 2021 бошад сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо чунин иншондиҳандаҳои тавсиф карда мешуд (расми 3.1. б): ҳиссаи муҳассилини аз рӯи ихтисосҳои саноат ва сохтмон таҳсил мекарда 12,7%, аз рӯи ихтисоси кишоварзӣ 4,8%, иқтисодиёт 26,1%, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 9,9%, маориф 42,6%, фарҳанг ва санъат 2%, дигар ихтисосҳо 1,8%.

Вазъияти омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Тоҷикистон дар соли 1991 бо чунин маълумот тавсиф карда мешавад (расми 3.1. в): ҳиссаи муҳассилини аз рӯи ихтисосҳои саноат ва сохтмон таҳсил мекарда 27% ташкил дода, аз рӯи ихтисоси кишоварзӣ 10,3%, иқтисодиёт 12,8%, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 29,2%, маориф 17%, фарҳанг ва санъат 3,9%. Дар соли 2021 бошад сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо чунин иншондиҳандаҳои тавсиф карда мешавад (расми 3.1. г): ҳиссаи муҳассилини аз рӯи ихтисосҳои саноат ва сохтмон таҳсил мекарда 8,6%, аз рӯи ихтисоси кишоварзӣ 1,6%, иқтисодиёт 3,1%, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 63,3%, маориф 20,5%, фарҳанг ва санъат 2,2%, дигар ихтисосҳо 0,5%.




**а) Сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соли 1991.**




**б) Сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соли 2021.**




**в) Сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли 1991.**




**г) Сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли 2021.**

**Расми 3.1. Сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар соли 1991 ва соли 2021.**
Сарчашмаи ҳисоб: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 55.

Таҳлил ва омӯзиши маълумоти расми 3.1 имкон медиҳад, кайд намоем, ки дар сохтори омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии мамлакат дар тӯли си соли охир дигаргуниҳои назаррас ба миён омадаанд. Мисол, агар дар соли 1991 дар муассисаҳои олии касбии кишвар 10,5% муҳассилини риштаи саноат ва сохтмон ташкил диҳанд, дар соли 2021 ин нишондиҳанда ба 12,7% расонида шуд. Бояд қайд намуд, ки ба ин раванд аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани саноатикунонии борсуъати иқтисодиёти миллӣ соли 2018 таъсири худро расонид. Лекин дар шумораи умумии муҳассилин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таҳсилкунанда ин нишондод барои пешбурди соҳаҳои саноат қаноатманд намебошад. Агар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳиссаи муҳассилини аз рӯи ихтисосҳои саноат ва сохтмон таҳсилкунанда нисбат ба соли 1991 зиёд шуда бошад, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ин нишондод рӯ ба коҳишёбӣ ниҳодааст. Агар дар соли 1991 27% муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯи самти саноат ва сохтмон омода карда шаванд, дар соли 2021 ин нишондиҳанда ба 8,6% баробар шуд, ки коҳишёбиро дар сатҳи 18,4% нишон медиҳад.

Вазъияти мушкил дар самти омода намудани мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба назар мерасад, ки боиси ташвиш аст. Агар дар соли 1991 дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 9,1% муҳассилин аз рӯи самти кишварзӣ таълим гиранд, ин нишондод дар соли 2021 ба 4,8% баробар шуд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бошад ин нишондиҳанда дар соли 1991 ба 10,3 баробар бошад, дар соли 2021 ба 1,6% баробар шуд. Ин рақамҳои аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки вазъи омодакунии кардҳои ихтисосманд барои соҳаҳои саноат ва кишварзӣ, ки соҳаҳои муҳимтарини иқтисодиёти миллӣ ташкил менамоянд, қаноатмандкунанда намебошанд.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар тӯли 30-соли тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти олии

ва миёнаи касбӣ бештар барои омода намудани мутахассисон барои соҳаи мароиф, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, иқтисодиёт рӯ овардаанд. Махсусан, чунин вазъият дар соли 2021 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба назар мерасад. Боиси қайд аст, ки солҳои охир дар мамлакат таваҷҷӯҳи довталабот ба ихтисосҳои иқтисодӣ, ба монанди “молия ва қарз”, “кори бонкӣ”, “ҳуқуқшиносӣ”, “кори табобатӣ” ва як қатор ихтисосҳои педагогӣ афзоиш ёфта истода, дар самти тахассусҳои техникии бо илмҳои дақиқ алоқамандбуда коҳишёбӣ ба назар мерасад. Вазъияти ба миён омадаро ба инобат гирифта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040-ро Солҳои рушди фанҳои дақиқ, табиӣ ва риёзӣ эълон намуданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таълимӣ мавҷуданд, ки қобилияти омодакуни кадрҳоро барои соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва техникиро доранд. Мутаассифона дар айни ҳол вазъияти омодакунии кадрҳо аз рӯи чунин ихтисосҳо беҳбудиро тақозо менамояд. Вобаста ба ин қайд намудан ба маврид аст, ки дар “Стратегияи миллии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030” чунин омадааст: “дар ҷараёни гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ, бояд ислоҳоти ҷиддӣ дар омодакунии кадрҳои муосири ба талаботҳои бозори меҳнат ҷавобгӯ амалӣ карда шавад”[81].

Боиси ба таъкид аст, ки маҳз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ қобилият доранд дар муддати нисбатан кӯтоҳ барои инкишоф додан малакаи кории захираҳои меҳнатӣ мусоидат намоянд. Омода намудани мутахассисони соҳаҳои мухталиф дар сатҳи олӣ ин албатта хуб аст, лекни барои пешбурди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ мутахассисони соҳавӣ лозим ҳастанд, ки ба идоракунӣ ё роҳбарикунӣ не, барои пешбурди ҷараёни истеҳсолот зарурати аввалиндараҷа доранд. Дар ин

[81] Стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030. Душанбе. – 2016. - 23.

ҷо сухан оид ба мутахассисони зинаҳои поён ва миёнаи соҳаҳо меравад, ки дар ҳақиқат онҳо қобилият доранд арзиши изофаро ба вуҷуд оваранд.

Малум аст, ки фаъолияти истеҳсолии корхона маҷмӯи принсипҳо ва стандартҳои муайянро дар назар дорад, ки барои таъсиси сиёсати умумии истифодабарии захираҳо мусоидат намуда, ба баландшавии сифати маҳсулот ва ҳавасмандгардонии кормандон барои такомули ҷараёни меҳнат оварда мерасонад. Вобаста ба ин низоми истеҳсолии корхонаҳо ва соҳаҳо чунин унсурҳоро фарогир мебошад:

- инкишофи қобилияти кормандон ба воситаи таҳсилоти иловагӣ;
- рафтори бомаданият дар коллективи меҳнатӣ;
- ҷараёни идоракунии босамари истеҳсолот.

Ҳадафи асосии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо ва соҳаҳо ин муттаҳид намудани унсурҳои номбаршуда ба як низоми самаранок мебошад, ки дар доираи он ҳамзистии ҳайати кормандон ва технологияи истеҳсолӣ таъмин карда мешавад. Ҳадафи мазкур дар назар дорад, ки ҷараёнҳои муосири технологӣ, ки дар он захираҳои меҳнатӣ иштироки бевосита доранд, бояд барои такомули техникӣ ва ташкилӣ равона карда шаванд. Бинобар ҳамин унсури асосии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо ва соҳаҳо ин мавҷудияти малакаҳо ва донишҳои кормандон ба ҳисоб меравад, ки имконияти амалигардонии таҳсилоти доимиро фароҳам меоваранд. Фаъолияти самараноки истеҳсолии корхонаҳо ва соҳаҳо дар пояи модели техникӣ ташаккул меёбад, ки эҳтиёҷоти онҳоро барои захираҳои меҳнатии баландихтисос муқаррар менамояд. Мақсади асосии таҳсилоти касбӣ пеш аз ҳама таъмин намудани соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бо кормандони баландихтисос, омода намудани коргарони дар бозори меҳнат рақобатпазир мебошад, ки ба воситаи густариши касбии дониш ва малакаҳои корӣ таъмин карда мешаванд. Омӯхтани тахассус ва ё касби нав яке аз чораҳои ҳифзи иҷтимоӣ баромад мекунад, зеро дар ҳолати дигаргуншавии сохтори истеҳсолӣ метавонад гузариши кормандонро аз як намуди кор ба кори дигар таъмин намояд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо дар ҷадвали 3.2 маълумот оид ба

тайёрии касбии кадрҳо, баланд бардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ дар корхонаҳо ва ташкилотҳо оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.2. - Тайёрии касбии кадрҳо, баланд бардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ дар корхонаҳо ва ташкилотҳо (нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи кормандони аз тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаҳосилкунӣ гузаштаанд** | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 21888 | 29987 | 46507 | 53220 | 49750 | 35113 |
| аз он ҷумла: Коргарон | 4263 | 3552 | 8379 | 4701 | 3366 | 3575 |
| Хизматчиён | 17625 | 26435 | 38128 | 48519 | 46384 | 31494 |
| аз он ҷумла: Роҳбарон | 1946 | 1608 | 3011 | 2616 | 2811 | 3162 |
| Мутахассисон | 15679 | 26827 | 35117 | 45903 | 43573 | 28272 |
| **Шумораи кормандоне, ки аз тайёрии касбӣ ва бозтайёркунӣ** | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 6052 | 6054 | 8420 | 8113 | 7763 | 7308 |
| аз он ҷумла: Бори аввал | 774 | 542 | 924 | 532 | 761 | 622 |
| Бори дуввум (ихтисосҳои наздик) | 665 | 547 | 567 | 444 | 345 | 337 |
| Бозтайёр карда шудаанд | 1764 | 1513 | 2131 | 1984 | 1077 | 943 |
| Коргарон | 1756 | 1721 | 2002 | 1830 | 1928 | 1474 |
| Хизматчиён | 8592 | 8666 | 6418 | 6283 | 5835 | 5834 |
| аз он ҷумла: Роҳбарон | 698 | 680 | 1181 | 974 | 769 | 795 |
| Мутахассисон | 3598 | 5653 | 5237 | 5309 | 5066 | 5039 |
| **Шумораи кормандоне, ки аз такмили ихтисос гузаштаанд** | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 14540 | 23161 | 26585 | 30962 | 32518 | 17898 |
| аз он ҷумла: Коргарон | 2064 | 1505 | 1185 | 1596 | 887 | 1993 |
| Хизматчиён | 12476 | 21656 | 25400 | 29366 | 31631 | 15861 |
| аз он ҷумла: Роҳбарон | 1186 | 909 | 1234 | 1133 | 1606 | 1212 |
| Мутахассисон | 11290 | 20747 | 24166 | 28232 | 30025 | 14577 |
| **Шумораи кормандоне, ки таҷрибаҳосилкуниро гузаштанд** | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 1296 | 772 | 11502 | 14145 | 9469 | 9907 |
| аз он ҷумла: Коргарон | 443 | 326 | 5192 | 1275 | 551 | 108 |
| Хизматчиён | 853 | 446 | 6310 | 12870 | 8918 | 9799 |
| аз он ҷумла: Роҳбарон | 62 | 19 | 596 | 509 | 436 | 1155 |
| Мутахассисон | 791 | 427 | 5714 | 12361 | 8482 | 8644 |

Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 345с. С. 157-158.

Маълумоти ҷадвали 3.2 бо мақсади шиносоӣ бо вазъи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ оварда шудааст. Таҳлили маълумоти ҷадвали 3.2 собит менамояд, ки дар соли 2020 дар мамлакат дар

сохтори гузаштани кормандон аз тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаҳосилкунӣ ҳиссаи ҳайати мутахассисони хизматчиён нисбат ба дигар категорияҳои кормандон зиёд мебошад (расми 3.2).




Расми 3.2. Сохтори гузаштани кормандон аз тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаҳосилкунӣ дар соли 2020.

Таҳлили ҷадвали 3.2 ва расми 3.2 нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогирии захираҳои меҳнатӣ бо тайёрии касбии кадрҳо, баланд бардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ дар корхонаҳо ва ташкилотҳо асосан дар байни хизматчиён хуб ба роҳ монда шудааст. Аз шумораи умумии бо тайёрии касбии кадрҳо, баланд бардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ вазни қиёсии мутахассисон 80,5% ташкил дода, вазни қиёсии коргарон бошад 10% ташкил додааст. Чунин вазъифт дар такмили ихтисос гузаштани кормандон низ ба назар мерасад, ки дар ин самт вазни қиёсии мутахассисон ба 81,4% баробар шуда, вазни қиёсии коргарон 11,1%-ро

ташкил медиҳад. Вазъият дар таҷрибаҳосилкунии кормандон бошад, дар шароити имрӯза такомулро талаб менамояд, зеро дар ин самт ҳиссаи коргарон ҳамагӣ 1,1% ташкил дода, вазни қиёсии мутахассисон 87,3%-ро ташкил карда, ҳиссаи роҳбарият бошад ба 11,7% баробар шудааст. Вазъияти нисбатан беҳтар дар самти тайёркунии касбӣ ва бозтайёркунии кормандон ба назар мерасад, ки дар он ҳиссаи коргарон 20,2%-ро ташкил карда, ҳиссаи мутахассисон 69% ва роҳбарон 10,9% ташкил медиҳад.

Барои тасдиқи ин гуфтаҳои бо истифода аз усули таҳлили статикаи муқоисавӣ дар расмҳои 3.3 маълумот оид ба тайёрии касбии кадрҳо, баланд дардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт барои солҳои 2015 ва 2020 оварда мешавад.




Расми 3.3. Сохтори тайёрии касбии кадрҳо, баланд дардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт дар соли 2015. Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 345с. С. 159.

Аз рӯи таҳлили маълумоти нисбии дар диаграммаҳои дар ин расмҳои овардашуда дидан мумкин аст, ки соҳаи маориф дар тайёрии касбии кадрҳо, баланд бардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт дар сатҳи баланд қарор дорад. Аз ҳама вазъияти ташвишовар дар соҳаи сохтмон ба назар мерасад. Дар ин соҳа тайёрии касбии кадрҳо, баланд

бардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ дар соли 2020 танҳо 2 нафарро фаро гирифтааст, ки ниҳоят ташвишовар мебошад. Инчунин, оид ба соҳаҳои истеҳсолии асосии иқтисодиёти миллӣ, саноат ва кишоварӣ қайд намудан зарур аст, ки агар дар соҳаи саноат тайёрии касбии кадрҳо, баланд дардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ дар соли 2015, 3955 нафарро фаро гирифта бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2020 то 2215 нафар коҳиш ёфтааст[82]. Аз ҳамин сабаб вазни қиёсии соҳаи саноат дар тайёрии касбии кадрҳо, баланд дардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ дар соли 2020 то 6,3% паст шудааст. Дар соҳаи кишоварзӣ бошад, соли 2015 ягон нафар бо тайёрии касбии кадрҳо, баланд дардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ фаро гирифта нашуда, танҳо аз соли 2017 ба ин самт фаъолият оғоз гардидааст. Умуман вазни қиёсии ин соҳа дар ҳаҷми умумии тайёрии касбии кадрҳо, баланд дардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ дар соли 2020 ба 0,8% расидааст.

Таҳлилҳои гузаронидашуда имкон медиҳад, ки оид ба тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ дар кишвар чунин хулосабарорӣ намоем. Албатта, бозомӯзӣ ва таҷрибаҳосилкунии мутахассисон барои пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат зарур арзёбӣ карда мешавад, лекин маълум аст, ки арзиши изофа ҳамчун сарчашмаи пешрафти иқтисодӣ пеш аз ҳама аз тарафи коргарон офарида мешавад. Бинобар ҳамин, дар ҷодаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ зарур аст, ки ба фарогирии коргарон дар ин раванд аз тарафи ташкилоту корхонаҳо аҳамияти бештар зоҳир карда шавад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло дар ҷодаи омода намудани кадрҳои баландихтисос ба фикри мо ҳатман чунин пораҳоро амалӣ намудан зарур мебошад: якум, пешбинӣ намудани эҳтиёҷоти соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба кормандони дорои тахассуси баланд ва муқаррар намудани роҳҳои таҳсилоти онҳо дар муассисаҳои касбомӯзӣ; дуюм, дар минтақаҳои кишвар ташкил намудани курсҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамӯҳлат оид ба омӯзиши касбии

---

[82] Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 345с. С. 159.

захираҳои меҳнатӣ, пеш аз ҳамаи шахсони бо ҷойӣ корӣ фаро гирифта нашуда; сеюм, ташкил ва амалигардонии омодакунии касбии хоҷагиҳои хонавода аз рӯи ихтисосҳое, ки барои шуғли мустақилона зарур мебошанд; чорум, дастгирии ҳаматарафи захираҳои меҳнатии бо шуғл машғулнабуда, мутобиқсозии онҳо ба вазъияти ба миён омада ва баланд намудани ҳавасмандгардонӣ ба меҳнат.

Омодакунии касбии захираҳои меҳнатӣ эҳтимолияти бо ҷои корӣ таъмин намудани шахсони бо кор таъмин набударо баланд намудан, ҳамзамон метавонад малакаи кории онҳоро баланд намуда, барои меҳнати маҳсулнок ҳавасманд намояд. Инчунин, дар радифи омодакунии касбии захираҳои меҳнатӣ малкаҳои фаъолият дар шароитҳои тағйирёбанда, қабул намудани қарорҳои мустақилона, бартараф намудани монеъаҳои ба миён омада дар байни аҳолӣ пойдор карда мешавад.

Таҳсилоти касбӣ (ҳам миёна ва ҳам олӣ) ва таъиноти он бояд ба захираҳои меҳнатии муайян равона карда шуда, барои истифодаи самараноки иқтидори меҳнатӣ мусоидат намояд. Ин масъала ба воситаи сохторҳои дахлдори давлатӣ бо дарназардошти сатҳи омодагии касбӣ, хусусиятҳои психологӣ, самтҳои истеҳсолӣ амалӣ карда шуда, вазъияти талабот ва пешниҳоди меҳнатро дар бозори меҳнат, баҳодиҳии сифатии захираҳои меҳнатии бо кор машғулнабуда, .интихоби гурӯҳҳои афзалиятнок барои таҳсилот ва бо ҷои корӣ таъмин намудан, коркарди барномаҳои минтақавии амалигардонии онҳо ва ғайраҳоро бояд фаро гирад. Татбиқи чунин чораҳо наметавонад ҳама мушкилотҳои бо шуғл фарогирии захираҳои меҳнатиро ҳал намояд. Дар ин ҷода имкониятҳои марказҳои шуғли аҳолии шаҳру ноҳияҳо барои мусоидат намудан ба шуғли муносиби захираҳои меҳнатӣ ба инобат гирифта шуда, тамоми кӯшишҳо барои омода намудани захираҳои меҳнатӣ барои фаъолияти мустақилона дар истеҳсолоти гуногун равона кардан лозим аст.

Барои ба эътидол овардани вазъияти ба миён омада дар самти инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ фаъолияти муассисаҳои таълимии миёна ва олӣ

доир ба ҷалби муҳассилин аҳамияти хоса дорад. Дар ин радиф амалигардонии сиёсати давлатӣ оид ба инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ, махсусан ҷалби аҳолии бо шуғл машғулнабуда вобастагии калон дорад.

Бинобар гуфтаҳои боло самтҳои афзалиятноки инкишофи касбии захираҳои меҳнатиро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

- таъминоти сифати баланди хизматрасониҳои таҳсилоти аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ;
- фаро гирифтани аҳолии бо шуғл машғулнабуда барои омӯзиши касбҳои мухталиф дар доираи омодакунӣ ва аз навтайёркунии кадрҳо дар муассисаҳои таълимӣ дар муддатҳои кӯтоҳтарин;
- ҳангоми омодакуни мутахассисон ба инобат гирифтани талаботи бозори меҳнат ва хусусиятҳои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ;
- омодакунии мутахассисони сатҳи гуногун (маълумоти миёнаи махсус ва маълумоти олӣ) бо дарназардошти супоришҳои кордиҳандагон ва дар ин самт ҳамгироии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо истеҳсолкунандагон.

Самтҳои номбурдаро мумкин аст, дар ҷодаи сиёсати давлатии омодакунии мутахассисон аз ҳисоби аҳолии бо шуғл машғулнабуда истифода бурд. Зеро таҳлилҳои гузаронидашуда собит менамоянд, ки чандирнокии ҳаҷми барориш дар соҳаҳои саноат ва кишоварзии кишвар дар сатҳи баланд қарор дошта (дар саноати коэффитсиенти чандирнокии бароириш аз рӯи омили меҳнат ба 9,4, дар соҳаи кишоварзӣ ба 7,1 ва дар иқтисодиёти миллӣ ба 7,5 баробар аст)[83], имконияти васеъшавии ҳаҷми истеҳсолоти ҷамъиятӣ аз ҳисоби

[83] Ҷадвали 2.12.

ҷалби захираҳои меҳнатии иловагӣ вуҷуд дорад. Вале дар ин ҷода ҷалби аҳолии бо шуғл машғулнабуда омодакунии касбии онҳоро тақозо менамояд.

Бинобар ҳамин, фишанги асосии таъмини инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ метавонад барои афзоишёбии истеҳсолоти ҷамъиятӣ мусоидат намуда, ҳамзамон барои баланд намудани самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ҳамчун заминаи устувор баромад кунад.

## 3.2. Самтҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии захираҳои меҳнатӣ

Дар шароити муосир кӯшиши ҳама субъектони хоҷагидорӣ барои истифодабарии оқилонаи захираҳои инсонӣ, пеш аз ҳама захираҳои меҳнатӣ нигаронида шудааст. Дар ин ҷода ба маҳсулнокии меҳнат ва баланд намудани он диққати зиёд зоҳир карда мешавад. Зеро маҳз ба шарофати баланд намудани маҳсулнокии меҳнат инкишофи бомуваффақияти корхонаҳо ва баланд намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ таъмин карда мешавад.

Пӯшида нест, ки аз тарафи ҳама субъектони хоҷагидорӣ нақши калидии ҳосилнокии меҳнат эътироф гардидааст, ки ба тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат таъсир расонида, ба шарофати он истифодабарии оқилонаи захираҳои маҳдуд таъмин карда мешавад. Аз дигар тараф, баланд шудани ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои мухталиф азнавкунии таҷҳизоти хӯрдашуда ва васеъшавии имкониятҳои истеҳсолиро тақозо менамояд.

Табиатан маҳсулнокии меҳнат ҳамчун нишондоди зарурии иқтисодӣ баромад мекунад, ки натиҷагирии фаъолияти захираҳои меҳнатиро дар истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва маънавӣ ифода менамояд.

Маҳсулнокии меҳнат аз бисёр омилҳо вобастагӣ дорад, ки самтҳои гуногуни фаъолият ва дараҷаи таъсири онҳоро ба ин нишондиҳанда инъикос менамоянд. Бинобар ҳамин, ҳангоми таҳқиқи самтҳои баланд намудани маҳсулнокии меҳнат, омӯзиши омилҳои ба тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъсиррасонанда зарур арзёбӣ карда мешаванд. Зеро амал намудани ин омилҳо ҳамавақт дар шароитҳои муайян ба миён меоянд, ки бо вазъияти гуногуни

табиӣ, моддӣ-техникӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ алоқаманд буда, ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба воситаи маҳсулнокии меҳнат таъсир мерасонанд. Дар назария ва таҷрибаи хоҷагидорӣ таснифоти гуногуни омилҳои ба баландшавии маҳсулнокии меҳнат таъсиррасонанда мавҷуданд. Ин омилҳо пеш аз ҳама низомҳоро ифода мекунанд, ки дорои хусусияти баҳамтаъсиррасонӣ, инчунин баҳамвобастагии як омилҳо аз дигар омилҳоро ифода менамоянд.

Банақшагирии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат истифодабарии тарзҳои гуногуни тағйирёбии маҳсулнокии меҳнатро дар назар дорад. Дар ин радиф низомбандии омилҳо барои таҳлили кори иҷрошуда, яъне баландшавии маҳсулнокии меҳнат зарур мебошанд. Қайд намудан зарур аст, ки таъсири омилҳои гуногун якҷинса намебошад: мисол, баъзе омилҳои самараи назаррас ва дарозмуддатро таъмин намуда, гурӯҳи дигар омилҳо бошад, таъсиррасонии кӯтоҳмуддат мерасонад. Ба ғайр аз ин омилҳои гуногун хароҷоти ҳархела ва кӯшишҳоро барои татбиқи амалии онҳо талаб намуда, мувофиқан барои ҳар як соҳа ва корхонаи алоҳида муқаррар намудани афзалиятҳо дар интихоби омилҳои афзоиши маҳсулнокии меҳнат бо дарназардошти фоиданокии ҳадди аксари онҳо зарур мебошад.

Бояд зикр намуд, ки  фаъолияти дастаҷамъонаи коллективҳои меҳнатӣ бояд баҳри баладбардории ҳосилнокии меҳант равона карда шавад. Ин гуна иқдом тавассути менеҷменти  оқилона ва  судмандии фаъолияти меҳнатӣ зоҳир мегардад. Ҳангоми таҳқиқи ин масоил ва ҳалли муваффақонаи он муайяннамудани самтҳои асосии баланд брдоштани ҳосилнокии меҳнат зарурияти воқеӣ дорад. Бо дарназардошти он, дар расми 3.4. самтҳои асосии баландбардоштани ҳосилнокии меҳнатро аз нигоҳи таҳқиқи назариявию амалӣ нишон дода шудааст.




**Расми 3.4. Самтҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат(таҳияи муаллиф)**

Омилҳои афзоиши маҳсулнокии меҳнатро таҳлил карда, ҳар як корхона мустақилона самтҳои баланд намудани ин нишондодро интихоб менамояд, лекин барои чунин амал таснифоти имконпазири омилҳо барои интихоби оптималӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта шуданаш лозим аст[84].

Вобаста аз таҷрибаи хоҷагидорӣ мумкин аст чор гурӯҳи омилҳои муайянкунандаи маҳсулнокии меҳнат ҷудо карда шаванд: илмӣ-техникӣ (инноватсионӣ), ташкилӣ, сохторӣ ва иҷтимоӣ. Инчунин, дар ин радиф барои баланд намудани маҳсулнокии меҳнат истифодабарии вақтӣ корӣ низ

[84] Ефремова А. А., Солонинчик К. Факторы и пути повышения производительности труда // Инновационная наука. 2015. Т. 1. № 6 (6). С. 76–80.

аҳамияти калон дорад. Кӯшиш мекунем, ҳар яки ин омилҳоро дар алоҳидагӣ дида баромада, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии онҳоро муқаррар намоем.

Омилҳои илмӣ-техникии (инноватсионии) баланд намудани маҳсулнокии меҳнат пеш аз ҳама бо сатҳи таъминоти техникии истеҳсолот, истифодабарии техника ва технологияи пешрафта вобастагӣ доранд. Дар шароити муосир пешрафти илму техника сарчашмаи инкишофи ҳаматарафаи маҳсулнокии меҳнат баромад мекунад. Бинобар ҳамин зарурати равона намудани сармоягузорӣ барои азнавтаҷҳизонидан ва таъмини истеҳсолот бо технологиязои пешрафта зарур ва сариваҷтӣ арзёбӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, дар ҷадвали 3.3 сохтори сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи соли 1991 то 2021 бо ифодаёбии фоиз оварда шудааст, ки вазъи аслии сармоягузориро барои азнавтаҷҳизонидан ва лавозимоти истеҳсолиро ифода мекунад.

**Ҷадвали 3.3 - Сохтори сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ифодаи фоиз нисбат ба натиҷа)**

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Корҳои сохтмону васлгарӣ | 63,6 | 67,9 | 64,0 | 74,7 | 88,4 | 85,4 | 73,4 | 76,0 | 79,2 | 85,2 | 84,0 | 85,1 |
| Таҷҳизот ва асбобу анҷом | 22,7 | 0,0 | 19,8 | 14,5 | 6,7 | 8,1 | 12,4 | 20,7 | 15,9 | 11,7 | 9,7 | 7,9 |
| Дигар корҳои асосӣ ва хароҷот | 18,2 | 32,1 | 16,2 | 10,9 | 4,9 | 6,5 | 14,2 | 3,2 | 4,9 | 3,1 | 6,1 | 7,0 |

Сарчашмаи ҳисоб: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 294.

Маълумоти ҷадвали 3.3 нишон медиҳад, ки аз соли 1991 то соли 2021 қисми зиёди сармоягузорӣ барои корҳои сохтмону васлгарӣ равона карда мешавад. Ин нишондиҳанда дар соли 1991 агар ба 63,6% баробар бошад, дар соли 2021 бошад ба 85,1% баробар шудааст, яъне нисбат ба соли 1991 ба 21,5 нишондоди фоизи баланд шудааст. Ҳиссаи сармоягузорӣ барои таҷҳизот ва асбобу анҷом бошад дар соли 1991, 22,7% ташкил карда, дар соли 2021 ба 7,9% баробар шудааст. Яъне дар соли 2021 ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991 ба 14,8 нишондоди фоизи коҳиш ёфтааст. Чунин вазъият дар дигар корҳои асосӣ ва хароҷот ба назар мерасад, ки дар соли 1991 ба 18,2% баробар шуда,

дар соли 2021 ба 7% расидааст, ки коҳишёбии ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991 бо 11,2 нишондоди фоизиро ифода мекунад.

Бо мақсади пурратар намудани таҳлили эмпирикӣ дар ҷадвали 3.4 сохтори такрористеҳсоли сармоягузориҳо ба объектҳои таъиноти истеҳсолӣ бо ифодаёбии фоиз оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.4 - Сохтори такрористеҳсоли сармоягузориҳо ба объектҳои таъиноти истеҳсолӣ (бо ифодаи фоиз нисбат ба натиҷа)**

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аз нав таҷҳизонии техникӣ ва аз навсозии корхонаҳои амалкунанда | 30,0 | 28,6 | 15,1 | 7,2 | 24,2 | 29,9 | 24,5 | 24,8 | 6,3 | 10,5 | 14,9 | 22,9 |
| Васеъ намудани корхонаҳои амалкунанда | 6,0 | 0,0 | 1,1 | 0,1 | 0,6 | 1,2 | 1,3 | 1,3 | 0,1 | 1,0 | 3,3 | 1,7 |
| Сохтмони нав | 50,0 | 34,3 | 67,5 | 75,8 | 38,8 | 64,8 | 63,8 | 63,6 | 81,5 | 77,8 | 74,8 | 68,6 |
| Объектҳои ҷудогонаи корхонаҳои амалкунанда | 10,0 | 37,1 | 15,2 | 16,2 | 3,3 | 4,1 | 10,3 | 10,4 | 12,1 | 10,7 | 6,9 | 6,8 |

Сарчашмаи ҳисоб: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 295.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 3.4 нишон медиҳад, ки сохтори такрористеҳсоли сармоягузориҳо ба объектҳои таъиноти истеҳсолӣ аз соли 1991 то соли 2021 тағйиротҳои назаррасро аз сар гузаронидааст. Агар дар соли 1991 барои аз нав таҷҳизонии техникӣ ва аз навсозии корхонаҳои амалкунанда 30% сармоягузорӣ равона шуда бошанд, ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 22,9% баробар шуд, яъне ба 7,1 нишондоди фоизӣ нисбат ба соли 1991 коҳиш ёфтааст. Чунин вазъият дар равонасозии сармоягузорӣ барои васеъ намудани корхонаҳои амалкунанда низ ба назар мерасад, ки агар дар соли 1991 барои ин чорабнӣ 6% сармоягузориҳо равона карда шуда бошанд, дар соли 2021 он ба 1,7% баробар гардида, коҳишёбӣ нисбат ба соли 1991, 4,3 нишондоди фоизиро нишон медиҳад. Сармоягузориҳо барои сохтмони нав бошад дар давраи солҳои 1991-2021 афзоиш ёфта аз 50% соли 1991 ба 68,6% дар соли 2021 баробар шуд, ки афзоишёбӣ ба 18,6 нишондоди фоизӣ нисбат ба соли 1991

баробар аст. Сармоягузорӣ ба объектҳои ҷудогонаи корхонаҳои амалкунанда бошад дар давраи таҳлилӣ аз 10% соли 1991 то 6,8% дар соли 2021 коҳишёбиро нишон медиҳад, ки 3,2 нишонди фоизии камшавиро дар соли 2021 нисбат ба соли 1991 нишон медиҳад.

Таҳлилҳои гузаронидашуда собит менамоянд, ки дар тӯли солҳои 1991-2021 дар мамлакат сармоягузорӣ барои таҷҳизот ва асбобу анҷом, инчунин барои аз нав таҷҳизонии техникӣ ва аз навсозии корхонаҳои амалкунанда дар сатҳи кофӣ қарор надоранд. Чунин вазъият албатта ба самти афзоиши маҳсулнокии меҳнат таъсири худро мерасонад. Зеро аз нав таҷҳизонидани корхонаҳои амалкунанда, аз навсозии онҳо, ворид намудани таҷҳизоти истеҳсолии нав бо дарназардошти технологияҳои пешқадам омили зарурии баланд намудани маҳсулнокии меҳнат ба ҳисоб мераванд.

Дар ин бобат Абдуллаев К.Х. дуруст қайд менамояд, ки "омили зарурии илму техника сифати маҳсулоти истеҳсолмешуда баромад мекунад. Зеро ба воситаи ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта, арзиши аслии маҳсулот паст гардида, сифати он баланд мегардад. Инчунин ба афзалиятҳои омили илмӣ-техникӣ сарфаи меҳнат, масолеҳ ва ашёи хом дохил карда мешаванд"[85].

Гӯрӯҳи дуюми омилҳои ба маҳсулнокии меҳнат таъсиррасонанда ин омилҳои ташкилӣ ба ҳисоб мераванд, ки бо худ маҷмӯи чорабиниҳоро оид ба ташкили идоракунии ҳайати кормандонро дар назар дошта, аз онҳо баландшавии маҳсулнокии меҳнат вобастагии қавӣ дорад. Чораҳои бо ташкили идоракунии ҳайати кормандон барои дарёфти ҷойгиршавии мувофиқи ташкилот, ба роҳ мондани алоқаҳои хоҷагидорӣ бо дигар корхонаҳои соҳавӣ, интихоби фаъолияти босамар, инчунин муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳо, сохтор ва тартиби идоракуниро дар назар дорад. Мутахассисони соҳа, Ефремова А.А, ва Солонинчик К. дар ин бобат чунин қайд мекунанд "бешубҳа ба ташкили фаъолияти истеҳсолӣ, инчунин омилҳои гуногуни беруна, ба монанди вазъияти сиёсӣ, шароити иқлим, тараққиёти

[85] Абдуллаев К. Х. Производительность труда как фактор повышения эффективности производства на предприятии // Российское предпринимательство. 2011. № 12. Выпуск. 1 (197). С. 176–180.

иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, мавҷудияти боигарии табиӣ ва ғайраҳо таъсир мерасонанд”.[86]

Гурӯҳи сеюм ин омилҳои сохторӣ мебошанд, ки дигаргуниҳоро дар ҷараёни истеҳсолӣ дар назар дорад. Ба ин гурӯҳ омилҳо тағйирёбии номгӯи маҳсулот, дигаргуншавии ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот, ҳиссаи истеҳсоли намуди алоҳидаи маҳсулот дар ҳаҷми умумии истеҳсолот ва тағйирёбии талабот ба маҳсулот дохил карда мешаванд.

Дар радиф дигаргуниҳои сохториро дар иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои он мавриди таҳлил ба баҳодиҳӣ қарор додан зарур арзёбӣ карда мешавад. Аз рӯи маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 3.5 дигаргуниҳои сохторӣ дар истеҳсоли ММД ва сохтори корхонаҳои аз рӯи моликият барои солҳои 1991 ва 2021 оварда шудаанд.

Аз рӯи маълумоти дар расми 3.5 овардашуда, бо истифода аз усусли статикаи муқоисавӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки агар дар соли 1991 дар сохтори истеҳсолии ММД 73,1%-ро истеҳсоли молҳо, 25,4% хизматрасониҳо ва 1,5% -ро андозҳои холис аз маҳсулот ташкил карда бошанд, ин нишондиҳандаҳо дар соли 2021 мувофиқан ба 50,4% истеҳсоли молҳо, 39,8% хизматрасониҳо ва 9,8% андозҳои холис аз маҳсулот ташкил кардааст.

---

[86] Ефремова А. А., Солонинчик К. Факторы и пути повышения производительности труда //Инновационная наука. 2015. Т. 1. № 6 (6). С. 76–80.




**а) Сохтори истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 1991. (бо ифода фоиз)**




**б) Сохтори истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2021. (бо ифода фоиз)**




**в) Сохтори корхонаҳо аз рӯи шаклҳои моликият дар соли 1991 (бо ифодаёбии фоиз)**




**г) Сохтори корхонаҳо аз рӯи шаклҳои моликият дар соли 2021 (бо ифодаёбии фоиз)**

**Расми 3.5. Сохтори истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва сохтори корхонаҳо аз рӯи шаклҳои моликият дар солҳои 1991 ва 2021.** Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 216, 224.

Чунин тағйироти сохторӣ дар ҳаҷми ММД дар натиҷаи дигаргуниҳои бозорӣ, пеш аз ҳама тағйирёбии сохтори корхонаҳо аз рӯи моликият ба миён омадааст. Аз расми 3.5 дидан мумкин аст, ки агар дар соли 1991 дар сохтори корхонаҳо 47,8% корхонаҳои давлатӣ ташкил карда бошанд, ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 21% ташкил додааст. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки ҳиссаи корхонаҳои хусусӣ дар шумораи умумии корхонаҳо, дар давраи таҳлилӣ аз 50,3% дар соли 1991, ба 76,6% дар соли 2021 зиёд гардидааст. Корхонаҳои б шаклҳои дигари моликият бошад дар ин давра аз 1,9% дар соли 1991, то 2,4% дар соли 2021 зиёд гардидааст.

Дигаруниҳои сохторӣ дар истеҳсоли ММД ва сохтори корхонаҳо аз рӯи моликият бешубҳа ба маҳсулнокии меҳнат таъсири худро расонид. Дар натиҷа ММД ба ҳар сари захираҳои меҳнатии бо шуғл машғулбуда дар соли 2021 нисбат ба соли 1991 то 125,5% афзоиш ёфт (маълумоти ҷадвали 2.7).

Қайд намудан зарур аст, ки истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои ба моликияти хусусӣ асосёфта нисбатан бо самаранокии баланд тавсиф карда мешавад, зеро соҳибони корхона кӯшиш менамоянд, ки аз ҳар як воҳиди захираи меҳнатӣ самараи ҳадди аксарро ба даст оранд. Яъне ба ҳар як воҳиди хароҷот барои ҷалби захираи меҳнатӣ истеҳсоли шумораи ҳадди аксари маҳсулотро таъмин намоянд.

Чорум гурӯҳи омилҳо ин омилҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки ба онҳо пеш аз ҳама такомули ташкили ҷараёни меҳнат бавоситаи ҷорӣ намудани коркардҳои нави ҷаҳонӣ ва истифодабарии таҷрибаи ҷаҳонӣ дохил мешаванд.

Ба шумораи усулҳои ташкили ҷараёни меҳнат, ки дар зери назари доимии ҷамъият қарор дорад унсурҳои зерин дохил мешаванд:

- васеъшавии ӯҳдадориҳои касбӣ, ваколатҳо ва имкониятҳои коргарон дар қабули қарори идоракунӣ;
- иваз намудани ҷои корӣ ва вазифаҳо дар давоми рӯз ва ё ҳафтаи корӣ;
- васеъшавии ҳаҷми амалиётҳои иҷрокарда ва иҷроиши вазифаҳои нисбатан мураккаб;

- ташкили озодонаи реҷаи корӣ бо дарназардошти тағйирёбии рӯзи корӣ;
- ҷойивазкунии касбии давра ба давра ва ҳамгироии касбҳои якҷинса.

Ба ғайр аз ин унсурҳо, усулҳои рӯйпӯшкунанда истифода мешаванд, ки ташкили ҷараёни меҳнатро тағйир медиҳанд, лекин самараи манфии меҳнати якхеларо коҳиш намедиҳанд.

Боз як омили муҳими ба маҳсулнокии меҳнат таъсиррасонандаро номбар кардан зарур аст, ки он сатҳи музди меҳнати кормандон мебошад. Дар ин ҷода муқаррар намудани андозаи ҳадди ақали музди меҳнат басо муҳим арзёбӣ карда мешавад. Зеро муқаррар намудани андозаи ҳадди ақали музди меҳнат ҳамчун нишондоди асосӣ барои кордиҳандагон барои ҷалби кормандон ба ҳисоб рафта, дар асоси он сатҳи музди меҳнати кормандон дар соҳаҳо муайян карда мешаванд. Дар ҷадвали 3.5 маълумот оид ба музди меҳнати миёнаи ҳармоҳа ва андозаи ҳадди ақали музди меҳнат дар як моҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.5. - Музди меҳнати миёнаи ҳармоҳа ва андозаи ҳадди ақали музди меҳнат дар як моҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи кормандон (сомонӣ) | 878,91 | 962,16 | 1144,19 | 1233,89 | 1335,52 | 1393,78 | 1540,84 |
| Ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи кормандон (доллари ИМА) | 142,6 | 122,6 | 133,8 | 134,8 | 140,1 | 135,0 | 136,3 |
| Андозаи ҳадди ақали музди меҳнат ба ҳисоби миёна дар як моҳ (сомонӣ) | 250 | 400 | 400 | 400 | 400 | 400 | 400 |
| Андозаи ҳадди ақали музди меҳнат ба ҳисоби миёна дар як моҳ (доллари ИМА) | 40,6 | 51,0 | 46,8 | 43,7 | 42,0 | 38,8 | 35,4 |

Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 345с. С. 14.

Аз рӯи маълумоти ҷадвали 3.5 мушоҳида карда мешавад, ки аз соли 2015 то соли 2021 афзоишёбии мутасили музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи кормандон бо ифодаёбии пули миллӣ – сомонӣ ба назар расида, андозаи он аз 878,9 сомонӣ дар соли 2015 ба 1540,84 сомонӣ дар соли 2021 расидааст. Вале бо ифодаёбии доллари ИМА, ин нишондиҳанда дар давоми солҳои 2015-2021 коҳишёбиро нишон медиҳад. Агар дар соли 2015 андозаи музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи кормандон ба 142,6 доллари ИМА баробар шуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 136,3 доллари ИМА баробар шудааст. Муқоиса намудани андозаи музди меҳнати миёна дар иқтисодиёти кишвар бо доллари ИМА ба он асос меёбад, ки зиёда аз 75% молҳои истеъмолӣ ба воситаи воридот ба мамлакат аз кишварҳои хориҷӣ ворид карда мешаванд[87]. Музди меҳнат ҳамчун фишанги ҳавасмандгардонии кормандон барои баланд намудани маҳсулнокӣ аҳамияти калон дорад, зеро ҳар як корманд кӯшиш менамояд, ки ба меҳнати сарфкарди худ даромади сазоворро ба даст оварад. Дар ин самт андозаи ҳадди ақали музди меҳнат нақши ҳалкунанда дошта, кордиҳандагонро ба он равона менамоянд, ки баҳри нигоҳдории ҳайати кормандон музди меҳнати моҳонаи онҳоро марҳила ба марҳила баланд намояд. Дар натиҷаи чунин татбирҳо захираҳои меҳнатии ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалбшуда кӯшиш менамоянд, ки барои аз даст надодани даромад маҳсулнокии меҳнати худро баланд бардоранд.

Бо мақсади таҳқиқи сатҳи музди меҳнати миёна дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ, таҳлили музди меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони кироя аз рӯи намудҳои гунгуни фаъолияти хоҷагидорӣ зарур арзёбӣ карда мешавад. Бо ин мақсад дар ҷадвали 3.6 маълумот оид ба музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи пардохтшуда аз рӯи намудҳои алоҳидаи фаълияти иқтисодӣ барои солҳои 2019, 2020 ва 2021 оварда шудаанд.

[87] Алиджанов Д.А. Импортозамещающий экономический рост в современных условиях Республики Таджикиситан (монография). Худжанд, “Нури маърифат, 2021. 368с. С. 4.

**Ҷадвали 3.6. - Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номанилии пардохтшудаи кормандони кироякорҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ**

| Намудҳои фаъолияти иқтисодӣ | 2019 | 2020 | 2021 | соли 2021 нисбат ба соли 2019 | соли 2021 нисбат ба соли 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи намулҳои фаъолияти иқтисодӣ | 1335,52 | 1393,78 | 1540,84 | 115,4% | 110,6% |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 544,37 | 572,79 | 633,91 | 116,4% | 110,7% |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди онҳо | 2597,48 | 2546,63 | 2840,75 | 109,4% | 111,5% |
| Саноати коркард | 1580,28 | 1698,28 | 1995,53 | 126,3% | 117,5% |
| Таъмини қувваи барқ, газ ва буғ | 2034,1 | 2299,88 | 2770,52 | 136,2% | 120,5% |
| Сохтмон | 2435,08 | 2403,84 | 2452,67 | 100,7% | 102,0% |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мотосиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои шахсӣ | 1235,43 | 1246,57 | 1339,88 | 108,5% | 107,5% |
| Нақлиёт ва хоҷагии анбор | 1960,95 | 1557,65 | 1922,47 | 98,0% | 123,4% |
| Маълумот ва коммуникатсияҳо | 2584,12 | 2706,94 | 3175,51 | 122,9% | 117,3% |
| Миёнаравии молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ | 3333,05 | 3580,17 | 4296,47 | 128,9% | 120,0% |
| Маориф | 1058,55 | 1117,6 | 1247,46 | 117,8% | 111,6% |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 900 | 977,22 | 1023,12 | 113,7% | 104,7% |

Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 345с. С. 186-187.

Аз рӯи маълумоти дар ҷадвали 3.6 овардашуда мушоҳида карда мешавад, ки музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи пардохтшуда дар фаъолияти миёнаравии молиявӣ ва фаъолияти суғуртавӣ дар сатҳи баланд нисбат ба дигар намуди фаъолият қарор дорад. Сатҳи пастарини музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи пардохтшуда бошад дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ ба назар мерасад. Маълумоти ҷадвали 3.6 аз тарафи мо бо он мақсад оварда шудааст, ки сатҳи музди меҳанати миёнаи пардохтшуда дар соҳаи асоситарини иқтисодиёт, пеш аз ҳама дар соҳаи саноат ва кишварзиро бо нишондоди маҳсулоти интиҳоии меҳнат дар ин соҳаҳо муқоиса намоем.

Мантиқи чунин муносибат дар он асос меёбад, ки дар шароити муосири истеҳсолот ҷустуҷӯи доимии роҳҳои баланд намудани маҳсулнокии меҳнат ба назар мерасад. Вазъияти барои баланд намудани маҳсулнокии меҳнат

мусоидат мекарда дар шароити пурра ҷалб нашуда захираҳои меҳнатӣ, ҳамчун захираҳои баланд намудани маҳсулнокии меҳнат баромад мекунанд. Ҳар як воҳиди иловагии ҷалби захираҳо, ки маҳсулнокии меҳнатро баланд менамояд, бо афзоиши ҳаҷми умумии хароҷоти истеҳсолӣ алоқамандӣ дорад. Бинобар ҳамин вазъияте ба миён меояд, ки мутобқи он паст намудани хароҷоти меҳнат метавонад ба афзоиши хароҷоти умумӣ сабаб шавад. Дар ин ҷода барои тавсиф ва баҳодиҳӣ маҳсулоти интиҳоии меҳнат васеъ истифода мешавад. Бинобар ҳамин, дар ҷадвали 3.7 нишондиҳандаҳои муқоисавии маҳсулоти интиҳоии меҳнат ва музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии пардохтшуда овардашудаанд. Қайд намудан зарур аст, ки маълумот барои саноат ба таври муайян намудани музди миёнаи меҳнати моҳонаи пардохтшуда дар саноати истихроҷ ва саноати коркард бо нишондоди миёна оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.7. - Муқоисаи маҳсулоти интиҳоии меҳнат ва музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшуда**

| Соҳаҳои иқтисодиёт | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|
| **Маҳсулоти интиҳоии меҳнат** | | | |
| Иқтисодиёти миллӣ | 10562 | 5766,9 | 20263,1 |
| Саноат (саноати истихроҷ ва коркард ба ҳисоби миёна) | 299116,7 | 2284500 | 411891,7 |
| Кишоварзи шикор ва ҷангалпарварӣ | 3729 | 15275,5 | 12852,3 |
| **Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи пардохтшуда** | | | |
| Иқтисодиёти миллӣ | 1335,52 | 1393,78 | 1540,84 |
| Саноат (саноати истихроҷ ва коркард ба ҳисоби миёна) | 2088,9 | 2122,5 | 2418,1 |
| Кишоварзӣ шикор ва ҷангалпарварӣ | 544,37 | 572,79 | 633,91 |
| **Нисбияти маҳсулоти интиҳоии меҳнат ба музди миёнаи меҳнати пардохтшуда** | | | |
| Иқтисодиёти миллӣ | 7,9 | 4,1 | 13,1 |
| Саноат (саноати истихроҷ ва коркард ба ҳисоби миёна) | 143,2 | 1076,3 | 170,3 |
| Кишоварзӣ шикор ва ҷангалпарварӣ | 6,8 | 26,7 | 20,3 |

Ҳисоби муаллиф аз рӯи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 12; 86. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 345с. С. 186-187.

Аз таҳлили ҷалвали 3.7 мушоҳида карда мешавад, ки нисбияти маҳсулоти интиҳоии меҳнат ба музди миёнаи меҳнати пардохтшуда дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ дар соли 2019, 7,9 маротиба, соли 2020 - 4,1 маротиба ва дар соли 2021 – 13,1 маротибаро ташкил медиҳад. Ин нишондодҳои аз он шаҳодат медиҳанд, ки истифодабарии захираҳҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллии кишвар ба ҳадди аксари хур то ҳол нарасида, дар иқтисодиёти миллӣ имкониятҳои калони ҷалби захираҳои меҳнатӣ вуҷуд доранд. Алалхусус, чунин вазъият дар соҳаҳои саноат (саноати истихроҷ ва саноати коркард) ба назар мерасад, ки дар ин соҳаи муҳими иқтисодӣ таносуби маҳсулоти интиҳоии меҳнат ва музди миёнаи меҳнати пардохтшуда ниҳоят калон мебошад: соли 2019 – 143,2, соли 2020 – 1076,3, соли 2021 – 170,3. Дар соҳаҳои кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ бошад вазъият камтар дигаргун буда ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 6,8, соли 2020 – 26,7, ва дар соли 2021 ба 20,3 баробар шудааст. Чинин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки соҳаҳои калидии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон имкониятҳои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ба пуррагӣ истифода намешавнд. Албатта, ҳангоми таҳлили ин ҷадвал мо як қатор омилҳоро вобаста аз истифодабарии усули абстарксияи (тахайюлоти) илмӣ фикран истисно намудем. Пеш аз ҳама, тағйирёбии ҳаҷми сармоягузорӣ ва истеҳсолоти ҷамъиятӣ, лекин чунин муносибат бо мақсади муайян намудани танҳо сатҳи истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои калидии он амалӣ карда шуда, барои хулосабарории мантиқӣ сабаб шуданд.

Дар адабиёти иқтисодӣ қайд мешавад, ки кордиҳанда метавонад шумораи коргарони кироярo то он даме зиёд намояд, ки маҳсулоти интиҳоии меҳнатӣ ба сатҳи музди меҳнати пардохтшуда баробар шавад[88]: Бинобар ҳамин, таҳлилҳои гузаронидашуда собит намуданд, ки дар соҳаҳои иқтисодиёти миллии Тоҷикистон истифодабарии захариҳои меҳнатӣ ба нуқтаи

[88] Абдуллаев К. Х. Производительность труда как фактор повышения эффективности производства на предприятии // Российское предпринимательство. 2011. № 12. Вып. 1 (197). С. 176–180.

самаранокии худ то ҳол нарасидааст, ки доир ба ин маълумоти дар ҷадвали 3.6 овардашуда шаҳодат медиҳад.

Самараи маҳсулнокии интиҳоии меҳнат бо он асос меёбад, ки ҳар менеҷер доимо кӯшиш мекунад, ки маҳсулоти интиҳоии меҳнатро баланд бардорад, зеро аз ин нишондиҳанда даромаднокии истеҳсолот вобастагии калон дорад. Дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ чунин вазифаро давлат иҷро менамояд, ки он ҳам барои баланд намудани маҳсулонокии интиҳоии меҳнат кӯишиш менамояд.

Муносибати дуруст ва саривақтӣ ба баланд намудани маҳсулнокии меҳнат ва мутобиқати он ба музди миёнаи меҳанати пардохтшуда дар чунин афзалиятҳо ифода меёбад:

- мусоидат барои афзоишёби фоидаи истеҳсолкунандагон;
- баратараф намудани хароҷотҳои иловагӣ;
- фароҳам овардани имконияти гузариши иқтисодиёт ва соҳаҳо ба марҳилаи нави тараққиёт;
- пешбинӣ намудани муфлисшавии корхонаҳо;
- баланд намудани ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда;
- беҳтаргардонии вазъияти микроиқтисодӣ, мезоиқтисодӣ ва макроиқтисодӣ;
- мусоидат намудан барои афзоиши сатҳи шуғлнокии захираҳои меҳнатӣ.

Омилҳое, ки ба самаранокии фаъолияти коллективи коргарон таъсир мерасонад пеш аз ҳама муҳити маънавӣ-психологи дар байни кормандон, беҳтаргардонии шароити меҳнат, оқилона муқаррар намудани реҷаи меҳнат ва ғайраҳо низ дохил мешаванд.

Аз нуқтаҳои дар боло қайд шуда, ва таҳлили эмпирикии омилҳои ба маҳсулнокии меҳнат таъсир расонанда мумкин аст, самтҳои асосии онро дар шароити муосир чунин муқаррар намоем:

- таъсисдиҳии шароит барои афзоиши маҳсулнокии меҳнат бо дарназардошти пешрафти илму техника, баланд намудани малкаи кории кормандон, беҳтаргардонии шароити меҳнат ва коҳишдиҳии фирори мутахассисон;
- ҳавасмандгардонии кормандон, такомули шаклҳои пардохти музди меҳнат, ҷорӣ намудани меъёрҳои мукаммалгардидаи меҳнат, истифодабарии технологияҳои пешрафтаи муосир ва ғайраҳо, ки ба баландшавии маҳсулнокии меҳнат мусоидат менамоянд;
- таъминоти баланди техникии ҷараёни меҳнат, беҳтаргардонии сифати касбии захираҳои меҳнатӣ, такомули менеҷмент дар корхонаҳо ва ғайра.

Дар ин радиф муайян намудани захираҳои афзоиши маҳсулнокии меҳнат дар самти баланд намудани маҳсулнокии он аҳамияти зарурӣ дорад. Табиатан захираҳои афзоишёбии маҳсулнокии меҳнат ин имкониятҳои истифоданашудаи беҳтаргардонии сифати маҳсулот бавоситаи таъминоти ҷараёни истеҳсолот бо таҷҳизотҳои муосир, паст намудани хароҷоти моддӣ, беҳтаргардонии муҳити психологӣ дар коллективи кормандон, паст намудани меҳантғунҷоиш ва ғайраҳо ба ҳисоб мераванд. Захираҳои баланд намудани маҳсулнокии меҳнат бевосита ба банақшагирии ҷории тараққиёти корхонаҳо ва соҳаҳо алоқаманд мебошад, ки дар ҳамзистӣ ва ҳамгироӣ онҳо барои ташкили фаъолияти самаранок имконият фароҳам меоранд.

Захираҳои афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва таркиби онҳоро чунин тавсиф намудан мумкин аст.

- паст намудани меҳнатғунҷоиши истеҳсолот, азнавкунии фондҳои истеҳсолӣ ва таҷдиди онҳо бо дарназардошти пешрафти илму техник, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ба ҷараёни итсеҳсолот ва ниҳоят беҳтаргардонии ташкили истеҳсолот;

- беҳтар гардидани истифодабарии вақти корӣ, яъне такомули меъёргузории меҳнат, коҳишёбии истифодабарии ғайриоқилонаи вақти корӣ ва бартараф намудани шахшавии истеҳсолот;
- мутобиқаткунии маҳсулоти интиҳоии меҳнат бо сатҳи музди меҳнати миёнаи пардохтшудаи коргарони кироя;
- истифодабарии оқилонаи захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти коҳишёбии ҳайати маъмурӣ ва тақсимоти самараноки ӯдадориҳо, паст намудани ҳиссаи кормандони ёрирасон, коҳишдиҳии ҳайати кормандони хизматрасон ва фирори кадрҳои баландихтисос.

Дар ҷараёни истифодабарии захираҳои баланд намудани маҳсулнокии меҳнат мушкилот дар интихоби усули нисбатан оптималӣ вуҷуд дорад, ки хусусиятҳои корхонаҳои алоҳида ва соҳаҳоро дар назар дорад. Бинобар ҳамин ҳангоми истифодабарии захираҳои афзоиши маҳсулнокии меҳнат бояд тамоми муҳити дохилию берунӣ ба назар гирифта шаванд, зеро омилҳои дар боло номбар карда шуда барои ҳар як субъекти хоҷагидорӣ хислатҳои хоси худро дорад.

Боиси қайд аст, ки омилҳои афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ бо ҳам алоқаманд ва аз ҳам вобастагӣ доранд, бинобар ҳамин омӯзиши ҳаматарафа ва такомули он имкон медиҳад, ки самараи ҳадди аксар ҳангоми интихоби самтҳои асосии баланд намудани ин нишондиҳанда дастрас карда шавад.

Ҳамин тавр, дар маҷмӯъ самтҳои афзоиши маҳсулнокии меҳнат, ки дар боло қайд карда шуданд, ҳангоми истифодабарии оқилонаи онҳо метавонанд ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба монанди ҳаҷми истеҳсолот, суръати рушди ММД ва баланд намудани некуаҳволии аҳолӣ мусоидат намоянд.

## 3.3. Такмили низоми танзими давлатии истифодаи захираҳои меҳнатӣ

Масъалаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки татбиқи сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб рафта,

ҳалли он ниҳоят мушкил ва мураккаб мебошад. Дар чорчӯбаи истифодабарии захираҳои меҳнатӣ масъалаҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ, демографӣ, маънавӣ-психлогӣ бо ҳамдигар алоқамандӣ пайдо карда, муносибати низомиро тақозо менамояд. Таҳқиқоти онҳо дар алоқамандӣ ва ба ҳамвобастагӣ имкон медиҳад, ки ин ё он ҷиҳати тағйирёбӣ дарк карда шуда, ҳамзамон муносибати комплексӣ ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ барои дарёфти сабабҳои дигаргуншавӣ ва фарогирии онҳо дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ муайян карда шаванд. Муносибати мазкур барои муқаррар намудани хислатҳои мухталифи истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ аҳамияти стратегӣ дорад.




**Расми 3.6. Усулҳо ва воситаҳои ташаккули механизми ташкилию иқтисодии танзими бозори меҳнат(таҳияи муаллиф)**

Дар шароити муосир масоили танзими иқтисодиёт хеле муҳим аст. Аз ҷумла, мониторинг низоми идоракунии захираҳои меҳнатӣ зарурияти воқеӣ касб намудааст. Мониторинг дар асоси баҳодиҳии истифодаи усулҳо ва воситаҳои ташаккули низоми муносибатҳои меҳнатӣ зоҳир мегардад. Барои мунтазам такмил додан низоми ин муносибатҳо истифодаи механизми ташкилию иқтисодии танзими бозори меҳнатро зарур мешуморем. Аз ин лиҳоз, барои такмили низоми танзими давлатии истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар расми 3.6. усулҳо ва воситаҳои ташаккули механизми ташкилию иқтисодии танзими бозори меҳнат нишон дода шудааст.

Вобаста ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудан зарур аст, ки хусусиятҳои такрористеҳсоли аҳолӣ суръати баланди афзоиши захираҳои меҳнатиро ба миён меорад, вале инкишофи истеҳсолоти ҷамъиятӣ барои истифодаи ҳаматарафа ва оқилонаи захираҳои меҳнатии зиёдшаванда мутобиқат намекунад. Аз ҳамин сабаб дар иқтисодиёти миллӣ мушкилоти бекор мондани қисми муайяни захираҳои меҳнатӣ ба миён омадааст, ки такомули танзими давлатиро дар ин самт тақозо менамояд.

Боиси таъкид аст, ки аз тарафи Ҳукумати мамлакат, махсусан баъд аз таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ (соли 1997) чораҳои дахлдор барои баланд намудани сатҳи шуғлнокии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ амалӣ карда мешаванд. Дар ин самт аз тарафи давлат барои муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста аз созишномаҳои дутарафа ва бисёртарафа диққати махсус зоҳир карда мешавад.

Пӯшида нест, ки ҳалли мушкилоти истифодабарии оқилона ва самараноки захираҳои меҳнатӣ барои ҳалли масъалаҳои мураккаби иҷтимоӣ ва таъмини рушди иқтисодии босубот дар кишвар хеле муҳим арзёбӣ карда мешавад. Аз нуқтаи назари илмӣ, зарурати истифодабарии оқилона ва самараноки захираҳои меҳнатӣ бо хусусиятҳои географӣ, таърихӣ, анъанаҳои миллӣ ва ғайраҳо муайян карда шуда, аз тарафи дигар истифодабарии асосноккунии усулҳои ғайриоддиро дар назар дорад, ки бодарназардошти манфиатҳои миллӣ ба рушди ҳадди аксари захираҳои меҳнатӣ мусоидат

менамояд. Дар ин самт истифодабарии оқилонаи механизмҳои иқтисоди бозорӣ, такомули усулҳои танзими давлатии соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар асоси коркард ва амалигардонии сиёсати самараноки иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад. Яъне сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли самараноки захираҳои меҳнатӣ дар истифодабарии ҳаматарафаи онҳо дар иқтисодиёти миллӣ инъикос меёбад.

Маълум аст, ки "омилҳои зиёд, натиҷаҳои меҳнат ва алоқамандии онҳо муносибатҳои мухталифи истеҳсолиро ташаккул дода, ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда таъсир мерасонанд"[89].

Қонуниятҳо ва роҳҳои амалии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар давраи муосир ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ мавқеъи махсусро ишғол менамоянд. Пеш аз ҳама чунин вазъият бо он асос меёбад, ки тағйиротҳои шуморавӣ ва сифатӣ дар ташаккулёбӣ ва истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ба ҷараёни такрористеҳсол таъсири бевосита расонида, имкониятҳои васеъшаванда ва эҳтиёҷоти соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба захираҳои меҳнатии иловагӣ ба баландшавии некуаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд. Бинобар ҳамин, таҳлили ҷиҳатҳои гуногуни истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар амалигардонии такрористеҳсоли ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти индустриявӣ-аграрӣ зарурати ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолии қобили меҳнат дошта, бо дарназардошти бартараф намудани мушкилотҳои бекорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва инкишофи соҳибкорӣ афзоиш меёбад. Дар шароити муосири тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар дар самти истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ як қатор мушкилотҳо ба назар мерасанд, ки бо норасогии кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯ ба шартҳои тараққиёти инноватсионӣ, инкишофи сусти пояи институтсионалии фаъолгардонии

[89] Мухитдинова Ш.С. Национальный рынок труда Таджикистана в условиях глобализации. – Душанбе: Ирфон, 2019. 156с. С. 102.

навовариҳо дар корхонаҳо ва соҳаҳо, дастгирии сусти давлатии мусоидат ба шуғли самаранок ва дигарҳо тавсиф карда мешавад.




**Расми 3.7. Такмилдиҳии механизми баландбардории истифодаи захираҳои меҳнатӣ**

Барои такмилдиҳии низоми оқилонаи истифодаи захраҳои меҳнатӣ зарурияти таҳияи як модел ё механизми танзимкунанда муҳим аст(расми 3.7.). Мақсад аз таҳияи ин механизм таъмини шуғлнокии самаранок дар бозори меҳнат аст. Ҳамзамон ҳангоми таҳияи ин механизм бо дарназардошти принсипҳою усулҳо вазифаҳои механизми ташкилию иқтисодӣ ва самтҳои афзалиятнок муайян карда шудааст.

Бо дарназардошти чунин мушкилотҳои номбурда, ҳалли шуғли босамари захираҳои меҳнатӣ, коҳишёбии бекорӣ ва ниҳоят истифодабарии оқилонаи имкониятҳои мавҷудбуда ба миён меояд. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки ба афзоиши шуғли захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама ақибмонии технологии истеҳсолот таъсири бештар мерасонад. Бинобар ҳамин, дар шароити ба миёномада, танзими давлатии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ зарур ва саривақтӣ арзёбӣ карда мешавад. Зеро самаранокии танзими истифодабарии захираҳои меҳнатӣ аз бисёр ҷиҳат аз натиҷаҳои фаъолияти сохторҳои давлатӣ, ки шуғли аҳолиро танзим менамоянд вобастагӣ дорад. Ба чунин сохтор одатан марказҳо ва хадамоти шуғли аҳолӣ дохил мешаванд. Фаъолияти асосии хадамоти шуғли аҳолӣ дар баланд намудани самаранокии танзими бозори меҳнат бо дарназардошти шуғли маҳсулнок ба воситаи паҳн намудани иттилоот оид ба ҷойҳои холии мавҷудбуда барои захираҳои меҳнатии бо шуғл фарогир нашуда, амалигардонии барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ, дастгирии қишри аҳолии осебпазир ва татдиқи барномаҳои мусоидат ба баланд намудани сатҳи шуғлнокии аҳолӣ равона карда мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама бо захираҳои меҳнатии афзоишёбанда сару кор дорад, ки қисми он дар иқтисодиёти кишвар истифода шуда, қисми муайяни он барои ҷустуҷӯи ҷои корӣ ба муҳоҷирати меҳнати мераванд. Албатта чунин вазъият таъсири худро ба фаъолияти бозори меҳнати кишвар мерасонад. Дар ин ҷо сухан оид ба таносуби пешниҳод ва талабот ба захираҳои меҳнатӣ меравад, ки дар тӯли амалигардонииислоҳоти бозорӣ дар мамлакат бо барзиёдии пешниҳоди меҳнат нисбат ба талаботи он ба назар

мерасад. Оид ба вазъияти ба миён омада сарбории аҳолии бо шуғл таъмин набуда ба як ҷои кории холии изҳоршуда шаҳодат медиҳад (ҷадвали 3.8).

**Ҷадвали 3.8. - Талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар охири сол, нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд (пешниҳоди қувваи корӣ) | 72521 | 77349 | 79619 | 92631 | 106542 | 103457 | 106262 |
| Изҳороти корхонаҳо бар бораи талабот ба кормандон (талабот ба қувваи корӣ) | 7275 | 9224 | 7998 | 8982 | 10201 | 9416 | 12667 |
| Шумораи бекороне, ки ба як ҷои кории холӣ талабгоранд | 10 | 8,4 | 10 | 10,3 | 10,4 | 11 | 14 |

Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 345с. С. 143.

Аз маълумоти ҷадвали 3.8 мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар соли 2015 шумораи бекороне, ки ба як ҷои кории холӣ талабгоранд ба 10, соли 2016 8,4, соли 2017-10, соли 2018-10,3, соли 2019-10,4, соли 2020-11 ва соли 2021 – 14 нафар баробар аст. Чунин барзиёдии пешниҳоди меҳнат нисбат ба талабот аз рӯи шумораи бекороне, ки дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд муайян карда шудааст. Аммо нисбияти ҳамаи бекорон нисбат ба изҳороти корхонаҳо бар бораи талабот ба кормандон чунин аст: соли 2015 – 367,6, соли 2016 – 302, соли 2017 – 358,4, соли 2018 – 328,3, соли 2019 – 294,8, соли 2020 – 326, соли 2021 – 242[90]. Умуман вазъияти талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнати кишвар дар расми 3.7 нишон дода шудааст.

[90] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 80.




Расми 3.7. Талабот ва пешниҳоди захираҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат

Расми 3.7 аз рӯи маълумоти ҷадвали 3.8 тартиб дода шуда бошад ҳам, имконияти ба таври аён мушоҳида намудани вазъи бозори меҳнатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти талабот ва пешниҳоди меҳнат имкон медиҳад.

Дар самти сохтори талабот ва пешниҳоди меҳнат, зарур аст, ки талаботи корхонаҳоро барои кормандон дида бароем, ки ба ҳадамоти шуғли аҳолӣ аз рӯи соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ арз шудаанд (ҷадвали 3.9).

**Ҷадвали 3.9. - Сохтори талаботи корхонаҳо ба кормандоне, ки ба ҳадамоти шуғли аҳолӣ арз шудаанд аз рӯи соҳаҳо**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Эҳтиёҷоти корхонаҳо ба кормандон, ки ба ҳадамоти шуғли аҳолӣ арз шудаанд | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% |
| аз он ҷумла:<br>Аз рӯи ихтисоси коргарӣ | 43,8% | 31,1% | 43,7% | 43,1% | 48,8% | 42,7% | 39,4% |
| Аз рӯи вазифаҳои хизматчиён | 56,2% | 68,9% | 56,3% | 56,9% | 51,2% | 57,3% | 60,6% |
| Саноат | 23,5% | 11,9% | 17,3% | 18,1% | 23,5% | 20,2% | 13,8% |
| Кишоварзӣ | 9,2% | 5,8% | 6,1% | 3,4% | 3,6% | 5,3% | 3,7% |
| Нақлиёт ва алоқа | 2,4% | 5,0% | 7,1% | 6,9% | 2,7% | 5,3% | 2,7% |
| Сохтмон | 1,7% | 2,1% | 3,5% | 5,7% | 5,2% | 4,8% | 5,1% |
| Савдо | 3,8% | 0,9% | 1,5% | 0,8% | 3,0% | 2,4% | 2,6% |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 2,9% | 2,1% | 2,9% | 4,0% | 5,8% | 5,4% | 5,2% |
| Хизмати маиши | 0,9% | 8,7% | 0,7% | 0,3% | 1,4% | 2,2% | 2,5% |
| Илм ва хизматрасонии илмӣ | 0,0% | 0,1% | 0,3% | - | 0,1% | 0,1% | 0,0% |
| Тандурустӣ | 29,2% | 30,3% | 23,5% | 21,9% | 20,9% | 21,1% | 16,2% |
| Маориф | 9,3% | 17,7% | 9,2% | 9,7% | 9,7% | 8,7% | 15,1% |
| Фарҳанг ва санъат | 1,2% | 0,3% | 1,6% | 1,6% | 1,4% | 2,2% | 1,2% |
| Мақомоти идоракунӣ | 1,3% | 0,5% | 1,1% | 1,1% | 3,5% | 3,2% | 2,4% |
| Дар дигар соҳаҳо | 14,1% | 14,5% | 25,3% | 26,7% | 19,3% | 19,1% | 29,3% |

Ҳисоби муаллиф аз рӯи: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 345с. С. 153.

Аз рӯи таҳлили маълумоти ҷадвали 3.9 собит мегардад, ки изҳороти корхонаҳо ба кормандон, ки ба хадамоти шуғли аҳолӣ арз шудаанд бештар ба вазифаҳои хизматӣ рост меоянд (60,6% дар соли 2021). Изҳороти корхонаю ташкилотҳо барои ихтисосҳои коргарӣ бошад дар давраи таҳлили аз 48,8% дар соли 2019 зиёд нест. Ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 39,4% баробар шудааст, ки чунин вазъият боиси нигаронист. Сабаби зиёд шудани изҳороти корхонаю ташкилотҳо ба кормандони ихтисосҳои коргарӣ дар соли 2019 пеш аз ҳама бо эълон гардидани саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун стратегияи чоруми миллӣ аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки соли 2018 баён шуда буд, алоқамандӣ дорад. Қайд намудан зарур аст, ки имкониятҳои соҳаҳои саноат барои ҷалби захираҳои меҳнатии иловагӣ нисбат ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқ калонтар мебошад. Таҳлилҳо шаҳодат медиҳанд, ки новобаста ба эълон гардидани саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ ба ғайр аз соли 2019 изҳороти корхонаҳо барои коргарони истеҳсолӣ дар маҷмӯи умумии эҳтиёҷоти баёншуда барои таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ дар солҳои 2020 дар соҳаи саноат ҳамагӣ 20,2% ва дар соли 2021 бошад 13,8% ташкил кардааст. Чунин вазъият дар соҳаи кишоварзии мамлакат низ ба назар расида, агар соли 2015 изҳорот барои коргарон дар ин соҳа 9,2% ташкил карда бошад ин нишондод соли 2021 ба 3,7% баробар шуд. Вазъияти ба миён омада дар самти изҳороти корхонаҳои соҳаҳои аслии иқтисодиёти миллӣ барои таъмини ҷараёни саноатикуноии босуръат ва пешрафти соҳаи кишоварзӣ ҳамчун манбаъаи асосис таъмини корхонаҳои бо ашёи хоми коркардмешуда басанда намебошад.

Таҳлили ҷараёни таъсисёбии ҷойҳои корӣ имкон медиҳад, қайд намоем, ки дар ин самт аз тарафи мақомотҳои давлатӣ фаъолияти на онқадар фаъол ба назар мерасад. Чунин ақида дар он асос меёбад, ки мақомотҳои дахлдори давлатӣ асосан аз рӯи маълумотҳои расмӣ фаъолияти хешро ба роҳ монда, вазъияти аслии таъминоти захираҳои меҳнатиро бо ҷойҳои корӣ ба мадди

назар намегиранд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар ҷодаи таъмини захираҳои меҳнатӣ бо ҷойҳои корӣ ҳамон вақт самаранок мегардад, ки агар мақомотҳои дахлдори давлатӣ назорати мутасилро аз болои ҷойҳои кории дар иқтисодиёти миллӣ мавҷудбуда ва танзими бемайлони онро амалӣ гардонанд. Бинобар ҳамин, ҳалли мушкилоти таъсисдиҳӣ ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар ҳолати сиёсати фаъолонаи давлатӣ дар ин самт имконпазир мегардад. Амалигардонии сиёсати фаъолонаи давлатӣ дар нигоҳдорӣ ва таъсисдиҳии ҷойҳои корӣ бо дарназардошти мавҷудияти фишанги танзими давлатӣ имконпазир аст. Ба сифати чунин фишанги танзими давлатии шуғли захираҳои меҳнатӣ сохтори таъсисдиҳӣ ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ барои дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат баромад мекунад. Дар чунин сохтор таъсиси ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои меҳнатталаби иқтисодиёт ҳатман бояд ифода ёбанд. Ба ин соҳаҳо пеш аз ҳама зерсоҳаҳои саноатиро дохил кардан мумкин аст, ба монанди соҳаҳои нассоҷӣ, дӯзандагӣ, коркарди нахи пахта, мошинасозӣ, металлургияи ранга ва ғайраҳо. Инчунин, дар ин самт имкониятҳои ҷалби захираҳои меҳнатии иловагӣ ба соҳаҳои боғдорӣ, инкишофи туризм ба инобат гирифта шуданаш лозим мебошад. Ҷоиз ба қайд аст, ки дар танзими давлатии шуғли захираҳои меҳнатӣ, ҳавасмандгардонии кордиҳандагон (корхонаҳо) барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ аҳамияти калон дорад. Яъне пешниҳоди як қатор имтиёзҳои ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби воҳидҳои иловагии захираҳои меҳнатӣ ба воситаи пешкаш намудани қарзҳои имтиёзнок ва сабукиҳои андозӣ барои корхонаҳое, ки бештар барои ҷалби захираҳои меҳнатии иловагӣ фаъолияти худро равона месозанд.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки солҳои охир дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ шумораи корхонаҳои ба талаботи қувваи корӣ барои пурра намудани ҷойҳои кории холӣ ба хадамоти шуғли аҳолӣ муроҷиат кардаанд рӯ ба афзоиш ниҳодааст (ҷадвали 3.10). Маълумоти ҷадвали 3.10 нишон медиҳад, ки аз соли 2015 то соли 2021 талаботи корхонаҳо ба қувваи корӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Ҳиссаи баландтарин ба корхонаҳои давлатӣ рост меояд, ки оид ба барасмиятдарории фаъолияти ин корхонаҳо шаҳодат медиҳад. Агар дар соли

2015 ба корхонаҳои давлатӣ 78,4% талаботи қувваи корӣ рост ояд, ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 74,8% расидааст. Дар корхонаҳои ғайридавлатӣ ин нишондиҳанда дар соли 2015 ба 21,6% баробар шуда бошад, соли 2021 ба 25,2% расидааст. Аз рӯи ин маълумот мушоҳида намудан мумкин аст, ки то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи корхонаҳои давлатӣ барои ҷалби шумораи иловагии қувваи корӣ нисбат ба корхонаҳои ғайридавлатӣ зиёд мебошад.

**Ҷадвали 3.10. - Шумораи корхонаҳое, ки оид ба талаботи қувваи корӣ барои пур кардани ҷойҳои кории холӣ ба хадамоти шуғли аҳолӣ муроҷиат кардаанд (дар охири сол, нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаги корхонаҳо | 714 | 690 | 795 | 852 | 969 | 831 | 1113 |
| аз он ҷумла, аз рӯи шакли моликият: Давлатӣ | 560 | 516 | 608 | 648 | 665 | 652 | 832 |
| Ғайридавлатӣ | 154 | 174 | 187 | 204 | 304 | 179 | 281 |
| Саноат | 66 | 70 | 75 | 77 | 100 | 71 | 86 |
| Кишоварзӣ | 36 | 33 | 44 | 32 | 38 | 45 | 45 |
| Нақлиёт ва алоқа | 20 | 19 | 23 | 24 | 20 | 11 | 23 |
| Сохтмон | 20 | 23 | 25 | 20 | 28 | 19 | 22 |
| Савдо | 20 | 6 | 15 | 28 | 29 | 23 | 27 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 41 | 39 | 46 | 44 | 56 | 52 | 81 |
| Хизмати маишӣ | 13 | 7 | 14 | 8 | 26 | 31 | 50 |
| Илм ва хизматрасонии илмӣ | 1 | 1 | 4 | - | 1 | 1 | 3 |
| Тандурустӣ | 194 | 196 | 195 | 190 | 204 | 164 | 195 |
| Маориф | 78 | 85 | 99 | 114 | 103 | 127 | 221 |
| Фарҳанг ва санъат | 17 | 19 | 25 | 19 | 23 | 27 | 20 |
| Мақомоти идоракунӣ | 27 | 18 | 41 | 36 | 59 | 39 | 68 |
| Дар дигар соҳаҳо | 181 | 174 | 189 | 260 | 282 | 221 | 272 |

**Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 345с. С. 154.**

Дар ин росто зарур аст, ки тартиби коркарди барномаҳои мақсаднок барои истифодабарии ҳадди аксар ва самараноки захираҳои меҳнатӣ коркард ва амалӣ карда шавад. Вазъияти дар ҷадвали 3.10 оварда шуда, бори дигар собит менамояд, ки корхонаҳои навтаъсисёфтаи ғайридавлатӣ бо дарназардошти миқдори ками захираҳои меҳнатӣ фаъолияти худро ба роҳ монда истодаанд. Кӯшишҳои мақомотҳои давлатӣ ба муносибати коплексӣ

равона нашуда, балки хислати байниидоравӣ доранд, аз ҳамин сабаб ҳиссаи корхонаҳои давлатӣ дар талаботи қувваи кории иловагӣ дар сатҳи баланд қарор дорад.

Дар самти муқаррар намудани соҳаҳои афзалиятнок барои истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ бояд аз нуқтаи назари маҳсулнокии меҳнат истифода намуд. Пӯшида нест, ки маҳсулнокии меҳнат дар соҳаҳои саноати мамлакат нисбат ба дигар соҳаҳо дар сатҳи баландтар қарор дорад. Бинобар ҳамин ҳангоми таҳия ва амалигардонии барномаҳои давлатӣ барои мусоидат ба шуғли самараноки захираҳои меҳнатӣ ба ин нишондод аҳамияти бештар зоҳир намудан лозим аст. Танҳо дар чунин ҳолат мумкин аст, самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатиро дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба маротиба баланд намуд.

Дар илми иқтисодӣ ақидае маъмул аст, ки мувофиқи он арзиши иловаро меҳнат ба вуҷуд меорад. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки барои баҳогузорӣ намудан ва муайян намудани самти афзалиятноки баланд бардоштани самаранокии танзими давлатии истифодабарии оқилонаи захираҳои меҳнатӣ, истеҳсоли арзиши изофа дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ таҳлил карда шавад. Барои ҳисоб намудани арзиши изофаи умумӣ, ки ба сатҳи соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти миллӣ ҳамчун фарқи байни истеҳсоли умумии молу хизматҳо ва истеъмолоти мобайни ҳисоб қарда мешавад, дар ҷадвали 3.11 бо истифода аз усули инфлиронӣ, мо нишондодҳои ММД, истеҳсолоти умумӣ, истеъмолоти мобайниро бо нархҳои соли 2021 ҳисоб намудем, Инчунин дар доираи ин ҷадвал иқтисодиёти миллӣ нишондодҳои ММД ба ҳар як воҳиди захираҳои меҳнатии истифодашаванда, истеҳсолоти умумӣ ба ҳар як воҳиди захираҳои меҳнатии истифодашаванда ва арзиши изофаи умумӣ ҳар як воҳиди захираҳои меҳнатии истифодашаванда бо нархҳои муқоисавии соли 2021 ҳисоб намудем. Ҷоиз ба қайд аст, ки дар сутуни охирони ҷадвали 3.11 пешгӯикунии нишондодҳои таҳлилшаванда то соли 2030 бо истифода аз усули экстраполятсияи хаттӣ муайян карда шудааст, ки бо формулаи зерин ҳисоб карда шудааст:

$$\mathbf{Y}t = \mathbf{Y_0} \times (\mathbf{1} + \mathbf{r})^{\mathbf{T}} \quad (3.1)$$

ки дар ин ҷо: $\mathbf{Y}t$ – нишондиҳандаи пешгӯишаванда то соли 2030;

$\mathbf{Y_0}$ – нишондиҳанда дар соли 2021;

$\mathbf{r}$ – суръати миёнасолаи афзоиши нишондиҳанда;

**T** – шумораи сол (дар мисоли мо 9 (аз соли 2022 то соли 2030).

**Ҷадвали 3.11. - Нишондиҳандаҳои ММД, истеҳсолоти умумӣ, арзиши изофаи умумӣ дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондодҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2030 пешгӯи кунӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД бо нархҳои муқоисавии соли 2021 (млн. сомонӣ) | 67302,8 | 68760,6 | 77086,4 | 82938,7 | 89126,6 | 92102,3 | 98910,7 | 161055,6 |
| Истеҳсоли умумӣ бо нархҳои муқоисавии соли 2021 | 120149,4 | 123909,6 | 138737,6 | 151510,6 | 164651,1 | 170651 | 174374,4 | 278989,0 |
| Истеъмолоти мобайнӣ бо нархҳои муқоисавии соли 2021 (млн. сомонӣ) | 59936,5 | 62252,3 | 69232,7 | 76764,4 | 84191,2 | 86823,1 | 85142,5 | 131880,7 |
| Арзиши изофаи умумӣ бо нархҳои муқоисавии соли 2021 (млн. сомонӣ) | 60212,9 | 61657,3 | 69505 | 74746,2 | 80459,9 | 83828 | 89231,8 | 147108,3 |
| Қувваи корӣ (ҳазор нафар) | 2380 | 2384 | 2407 | 2426 | 2463 | 2506 | 2534 | 2784,2 |
| ММД ба ҳар як захираи меҳнатии дар иқтисодиёт бо кор машғулбуда бо нархҳои соли 2021 (сомонӣ) | 28278,5 | 28842,5 | 32025,9 | 34187,4 | 36186,2 | 36752,7 | 39033,4 | 63557,9 |
| Истеҳсоли умумӣ ба ҳар як воҳиди захираи меҳнатии дар иқтисодиёт бо кор машғулбуда бо нархҳои соли 2021 (сомонӣ) | 50482,9 | 51975,5 | 57639,2 | 62452,8 | 66849,8 | 68097,0 | 68813,9 | 110098,3 |
| Арзиши изофаи умумӣ ба ҳар як воҳиди захираи меҳнатии дар иқтисодиёт бо кор машғулбуда (сомонӣ) | 25299,5 | 25863,0 | 28876,2 | 30810,5 | 32667,4 | 33450,9 | 35213,8 | 58053,8 |

Ҳисоби муаллиф аз рӯи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. 415с. С. 11-12; 213-214.

Аз маълумоти ҷадвали 3.11 мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз соли 2015 то соли 2021 ММД, истеҳсоли умумӣ, истеъмлоти мобайнӣ, арзиши изофаи умумӣ тамоюли зиёдшавиро нишон медиҳад. Махсусан, нишондиҳандаи арзиши изофаи умумӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 тақрибан ба 1,5 маротиба афзудааст. Нишондиҳандаҳои ММД ба ҳар як захираи меҳнатии дар иқтисодиёт бо кор машғулбуда, истеҳсоли умумӣ ба ҳар як воҳиди захираи меҳнатии дар иқтисодиёт бо кор машғулбуда ва арзиши изофаи умумӣ ба ҳар як воҳиди захираи меҳнатии дар иқтисодиёт бо кор машғулбуда низ дар давраи таҳлили тамоюли зиёдшавиро нишон медиҳад. Қайд намудан зарур аст, ки дар ҳолати давом ёфтани чунин тамоюли, дар соли 2030 мутобиқи пешгӯикунии экстраполятсионӣ нишондиҳандаи ММД ба ҳар як коргар нисбат ба соли 2021 дар ҳаҷми 1,63 маротиба зиёд гардида, истеҳсоли умумӣ ба ҳар як воҳиди захираи меҳнатии дар иқтисодиёт бо кор машғулбуда 1,6 маротиба ва арзиши изофаи умумӣ ба ҳар як воҳиди захираи меҳнатии дар иқтисодиёт бо кор машғулбуда ба 1,65 маротиба зиёд мешавад. Ин вазъият дар ҳолате ба миён меояд, ки гара афзоиши қувваи кории дар иқтисодиёт истифодашуда ба 2784,2 ҳазор нафар баробар шавад ва ё ин ки 10% зиёд шавад. Чунин ҳисобҳо бо мақсади на танҳо пешгӯикунӣ, инчунин бо мақсади таъмин намудани шуғли ҳадди аксари захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ амалӣ карда шудаанд.

Бинобар ҳамин, дар ин самт вазифаи аввалиндараҷаи давлат дар фароҳам овардани шароити муосид барои корхонаҳои соҳаҳои хоҷагии халқ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмин намудани аҳолии бекор бо ҷойҳои кории мувофиқ иборат мебошад.

Ҳисобҳо мо нишон медиҳанд, ки агар то соли 2030 шумораи захираҳои меҳнатии дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ба 4000 ҳазор нафар расонида шавад, нишондиҳандаҳои пешбинишаванда куллан тағйир меёбанд (ҷадвали 3.12).

**Ҷадвали 3.12. – Пешгӯикунии нишондиҳандаҳои ММД, истеҳсолоти умумӣ, арзиши изофаи умумӣ дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми афзоиш додани шумораи захираи меҳнатии истифодашаванда то 4 млн нафар.**

| Нишондодҳо | 2030 пешгӯикунӣ |
|---|---|
| ММД бо нархҳои муқоисавии соли 2021 (млн. сомонӣ) | 254231,6 |
| Истеҳсоли умумӣ бо нархҳои муқоисавии соли 2021 | 440393,2 |
| Арзиши изофаи умумӣ бо нархҳои муқоисавии соли 2021 (млн. сомонӣ) | 232215,2 |

Ҳисоби муаллиф аз рӯи ҷадвали 3.11.

Самаранокии танзими давлатии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои васеъ намудани макони истеҳсолӣ, алалхусус истеҳсолоти саноатӣ, ки дар он маҳсулнокии меҳнат нисбат ба дигар соҳаҳои баландтар аст мусоидат намояд. Бинобар ҳамин барои таъмин намудани истифодабарии ҳадди аксари захираҳои меҳнатӣ, ақалан дар сатҳи 4 млн. нафар коргарони бо ҷои корӣ таъмин шуда ва ҳавасманд намудани шуғли маҳсулнок то соли 2030, бояд барои ҳалли ду масъалаи баҳамалоқаманд аҳамияти махсус зоҳир карда шавад.

1. Таъмини эҳтиёҷоти бозори меҳнат бо захираҳои меҳнатии соҳибтаҷриба;

2. Мусоидат намудан ба қоҳишёбии сатҳи бекорӣ дар асоси амалигардонии барномаҳои омодакунӣ ва аз нав тайёркунии қувваи корӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ.

Барои ҳалли масъалаҳои мазкур ҳавасмандкунии инкишофи соҳибкорӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ нақши муайянро иҷро карда метавонад, зеро дастгирии давлатии соҳибкорӣ метавонад барои таъмини захираҳои меҳнатӣ бо ҷойҳои кории сазовор мусоидат намояд. Дар ин самт аз тарафи давлат зарур аст, ки барои соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар ҳудуди кишвар фаъолият менамоянд, имтиёзҳои мухталиф барои ҷалби шумораи иловагии захираҳои меҳнатӣ ба фаъолият пешбинӣ карда шавад.

Барои баланд намудани истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ ба восита танзимкунии давлатӣ нақши ҳалкунандаро хадамоти давлатии

шуғли аҳолӣ низ иҷро карда метавонад. Дар самти такомули фаъолияти хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ бодарназардошти танзими давлатии бозори меҳнат бояд чунин чораҷӯиҳо амалӣ карда шаванд:

- муқаррар намудани аҳолии бекор ва ҳисоби дақиқи онҳо дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ;
- шиддатёбии фаъолият оид ба баланд намудани самаранокии ташкили курсҳои омодагӣ барои аҳолии бо шуғл машғул набуда, махсусан ташкили касбомӯзии ҷавонон;
- фаъолгардонии ҳамкории судманд бо иттифоқҳои касаба ва кордиҳандагон оид ба истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳо ва соҳаҳо.

Ҳамаи маҷмӯи чораҳое, ки дар асоси таҳлили эмпирикӣ ва пешгӯикунӣ муайян карда шуданд, имкон медиҳад, қайд намоем, ки дар самти истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ нақши танзими давлатӣ ниҳоят калон аст, зеро давлат бо фишангҳои сиёсати иқтисодии худ метавонад барои шуғли босамари захираҳои меҳнатӣ ва ба даст овардани даромади ҳадди аксар аз истифодабарии чунин омили нодири истеҳсолоти ҷамъиятӣ мусоидат намояд.

## Хулоса оид ба боби сеюм

1. Самтҳои афзалиятноки инкишофи касбии захираҳои меҳнатиро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст: таъминоти сифати баланди хизматрасониҳои таҳсилотӣ аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ; омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ; фаро гирифтани аҳолии бо шуғл машғулнабуда барои омӯзиши касбҳои мухталиф дар доираи омодакунӣ ва аз навтайёркунии кадрҳо дар муассисаҳои таълимӣ дар муддатҳои кӯтоҳтарин; ҳангоми омодакуни мутахассисон ба инобат гирифтани талаботи бозори меҳнат ва хусусиятҳои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ; омодакунии мутахассисони сатҳи гуногун (маълумоти миёнаи махсус ва

маълумоти олӣ) бо дарназардошти супоришҳои кордиҳандагон ва дар ин самт ҳамгироии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо истеҳсолкунандагон.

2. Омилҳои афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ бо ҳам алоқаманд ва аз ҳам вобастагӣ доранд, бинобар ҳамин омӯзиши ҳаматарафа ва такомули он имкон медиҳад, ки самараи ҳадди аксар ҳангоми интихоби самтҳои асосии баланд намудани ин нишондиҳанда дастрас карда шавад. Дар маҷмӯъ самтҳои афзоиши маҳсулнокии меҳнат, ки дар боло қайд карда шуданд, ҳангоми истифодабарии оқилонаи онҳо метавонанд ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба монанди ҳаҷми истеҳсолот, суръати рушди ММД ва баланд намудани некуаҳволии аҳолӣ мусоидат намоянд.

3. Самаранокии танзими давлатии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои васеъ намудани макони истеҳсолӣ, алалхусус истеҳсолоти саноатӣ, ки дар он маҳсулнокии меҳнат нисбат ба дигар соҳаҳои баландтар аст мусоидат намояд. Бинобар ҳамин, барои таъмин намудани истифодабарии ҳадди аксари захираҳои меҳнатӣ, ақалан дар сатҳи 4 млн. нафар коргарони бо ҷои корӣ таъмин шуда ва ҳавасманд намудани шуғли маҳсулнок то соли 2030, бояд барои ҳалли ду масъалаи баҳамалоқаманд аҳамияти махсус зоҳир карда шавад: таъмини эҳтиёҷоти бозори меҳнат бо захираҳои меҳнатии соҳибтаҷриба; мусоидат намудан ба қоҳишёбии сатҳи бекорӣ дар асоси амалигардонии барномаҳои омодакунӣ ва аз нав тайёркунии қувваи корӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ.

# ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

1. Нишондодҳои захираҳои меҳнатӣ бо хислати такрористеҳсоли онҳо дар шароити муосир муайян карда мешаванд. Дар ҷараёни инкишофи худ, захираҳои меҳнатӣ якчанд марҳилаҳои такрористеҳсолро аз сар мегузаронанд: ҷараёни истеҳсолот (ташаккулёбӣ), тақсимот (азнавтақсимкунӣ), мубодила ва истеъмолот (истифодабарӣ). Дар ҷараёни такрористеҳсолоти захираҳои меҳнатӣ ба марҳилаи ташаккулёбӣ диққати махсус зоҳир карда мешавад, зеро нишондоди асосии ин марҳила аз мавқеъи хоҷагии миллӣ қонеъгардонии эҳтиёҷоти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва соҳаҳои он бо миқдори зарурӣ ва сифати хоси захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоб меравад. Дар умум захираҳои меҳнатӣ ин қисми аҳолии мамлакат мебошад, ки дорои хислатҳои сифатии муайян аст ва дар ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҳаматарафа истифода шуда, қисми он бо сабабҳои гуногун муваққатан дар ҷараёни истеҳсолоти мол ва хизматҳо иштирок намекунад [1-М; 5-М].

2. Дар шароити муосир истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ бо нишондиҳандаҳои маҳсулоти интиҳоии меҳнат ва чандирнокии барориш аз рӯи меҳнат пурра карда шудааст. Ҳамин тавр, муқаррар карда мешавад, ки яке аз фишангҳои зарурии стратегии ҳама корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ, ки аз ҳисоби истифодабарии оптималии захираҳои меҳнатӣ ба даст оварда мешаванд, ҳатман баланд намудани тахассуснокӣ ва сатҳи донишандӯзии захираҳои меҳнатиро дар назар дорад. Аз сатҳи нишондиҳандаҳои пешкаш кардашуда бевосита натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ умуман вобастагии калон доранд [2-М; 4-М].

3. Истифодабарии таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи воҳиди хоҷагидорӣ (корхонаҳо), соҳаҳо ва иқтисодиёти миллӣ муайян намудани вазифаҳои идоракунии захираҳои меҳнатиро тақозо менамояд. Истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ, ташаккулёбии маданияти идоракунии ҳайати кормандон омили асосии

устувории иҷтимоии корхонаҳо, соҳаҳо ва иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки дар навбати худ тараққиёти устуворро таъмин менамояд [4-М; 8-М].

4. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ аз суръати афзоиши аҳолӣ баландтар мебошад.. Ҳисоби коэффитсенти ҳиссиёт бо мақсади муқаррар намудани таъсири афзоиши табии аҳолӣ ба шумораи захираҳои меҳнатӣ муайян карда шуда, то кадом андоза зиёдшавии аҳолӣ ба афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ таъсир мерсонад ҳисоб карда шудааст. Омили асосии ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама ин афзоиши аҳолӣ ба ҳисоб меравад [3-М; 5-М].

5. Бо мақсади бартараф намудани сабабҳои пурра истифода нашудани захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ истифодаи саноатикунонии шуғли захираҳои меҳнатиро зарур меҳисобем. Дар ин росто васеъшавии ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ метавонад ба коҳишёбии муҳоҷирати меҳнатӣ ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд [1-М; 6-М].

6. Баҳодиҳӣ ва таҳлили истифодабарии самарноки захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои истеҳсолоти аслии иқтисодиёти миллӣ имкон медиҳад, ки оид ба зарурати баланд намудани самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар асоси инкишофи соҳаҳои саноати кишвар таъмин карда шаванд [2-М; 4-М].

7. Самтҳои афзалиятноки инкишофи касбии захираҳои меҳнатиро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст: таъминоти сифати баланди хизматрасониҳои таҳсилоти аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ; омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ; фаро гирифтани аҳолии бо шуғл машғулнабуда барои омӯзиши касбҳои мухталиф дар доираи омодакунӣ ва аз навтайёркунии кадрҳо дар муассисаҳои таълимӣ дар муддатҳои кӯтоҳтарин; ҳангоми омодакуни мутахассисон ба инобат гирифтани талаботи бозори меҳнат ва хусусиятҳои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ; омодакунии мутахассисони сатҳи гуногун (маълумоти миёнаи махсус ва

маълумоти олӣ) бо дарназардошти супоришҳои кордиҳандагон ва дар ин самт ҳамгироии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо истеҳсолкунандагон [4-М; 7-М].

8. Омилҳои афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ бо ҳам алоқаманд ва аз ҳам вобастагӣ доранд, бинобар ҳамин омӯзиши ҳаматарафа ва такомули он имкон медиҳад, ки самараи ҳадди аксар ҳангоми интихоби самтҳои асосии баланд намудани ин нишондиҳанда дастрас карда шавад. Ҳамин тавр, дар маҷмӯъ самтҳои афзоиши маҳсулнокии меҳнат, ки дар боло қайд карда шуданд, ҳангоми истифодабарии оқилонаи онҳо метавонанд ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба монанди ҳаҷми истеҳсолот, суръати рушди ММД ва баланд намудани некуаҳволии аҳолӣ мусоидат намоянд [1-М; 2-М; 4-М].

9. Самаранокии танзими давлатии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои васеъ намудани макони истеҳсолӣ, алалхусус истеҳсолоти саноатӣ, ки дар он маҳсулнокии меҳнат нисбат ба дигар соҳаҳои баландтар аст мусоидат намояд. Бинобар ҳамин барои таъмин намудани истифодабарии ҳадди аксари захираҳои меҳнатӣ, ақалан дар сатҳи 4 млн. нафар коргарони бо ҷои корӣ таъмин шуда ва ҳавасманд намудани шуғли маҳсулнок то соли 2030, бояд барои ҳалли ду масъалаи баҳамалоқаманд аҳамияти махсус зоҳир карда шавад: таъмини эҳтиёҷоти бозори меҳнат бо захираҳои меҳнатии соҳибтаҷриба; мусоидат намудан ба қоҳишёбии сатҳи бекорӣ дар асоси амалигардонии барномаҳои омодакунӣ ва аз нав тайёркунии қувваи корӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ [2-М; 8-М].

## Пешниҳодҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Дар ҷараёни такрористеҳсолоти захираҳои меҳнатӣ ба марҳилаи ташаккулёбӣ диққати махсус зоҳир карда мешавад, зеро нишондоди асосии ин марҳила аз мавқеъи хоҷагии миллӣ қонеъгардонии эҳтиёҷоти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва соҳаҳои он бо микдори зарурӣ ва сифати хоси захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

2. Таҳлили назариявӣ нишон медиҳад, ки дар адабиёти иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидорӣ нишондиҳандаи истифодабарии самараноки захираҳои

меҳнатӣ дар сатҳи корхона маҳсулоти интиҳоии меҳнат низ баромад мекунад, ки ҳамчун тағйирёбии ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулотро ҳангоми тағйирёбии захираи меҳнатӣ ба як воҳид ҳангоми тағйирнопазирии ҳаҷми сармояи истеҳсолӣ нишон медиҳад.

3. Нишондиҳандае, ки самаранокии истифодабарии захираи меҳнатро нишон медиҳад, ин чандирнокии ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулот аз рӯи меҳнат баромад мекунад. Чандирнокии барориши маҳсулот аз рӯи меҳнат тағйирёбии фоизии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро дар натиҷаи тағйирёбии ҳаҷми захираҳои меҳнатӣ ба як фоиз нишон медиҳад.

4. Истифодабарии таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи воҳиди хоҷагидорӣ (корхонаҳо), соҳаҳо ва иқтисодиёти миллӣ муайян намудани вазифаҳои идоракунии захираҳои меҳнатиро тақозо менамояд.

5. Барои баҳо додани таъсири вазъи демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули захираҳои меҳнатӣ ҳисоб намудани ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатиро вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ дар доираи таҳқиқот зарур мешуморем.

6. Вазъияти муосири тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оқибати бӯҳрони ба миён омадаи давраи гузаришро инъикос менамояд. Бинобар ҳамин мо имрӯз бо оқибати вазъияти буҳронӣ дучор шудаем. Бинобар ҳамин ба фикри мо барои ҳалли мушкилоти истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ бояд сабабҳои он баратараф карда шаванд.

7. Истифодаи иқтидори соҳаи саноат қобилият дорад, ки захираҳои меҳнатии бо кор машғулнабударо ҷалб намуда, сатҳи бекориро дар мамлакат коҳиш диҳад ва бо дарназардошти нишондодҳои маҳсулоти интиҳии меҳнат ва чандирнокии барориш аз рӯи меҳнат барои рушди самараноки иқтисодиёти кишвар мусоидат намуда, барои баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ мусоидат намояд

8. Таҳсилоти касбӣ (ҳам миёна ва ҳам олӣ) ва таъиноти он бояд ба захираҳои меҳнатии муайян равона карда шуда, барои истифодаи самараноки иқтидори меҳнатӣ мусоидат намояд. Ин масъала ба воситаи сохторҳои дахлдори давлатӣ бо дарназардошти сатҳи омодагии касбӣ, хусусиятҳои психологӣ, самтҳои истеҳсолӣ амалӣ карда шуда, вазъияти талабот ва пешниҳоди меҳнатро дар бозори меҳнат, баҳодиҳии сифатии захираҳои меҳнатии бо кор машғулнабуда, интихоби гурӯҳҳои афзалиятнок барои таҳсилот ва бо ҷои корӣ таъмин намудан, коркарди барномаҳои минтақавии амалигардонии онҳо ва ғайраҳоро бояд фаро гирад.

9. Дар самти такомули фаъолияти хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ бодарназардошти танзими давлатии бозори меҳнат бояд чунин чораҷӯиҳо амалӣ карда шаванд: муқаррар намудани аҳолии бекорӣ ва ҳисоби дақиқи онҳо дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ; шиддатёбии фаъолият оид ба баланд намудани самаранокии ташкили курсҳои омодагӣ барои аҳолии бо шуғл машғул набуда, махсусан ташкили касбомӯзии ҷавонон; фаъолгардонии ҳамкории судманд бо иттифоқҳои касаба ва кордиҳандагон оид ба истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳо ва соҳаҳо.

# РӮИХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018. [Манбаи электронӣ]-Ҳолати дастрасӣ: http://www.prezident.tj.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021. [Манбаи электронӣ]-Ҳолати дастрасӣ: http://www.president.tj

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021. [Манбаи электронӣ]- Ҳолати дастрасӣ: http://prezident.tj.

4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022. [Манбаи электронӣ]- Ҳолати дастрасӣ: http://prezident.tj.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба мусоидат ба шуғли аҳолӣ" Душанбе 28 июни соли 2011. №724.

6. Барномаи саноатикунонии босуръати кишвар барои сол.ои 2020-2025, [Матн]. – Душанбе, 2020. – 26 с.

7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030. [Матн]. – Душанбе, 2016. – 127 с.

8. Барномаи давлатӣ оид ба татбиқи Консепсияи тараққиёти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва таҳсилот барои солҳои 2012- 2015.

9. Барномаи давлатии мусоидат барои шуғли аҳолӣ то соли 2020.

## Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ

10. Алиджанов Д.А. Импортозамещающий экономический рост в современных условиях Республики Таджикиситан (монография). Худжанд, "Нури маърифат, 2021. 368с.

11. Алиджанов Дж.А. Алиджанова С.А. Назарияи иқтисодии умумӣ. Хуҷанд, 2021. 624с. С. 192-202.

12. Алиҷонов Ҷ.А. Макроиқтисод: комплекси таълимӣ-методӣ. Душанбе: "Сумани Қудрат", 2011. – 384с. С. 145

13. Аллашукуров Б.Э. Самтҳои асосии рақобатпазирии хоҷагии қишлоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. – 244с. С. 132.

14. Амонова Д.С. Социальная политика и социальная справедливость в Республике Таджикистан (экономические аспекты исследования): монография. – Душанбе: Ирфон, 2006, – 208 с.

15. Аҳмадов Ф.М. Ашуров Ф.М., Хушвахтзода Қ.Х. Арзёбии омории сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография – Душанбе, 2021. – С.143.

16. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 345с.

17. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Китоби XII: Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ. Душанбе 2018. Ирфон. 450 с.

18. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Китоби XIII: Рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ. Душанбе 2019. Ирфон. 450 с.

19. Дейнека А.В. Управление человеческими ресурсами: Москва. Дашков и К, 2013. 392 с.

20. Долан Э. Дж., Линдсей Д. Е. Рынок: микроэкономическая модель. СПб., 1992.

21. Злоказов Ю.И. Управление производительностью труда. Нормативный подход, М.: Финансы и статистика, 2013. - 160 с.

22. Исмоилов М.М., Худжамкулов Р.Б. Оплата и стимулирование труда на промышленных предприятиях Таджикистана в рыночных условиях хозяйствования // -Издательство «Дабир». - Худжанд.-2018.

23. Кабутов М.К. Занятость населения трудоизбыточного региона в условиях становления рыночной экономики /М.К.Кабутов. – Душанбе, 1997. - 135 с.

24. Качан Е.П. Управление трудовыми ресурсами. М.: Издательский дом «Юридическая книга», 2005. 358с. С.126.

25. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег. Антология экономической классики / Дж.М. Кейнс. – М.: «ЭКОНОВ», «КЛЮЧ», 1993. – 339.

26. Кенэ Ф. Избранные экономические произведения – М.: 1960 – с361.

27. Кибанов А.Я. Система управления персоналом. М.: Проспект, 2012. С. 115.

28. Кларк Дж. Б. Распределение богатства. Пер. с англ. М.: Гелиос АРВ. 2000. Гл. IX, X.С. 367.

29. Классики кейнсианства: В 2 – х Т. Т 1 и 2. М.: 1997г.

30. Костин Л.А. Производительность труда и технический прогресс. - М.: Экономика, 2015. - 255 с.

31. Макконнелл К. Р., Брю С.А. Экономикс: принципы, проблемы и политика. В 2- х т. Т1.- М: Республика 1992г.С.420.

32. Макконнелл К.Р., Брю С.А. Экономикс: принципы, проблемы и политика. В 2 – х т. Т2 – М.: Республика 1992г.С.400.

33. Маркс К. Капитал. Критика политической экономии// Маркс К., Энгельс Ф. Избр. Соч.: В 9 т. М.: Изд-во полит, лит., 1988. Т. 9. Ч 2. С. 345.

34. Маркс К. Энгельс Ф. Соч. – Т. 23. – С. 533.

35. Маршалл А. Принципы политической экономии. Соч.: В 3 т. Пер. с англ. М.: Прогресс, 1984. Т. 3. Кн. VI.С.313.

36. Мизес Л. Фон. Либерализм. Нер. с англ. М.: СОЦИУМ, 2001. 240с.

37. Милль Дж. С. Основы политической экономии: В 3 т. Пер. с англ. М.: Прогресс, 1980.С.450.

38. Моргунов Е. Управление персоналом. Исследование, оценка, обучение. 3–е изд., перераб. и доп. М.: Юрайт, 2011. С. 114.

39. Мухитдинова Ш.С. Национальный рынок труда Таджикистана в условиях глобализации. – Душанбе: Ирфон, 2019. 156с.

40. Нурмахмадов М.Н. Управление организаций труда в промышленности. Душанбе 1987- 107с

41. Одегов Ю.Г., Карташова Л.В. Управление персоналом, оценка эффективности: Учебное пособие для вузов. М.: Экзамен, 2004. С. 256.

42. Петти У. Трактат о налогах и сборах. Пер. с англ. Петрозаводск: Петроком, 1993. 153 с.

43. Пигу А. Экономическая теория благосостояния. Пер. с англ. М.: Професс, 1985. Т. 1. 512 с.

44. Политика доходов и заработной платы / Под ред. Савченко П. В. И Кокина Ю. П. М.: Юристъ, 2000.455 с.

45. Промышленность Таджикистана за годы государственной независимости. Коллективная монография; НАНТ, Институт экономики и демографии. / Под общей редакцией Рахимзода Ш. – Душанбе: Дониш, 2021. 677с.

46. Райзберг Б.А. Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. Изд. 4-е, перераб. и доп. М., 2005. С. 410

47. Райзберг Б.А. Современный экономический словарь. 5-е изд. перераб. и доп. – Москва: ИНФРА-М, 2022 – 512с Большой экономический словарь/ под ред. А.Н. Азрилияна. М., 2004, С-412.

48. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. Изд. 6-е, перераб. и доп. М.: ИНФАР-М, 2022. 512с. С. 438.

49. Рахимов Р.К. Проблемы развития переходной экономики Республики Таджикистан. Душанбе, 2012. С. – 387.

50. Раҳимов Р.К., Довгялло Я.П., Шарипов Б.М., Юсуфбеков Ю.Р. Макроэкономические пропорции и механизмы экономического роста в

Республике Таджикистан (проблемы и основные направления совершенствования). Под общей редакцией Саидмуродова Л.Х. Душанбе, ОАО «Чопхонаи Дониш», 2016. 652с.

51. Сангинзода Э.Н., Сангинова М.А.О целях и задачах политики занятости в Республике Таджикистан// научный журнал государственного учреждения «научно-исследовательский институт труда, миграции и занятости населения». Рынок труда 2 (45), -Душанбе.-2020.- 104 с.

52. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. М.: Соцэкгиз, 1962. 684 с.

53. Соблюдение права лиц с инвалидностью на достойный труд и занятость в Республике Таджикистан // отчет по результатам мониторинга 3- я фаза.- Душанбе – 2013.-66 с.

54. Тодаро М.П. Экономическое развитие: учебник / М.: МГУ, Юнити, 1997. С. 191

55. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон душанбе, 2021. 700с.

56. Ульмасов Р.У. Миграция и рынок труда России и Таджикистана: проблемы и перспективы / Р.У. Ульмасов и др. – Душанбе: Фонд им. Ф. Эберта, 2010. – 256с.

57. Умаров Х., Ульмасов Р. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане (причины, проблемы, последствия, управление)./Х Умаров, Р.У. Ульмасов – Душанбе: Ирфон, 2006. - 54с.

58. Эренбергер Р. Дж., Смит Р.С. Современная экономика труда: теория и государственная политика. М., 1996. С. 34.

59. Ben-Porath Y. The Production of Human Capital and the Life Cycle of Earning // The Journal of Political Economy. 1967. Aug. 1967. P. 363.

60. Bowen H. R. Investment in Lerning. San Francisco, 1978. P. 362.

61. Machlup F. The Economics of Information and Human Capital. Princeton, 1984. P. 419.

**Мақолаҳо ва маърузаҳо**

62. Абдуллаев К. Х. Производительность труда как фактор повышения эффективности производства на предприятии // Российское предпринимательство. 2011. № 12. Выпуск. 1 (197). С. 176–180.

63. Абдурахмонова, Н.М. Государственная политика занятости как фактор эффективного государственного управления рынком труда // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук - Душанбе: СИНО, 2018.-№4/8.с.144-149.

64. Алиджанов Д.А. Взаимосвязь занятости трудовых ресурсов и стимулирования импортозамещающего роста в Республике Таджикистан.// Экономический журнал № 3 (39) М.: 2015. С. 18-30.

65. Бабаджанов Р.М. Механизм формирования системы управления начальным профессионально-техническим образованием в РТ//Научный журнал государственного учреждения «научно-исследовательский институт труда, миграции и занятости населения». Рынок труда 2 (45), -Душанбе. -2020.

66. Бабаджанов Р.М. Перспективы развития рынка труда Республики Таджикистан в контексте Национальной Стратегии Развития//Материалы республиканской научно-практической конференции «Социально-трудовые проблемы воспроизводства человеческого капитала в национальной экономической системе Таджикистана в период независимости (28-29 октября 2016г.)» - Душанбе: ООО «Сифат-Офсет». С.139-144

67. Бабаджанов Р.М. Политика занятости как составная часть Программы социально-экономического развития в условиях перехода к рыночным отношениям. / Р.М. Бабаджанов // НИИ труда и соцзащиты населения Минтруд соцзащиты Республики Таджикистан. – 2012.– №4 (15).

68. Бавыкина Е. Н., Гущина С. С., Корецкая Т. В. Качественный анализ рынка труда молодых специалистов // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2017. – Т. 31. – С. 1446–1450.

69. Безбородова Т.М. Экономическая составляющая международной трудовой миграции. // Сибирский торгово-экономический журнал. – № 16. – 2012. – С. 12-16.

70. Безруков Д.А. Рынок труда: институциональный аспект исследования. // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета. – № 3. – 2009. – С. 13-15.

71. Бобоев А.А., Махкамов П.Законодательство Республики Таджикистан в области миграции и необходимость его совершенствования// Научный журнал государственного учреждения «научно-исследовательский институт труда, миграции и занятости населения». Рынок труда 2 (45), - Душанбе.-2020.-104 с.

72. Бобрешова И.П. Конъюнктура регионального рынка труда // Вестник Оренбургского государственного университета. - № 8 (183). – 2015. - С. 8-14.

73. Водяхина С.А. Предпосылки реформирования системы подготовки и переподготовки населения // Профессиональное образование. Столица -№7, 2010-С.10

74. Воропаева Н.В., Гиниева С.Б. Достойный труд - основа стабильного общества: материалы IV Междунар. науч.-практ. конф. Уральский государственный экономический университет г. Екатеринбург. Часть 2 - Екатеринбург: Изд-во Урал. гос. экон. ун-та, 2012. - Ч. 2. – 228 с.

75. Горбунова О.Н. Генезис категории «трудовые ресурсы».// Социально-экономические явления и процессы. М. № 3-4 (025-026). 2011 С. 62-69.

76. Долженко С.Б., Малышев Д.С. Оценка производительности труда на предприятиях в России и Италии // Известия Уральского государственного экономического университета. - 2019. - Т. 20, № 1. - С. 95–111.

77. Ефремова А. А., Солонинчик К. Факторы и пути повышения производительности труда //Инновационная наука. 2015. Т. 1. № 6 (6). С. 76–80.

78. Зимнякова Т.С., Самусенко С.А. Международный опыт оценки и анализа показателей производительности труда на национальном и региональном уровнях // Вестник Томского государственного университета. Экономика. – 2020. - №51. – С. 5-20.

79. Золотов А.В. Общественная производительность труда // Экономист. - 2002. - № 6. - С. 92-96.

80. Каюмов Н.К. Приоритеты и меры по стимулированию экономического развития Республики Таджикистан в переходный период. Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе.2001г. №3 С-113.

81. Каюмов Н.К., Назаров Т.Н., Махмудов И.И., Рахимов Р.К., Умаров Х.У. Глобализационные процессы и экономические проблемы Таджикистана. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе 2003 №4 С. 5-64.

82. Каюмов Н.К., Назаров Т.Н., Рахимов Р.К. К вопросу о темпах экономического роста в условиях переходной экономики Таджикистана. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе 2002, № 3.С. 23-38.

83. Каюмов Н.К., Умаров Х.У. Глобализация экономики и внешнеэкономические связи Таджикистана//Экономика Таджикистана: стратегия развития № 3, Душанбе, 2005. С. 79-80.

84. Клейнер Г.Б. Управление развитием экономики в переходной экономике//Вопросы экономики. - №7. – 1999. – С. 24-26.

85. Кочетов А. Профессиональное образование и рынок труда: проблемы взаимодействия – С.82

86. Козырев В.М. Адам Смит: его роль в становлении экономической науки // Вестник РМАТ. – 2012. - №2.3. – С. 48-58.

87. Кожанов М.В. Эволюция понятия производительности // Вестник Московского государственного университета печати имени Ивана Федорова. – 2011. - №2. – С. 332-336.

88. Комилов С.Ҷ. Иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2021. № 1 (35). С. 47-53.

89. Комилов С.Д. Проблемы повышения инновационной активности предприятий в Республике Таджикистан// Евразийский международный научно-аналитический журнал «Проблемы современной экономики». № 1 (29). 2009.-С.313-316.

90. Комилов С.Д., Шодибеки Сафар. Особенности занятости в условиях индустриально-инновационного развития.// Таджикистан и современный мир. Вестник ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе: ЦСИ, 2019. № 5 (68). С. 68-78.

91. Комилов С.Д., Рахматов Х.Б., Миразизов А.Х. Раджабова И.Р. Необходимость и задачи регулирования регионального рынка труда в условиях инновационного развития. Сборник научных статей. – Душанбе: РТСУ, 2017. С. 60-65.

92. Кондратьева Е.В. Факторы повышения уровня производительности труда в современной экономике России // Экономический анализ: теория и практика. - 2015. - №32. - С. 27 - 38.

93. Косякова Л.Н., Попова А.Л. Задачи повышения производительности труда в России и пути их решения // Известия Санкт-Петербургского государственного аграрного университета. - 2017. - № 3 (48). - С. 153-157.

94. Колесникова С.В. Эффективность использования трудовых ресурсов в организации // Вопросы экономики и управления. – 2016. – №5. – С. 153-154.

95. Махмадаминов М. Проблемы повышения эффективности структуры занятости трудовых ресурсов Таджикистана / Материалы научно-практической конференции на тему «Проблемы трудовых отношений и социального развития в Таджикистане». – Душанбе, 29-30 октября 2010.– С. 8.

96. Мирзоалиев А.А. Вазъи бозори меҳнат дар шароити муосир/ А.А. Мирзоалиев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2021 №4/1(38),-С.108-114

97. Мкртычан З.В. Модели упраления производительностью труда // Менеджмент в России и за рубежом. - 2021. - №2. - С. 36-41.

98. Мкртычан З.В. Классификация факторов, оказывающих влияние на производительность труда // Сибирская финансовая школа. - 2020. - №3. - С. 23-30

99. Мкртычан З.В. Методы измерения показателей качества управления и производства в современной экономике // Экономические и гуманитарные науки. 2019. - № 12. - С. 66-76.

100. Мусаев Б.А. Управление занятостью на российском рынке труда в современных условиях / Успехи современной науки, 2017. Том5. №3. С. 52.

101. Новаковская О. Человеческий капитал как объект управления// Человек и труд. 2001.№12. С.78-80.

102. Назаров А.А. Формирование и развитию лидерского движения среди молодых специалистов и кадров управления местной власти. // Вестник Таджикского национального университета. – 2019, № 1. С. 27–38.

103. Рахимов Р.К. Глобализация и проблемы экономического роста в Республике Таджикистан. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе 2004 №1. С. 50.

104. Рахимов Р.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе 2003 №1. С. 35.

105. Раҷабов О.Ҷ., Ахмадов Ф.М. Таҳлили омории тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / О.Ҷ. Раҷабов, Ф.М. Ахмадов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Илмҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва соҳаи иҷтимоӣ. – 2021. – №1. (35). – С. 88-95.

106. Рофе А.И. О содержании понятий «трудовые ресурсы» и «рабочая сила» // Человек и труд. 1997. №3. С. 14.

107. Рыжков Д. А. Трудовые ресурсы: сущность, эффективность управления и использования в современных условиях // Вестник МГУЛ – Лесной вестник. 2010. №2. С.170-179.

108. Травин В.В. Кадровая политика в современных условиях. М., 2006, С. 364.

109. Трункина Л.В., Крумина К.В. Управление трудовым потенциалом: информационно-коммуникационный аспект // Российское предпринимательство. – 2012. – №17 (215). – С. 72-77.

110. Умаров Х.У. Повышение уровня занятости как фактор ускорения динамики и эффективности национальной экономики / Х.У. Умаров // Проблемы трудовых отношений и социального развития Таджикистана. Мат. Респ. науч.-практ. конференции. Душанбе: «То Рус», 2008. – С. 19.

111. Факеров Х.Н., Нурмахмадов М. Население, трудовые ресурсы, занятость и безработица Республики Таджикистан / Х.Н., Факеров, М. Нурмахмадов // Материалы Республиканской научно-практической конференции, посвященной 15 - летию Государственной независимости Республики Таджикистан . – 2005. – С. 3-12.

112. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи К. Экономика. М., 1993. С. 303.

113. Хоналиев Н. Проблемы повышения эффективности структуры занятости трудовых ресурсов Таджикистана /Материалы научно-практической конференции на тему «Проблемы трудовых отношений и социального развития в Таджикистане». – Душанбе, 29-30 октября 2010. – С. 36.

114. Шокаримов Ю.А. Отдельные вопросы теории оплаты труда // научный журнал государственного учреждения «научно-исследовательский институт труда, миграции и занятости населения». Рынок труда 2 (45), - Душанбе.-2020. .-104 с.

115. Экономическая энциклопедия / гл. ред. Л. И. Абалкин. М., 1999. С. 76.

**Диссертатсия ва авторефератҳо**

116. Мирзоалиев А.А., Нурмахмадов М. Социально-трудовые отношения: вопросы мониторинга. Монография - Душанбе, Ирфон,2005, 104с.

117. Пашин Н.П. Эффективность политики регулирования занятости населения в деятельности государственной службы занятости на переходном этапе развития российской экономики (Теоретико-методологический аспект).

дисс. на соис. ученой степени доктора экон. наук. М. 2001. С. – 47.; Антосенков Е. Петров Ю. Мониторинг социально-трудовой сферы. //Экономит. – 1998. - № 4 – с. 34.

118. Ризокулов Т.Р. Теоретико-методологические особенности преодоления стагфляционных процессов в трансформационной экономике (на примере Республики Таджикистан). Автореферат дисс. на соис. уч. степени док-ра экон-их наук. Душанбе 2009. 47с. С.37

119. Саломова Г. Г. Институциональные основы управления рынка труда в Республике Таджикистан.): Дис. … канд. экон. наук: 08.00.01.– Душанбе, 2006. – С.8.

120. Токарева В. В. Развитие человеческого капитала на субрегиональном уровне (в малых городах России): дис. канд. экон. наук. Мичуринск, 2004. С. 18.

121. Тохирджонов Б.Т. Совершенствование управления воспроизводством и использованием трудовых ресурсов в сельской местности. Дисс. на соис. уч. Степени канд. эконом. наук. По спец. 08.00.05 – экономика и управление народным хозяйством (экономика труда). Бохтар, 2020. С. 27.

122. Усманова Т. Дж. Теоретические вопросы управления и особенности рынка труда в условиях переходной экономики: на примере Республики Таджикистан: Дис. … д-ра экон. наук: 08.00.01/ Усманова Туфа Джумаевна. – Душанбе, 2006.

123. Ульмасов Р.У. Развитие регулирования временной трудовой эмиграции из Таджикистана в Российскую Федерацию: диссертация ... доктора экономических наук: 08.00.05 - Москва, 2010.- 383 с.

124. Яппаров, Д.А. Управление занятостью населения на региональном уровне: дис. на соискание уч. степени канд. экон. наук: 08.00.05: защищена 09.10.2007 / Д.А. Яппаров, 2007. – 169 с. – С. 43.

## Сарчашмаҳои электронӣ

125. Алиева П.Р., Мирзабалаева Ф.И. Региональные социально-экономические факторы развития трудового потенциала // Современные проблемы науки и образования. – 2013. – № 4; URL: www.science-education.ru/110-9738 (Санаи муроҷиат: 20.10.2022).

126. Идеи экономического либерализма [Захираи электронӣ] – речаи дастрасӣ:https://spravochnick.ru/ekonomika/ekonomicheskiy_liberalizm/idei_ekonomicheskogo_liberalizma/

127. Козлов А.А. Управление трудовыми ресурсами промышленных предприятий в условиях трансформации экономики. [Захираи электронӣ]. А.А. Козлов. Брест: Изд-во БрГУ, 2018. 156 с. Речаи дастрай: https://abium24.ru/spisok-literatury-po-analiz-trudovykh-resursov/ (санаи муроҷиат: 29.11.2022).

128. Производительность труда: можно ли выйти из тупика?. Маводи электронӣ / Речаи дастрасӣ: https: // forbes-ru.turbopages.org/s/forbes.ru/biznes/380253-proizvoditelnost-truda-mozhno-livyyti-iz-tupika.

129. Щекин Г. В. Социальная теория и кадровая политика. Монография. [Маводи электронӣ]. Речаи дастрасӣ: http://tourlib.net/books_men/schekin_st.pdf

130. https://www.vsemirnyjbank.org/ru

131. http://president.tj

132. http://www.heritage.org/index/

133. http://www.rhd.tj/docs/policydocs/18-programma-ekonomicheskogo-razvitiya-respubliki-tadzhikistan-na-period-do-2015-g.html

134. Price V.C. Industrial policies in the European Community // Macmillan for the Trade Policy Research Centre. 1981. Vol. 4.

135. Rodrik D. Industrial Policy for the twenty-first century. (November 2004). CEPR Discussion Paper No. 4767. Available at SSRN: http://ssrn.com/abstract=666808.

# ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ НАШРШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

## А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

[1-М]. Кармышева М.Н. Зарурати инкишофи касбии захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. Н. Кармышева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 5. – P. 156-163 . – EDN NBJFRU.

[2-М]. Кармышева М.Н. Тафсири иҷтимоӣ-иқтисодии захираҳои меҳнатӣ/ Кармышева М.Н. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. –2022 –№2 –С.140-147 ISSN 2308-054X.

[3-М]. Кармышева М.Н. Амонатова М.А. Нақши осорҳои таърихӣ - фарҳангӣ дар рушди сайёҳии Тоҷикистони марказӣ/ Кармышева М.Н., Амонатова М.А. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. –2022 –№2–С.201-206 ISSN 2308-054X.

[4-М]. Кармышева М.Н. Назирӣ Г.Н. Хусусиятҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар як қатор кишварҳои хориҷӣ/ Назирӣ Г.Н., Кармышева М.Н. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2022 – №11 С.121 -127 ISSN 2413-5151

[5-М]. Кармышева М.Н. Хусусиятҳои ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кармышева М.Н. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. –2023 –№2 С. 131-141 ISSN2310-3957

## Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯйи маводҳои конференсия:

[6-М]. Кармышева М.Н. Самаранокии итифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва нишондодҳои асосии он дар иқтисодиёти миллӣ // Маводҳои

Конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзӯи “Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир” бахшида “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф” (солҳои 2020-2040)– Душанбе, 2022. - С.416-423.

[7-М]. Кармышева М.Н. Роҳҳои баланд намудани ҳосилнокии меҳнат дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводҳои Конференсияи Ҷумҳуриявии илми амалӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрами иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандон (30 марти 2023)” – Душанбе, 2023. - С.222-230.

[8-М]. Кармышева М.Н. Такомули танзими давлатии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводҳои Конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзӯи “Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир” бахшида “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф” (солҳои 2020-2040)– Душанбе, 2022. - С.479-485.